**Сафар Амирхон**

# ЧАРОҒИ МЕҲР

Душанбе
«Адиб»
2014

ББК 84 Тоҷик 7-5
А-27

Муҳаррирон
*Муҳаммад Ғоиб ва Гурез Сафар*

А-27 **Сафар Амирхон. Чароғи меҳр** (мунтахаби ашъор).
– Душанбе, «Адиб», 2014, 256 саҳ.

«Чароғи меҳр» шеърҳои дар давраҳои гуногун эҷодкардаи шоирро дар бар мегирад, ки аз меҳру вафодорӣ ва ишқу тараннуми зебоиву ватандӯстӣ саршоранд.

Сафар Амирхон шоирест навҷӯю тозабаён, ки бо равониву образнокии офаридаҳояш дар дили хонанда зуд ҷой мегирад.

ISBN 978-99947-2-348-5

© Нашриёти «Адиб», 2014

# ҚИБЛАИ АРМОН

## ВАТАН

Ифтихори ман ту ҳастӣ, эй Ватан,
Навбаҳори ман ту ҳастӣ, эй Ватан.
Дур аз хоки ту ман бечораам,
Иқтидори ман ту ҳастӣ, эй Ватан.

Зарраи хокат бароям зар бувад,
Пахтаи бишкуфтаат ахтар бувад,
Духтаронат марди майдону набард,
Дар мисоли кӯҳи Чилдухтар бувад.

Қуллаҳоят минбару тахти ман аст,
Чашмаат оинаи бахти ман аст,
Пои душман то набинад хоки ту,
Дар дифоят панҷаи сахти ман аст.

Эй Ватан, бас дилнишин гардидаӣ,
Чун арӯсон нозанин гардидаӣ.
Дар кафи зебопарасти ин замин
Ҳамчунон ангуштарин гардидаӣ.

Меҳри ту умре баҳорам, эй Ватан,
Шохаву ҳам баргу борам, эй Ватан.
Пеши ту ман ҳамчу фарзанди азиз
Қарздорам, қарздорам, эй Ватан.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, сарзамини мардуми бонанги ман,
Тоҷикистон, сози армони дилу оҳанги ман.
Ҳамчу кони Хоҷамӯъмин мерасад баҳри ҷаҳон
Ҳикмати аҷдоди олишону бофарҳанги ман.

Заргадоён аз пайи зар то Зарафшон омаданд,
Чун балое лаълхоҳон то Бадахшон омаданд.
Тӯдае аз чашмтангон бо силоҳу зарби теғ
То шавад соҳибнамак, то мулки Хатлон омаданд.

Тоб овардӣ ба садҳо тӯҳмату макру дурӯғ,
Бар алайҳи душманони кинадору бефурӯғ.
Дафтари аҷдоди олишони худ ёбам кунун
Дар варақҳо зард гашта зери санги кӯҳи Мӯғ.

Шӯҳрати ту ин дам аз чархи барин болотар аст,
Аз ҳама Боми Ҷаҳонат дар замин болотар аст.
Камзаминию вале асло набуд кам ҳимматат,
Зери ҳар санги ту ганҷу рӯи сангат минбар аст.

Абри гирёни хаёлам меравад кӯи ба кӯ,
Қисмати бигзаштаат ҳар гоҳ ояд пеши рӯ.
Дида имрӯзи дурахшони туро, бахти туро,
Қад фарозад дар замини сина нахли орзӯ.

## ҚИБЛАИ АРМОН

Аз Худо умре талабгорам
Бахту иқболи сафедатро.
Бар касе асло набахшоям
Зарраи гарди умедатро.

Гар ғами дунё ба сар ояд,
Кай гузорам дарду ғам бинӣ?
Мехӯрам захри аламҳоят,
То ту умри беалам бинӣ.

Ҳар кучо бошам агар бе ту,
Як тани танҳои танҳоям.
Бе ҳарори меҳри поки ту
Ку шароре дар суханҳоям?

Чор унсури вафодорист
Чор унсури вуҷуди ман.
Обу хоку оташу бодат
Давлату буду набуди ман.

Ҳамчу калтути канори раҳ
Реша дорам дар дили хокат.
Аз табардастон наметарсам,
Кардаам бас бо ту ман одат.

Эй Ватан, эй қиблаи армон,
Эй сафои рӯзгори ман,
Аз ту бошад ин сари сабзам,
Аз ту ин зӯру мадори ман.

## КАЪБАИ МЕҲР

Қиблаву қибланамоям Ватан аст,
Каъбаи меҳру вафоям Ватан аст.

Дар дилам созу наво бе ӯ ку?
Този лабрези навоям Ватан аст.

Дами дурӣ зи Ватан – дарди гарон,
Нӯшдорую давоям Ватан аст.

Сабзаи хоки тараш саҷдагаҳам,
Саҷдаву бонги салоям Ватан аст.

Анбаромез насимаш ҳама дам,
Муждаи боди сабоям Ватан аст.

Дар раҳи ишқ агар месӯзам,
Маснади нуру зиёям Ватан аст.

Бе Ватан бепанаҳу дарбадарам,
Ҳадяи бори Худоям Ватан аст.

## ҒАМ МЕХӮРАМ

Дида ғамдарсар туро дар зиндагӣ,
Аз бароят, эй Ватан, ғам мехӯрам.
Ҳамчу боди беқарорат раҳ ба раҳ
Қатра-қатра оби шабнам мехӯрам.

Мисли ғамдоре ба бар бинмудаӣ,
Аз сияҳшоли аламҳо пераҳан.
Дида ин ҳоли парешони туро,
Мешавад шодӣ маро хоки даҳан.

Чун қатори селаи мурғони рав
Тифлаконат аз барат рам хӯрда рафт.
Аз ҷафову аз хатову аз қазо
Қисмате хунобаи ғам хӯрда рафт.

Хуни фарзандони раҳгумгаштаат
Шуд ғубору доғи дил умре туро.
Аз ғиромиҳову ҷурми зумрае
Шуд хазонӣ боғи дил умре туро.

Дар мазористони хору зори ту
Пуштаҳо гардида пур аз гӯри нав.
Мурда кайҳо эътиқоди зиндаҳо,
Зиндагӣ дигар надорад нури нав.

Бо ту дорам як ҷаҳон ишқу ҳавас,
Эй Ватан, эй Каъбаи армони ман,
Баҳри ман як зарраи хоки ту бас,
Қиблаи ман, дарди ман, дармони ман.

## САРМАНШАИ ЭҶОД

Кӯлоб! Ту сарманшаи эҷоди ман астӣ,
Иқболи хушу табъи худододи ман астӣ.

Тифлона дар оғӯши биҳиштии ту нозам,
Чун модари ҷон аз пайи имдоди ман астӣ.

Бисёр ҷафо дида ту дар арсаи таърих,
Сад шукр, кунун хонаи ободи ман астӣ.

Бас лашкари хунхор шуда пеши ту сархам,
Шаҳболи[1] зафарпешаву озоди ман астӣ.

Атри сумману мушки саҳаргоҳи ту дилкаш,
Гулбоғи шукуфони дили шоди ман астӣ.

То авҷи фалак ҷилваи ҳарфу суханат рафт,
Шоҳи Ҳамадони суханободи ман астӣ.

Бо чеҳраи зебои чаканпӯши гуландом
Сарриштаи ҳарфи раҳи иршоди ман астӣ.

---

[1] Шаҳбол – яке аз шоҳони Хатлон

## ХАТЛОН

Эй хоки зарафшони ман,
Эй сурмаи чашмони ман,
Дунёи сад армони ман,
Хатлони ман, Хатлони ман.

Гардидаӣ аз нав ҷавон,
Дорӣ баҳори бехазон,
Ҳастӣ маро пайванди ҷон,
Хатлони ман, Хатлони ман.

Шукронаи Сартези ту,
Гултеппаи гулрези ту,
Ҳам хоки ҳосилхези ту,
Хатлони ман, Хатлони ман.

Монанди кӯҳи Валвалак,
Ҳастӣ ту ҳампои фалак,
Кони сухан, кони намак,
Хатлони ман, Хатлони ман.

## МЕҲРОБОД

Эй диёри меҳробод,
Сарзамини ишқбунёд,
Эй биҳиштӣ рӯи дунё,
Манбаи илҳому эҷод,
Мӯъминободи азизам.

Бо дили пуршӯру исён
Чашмасоронат хурӯшон.
Кам набошад кӯҳи Эмом
Аз баландии Бадахшон,
Мӯъминободи азизам.

Кӯҳсорони ту дилкаш,
Боду борони ту дилкаш.
Қад-қади хам,лаб-лаби ҷӯ
Сабзазорони ту дилкаш,
Мӯъминободи азизам.

Дида Дашти Ар-аратро,
Ҳусни Шаҳри Барбаратро
Гашта масти ҳусни Толеъ,
Меситоям Кафтаратро,
Мӯъминободи азизам.

Санг баста баҳри номус,
Бар алайҳи хасми манҳус,
Чил тани Чилдухтаронат
Худ бувад монанди қомус,
Мӯъминободи азизам.

Ту атои сарнавиштӣ,
Обу хоки ман сириштӣ.
Сабзу зебову мусаффо
Чун биҳиштӣ, чун биҳиштӣ,
Мӯъминободи азизам.

## ҶАҲОНИ МАН

Ҷони ману ҷаҳони ман,
Тозагии забони ман,
Давлати ман, замони ман,
Шодии ҷовидони ман
Туӣ Ватан, туӣ Ватан.

Бо ҳама беканорият,
Ҳусни гули баҳорият,
Покию беғуборият
Шӯҳрату шаъну шони ман
Туӣ Ватан, туӣ Ватан.

Олами орзуи ман,
Қисмату ҷустуҷӯи ман,
Сӯҳбату гуфтугӯи ман,
Маънии достони ман
Туӣ Ватан, туӣ ватан.

## МЕҲР

Чу ҳар гоҳе биоям сӯи деҳа,
Нафас гирам зи анбарбӯи деҳа.
Барад ёди маро як лаҳза бо худ
Нигоҳи духтари хушрӯи деҳа.

Бубинам қуллаҳои сарбаландаш,
Ҷавонмардони мушкилнописандаш.
Нишинам лаҳзае бо мӯсафедон,
Барам то баҳра аз дунёи пандаш.

Ба лаҳни мурғи даштӣ медиҳам гӯш,
Садои чирчиракҳо мебарад ҳуш.
Нигоҳамро барад саҳрои сабзаш,
Маро гардад ғами дунё фаромӯш.

Сиёҳӣ мекунад чашми сафедор
Зи саҳни ҳотаву аз пушти девор,
Мани ҳамсоли худро дида ногаҳ,
Суруди «Шир-шир»-ашро карда такрор.

Надидам деҳи зебое мисолат,
Кунам шукронаи оби зулолат.
Илоҳо, бишканад ин хомаи ман,
Ҷудо бошам даме гар аз хаёлат.

## ЧАШМАИ ТОЛЕЪ

Тӯӣ иқболу толеи баландам чашмаи Толеъ,
Нишони баччагии бегазандам, чашмаи Толеъ.
Шикасти мавҷу овози ту ҳар дам медиҳад пандам,
Туӣ деҳотии дунёи пандам чашмаи Толеъ.

Ба номи худ ҷӯям дами ошуфтаҳолӣ чораю тадбир,
Зи ёрони забонӣ он гаҳе, ки мешавам дилгир,
Ҳамехоҳам, ки бошам ҳамдилу ҳамрозу ҳамсозат,
Тани танҳо нишинам соате ман бо ту ҳамтақдир.

Намонда ҷуз туву ҷуз мушти он калтути хушкида
Дигар ин ҷо нишон аз деҳаи Толеъи кӯчида.
Дар ин шаҳри калон ҳар гаҳ ки бинам гулфурӯшонро,
Ба ёдам мерасад садҳо гули худрӯи ночида.

Садои нағмаи ту нолаҳои модари зор аст,
Ва ё оҳи дили заҳматкаши пурдарди кӯҳсор аст.
Кунун аз деҳаи кӯчида монда мушти тути пир,
Ба роҳи омади кӯчидагон бо дидаи чор аст.

## БУД АҶАБ ДУНЁИ АФСОНА

Як замон ин зиндагӣ ранги дигар буд,
Ченаки одамгарӣ илму ҳунар буд.
Чашми ҳақбини замон аҳли назар буд,
Зиндагиро файзу эҳсону самар буд,
Бохирад бологузар буд.

Устодро обрӯву эътиборе буд,
Гулшани ҳастӣ ба монанди баҳоре буд.
Обрӯи одамӣ аз пушти коре буд,
Дар дили мардум куҷо гарду ғуборе буд.
Босаховат рӯзгоре буд.

Кай будӣ дар нуқтаи савдо рафи холӣ,
Кай будӣ қиматфурӯшонро сафи олӣ.
Зиндагӣ тобад кунун ҳамчун кафи холӣ,
Мекунад баҳри фиребаш ҳар яке золӣ.
Курмак афзун гашта аз шолӣ.

Кай хаёли ину ону чуну чандат буд,
Кай ғаме аз чойу ширу нону қандат буд.
Кай ҳасибу равғану моҳӣ писандат буд,
Ахтари иқбол дар арши баландат буд,
Як умедеву равандат буд.

Кай будӣ фарқе миёни хешу бегона,
Шашяки рӯи замин баҳри ту буд хона.
Менамудӣ шукри обу хоку ҳам дона,
Шуд гулистон шӯразору чӯлу вайрона,
Буд аҷаб дунёи афсона.

## ҲАСРАТИ ФИРДАВСӢ

Ҷафои замона на кам дидаам,
Басо дарду доғу алам дидаам.
Ниҳоли умедам диҳад то самар,
Ба сар теғро чун қалам дидаам.

Зи доғи замона шудам дилфигор,
Набошад чу ман дигаре хори зор.
Гузаштам зи баҳри нишоти ҷаҳон,
Бинои сухан кардаам пойдор.

Чӣ моҳу чӣ соле, ки рафт аз миён,
Биёбам нишон то аз он бостон,
Суханро чу тахти баланди Каён
Фалакгир кардам аз ин остон.

Чӣ моҳу чӣ соле,ки аз сар гузашт,
Ҷавонии умрам ҳама даргузашт.
Зи таърихи шоҳону номоварон
Навиштам якояк ҳама саргузашт.

Аҷамро зи нав гуфтам эҳё кунам,
Варо тоҷи заррин ба дунё кунам.
Хамупечу тоби замони куҳан
Ба ангушти сеҳри сухан во кунам.

Зи шоҳаншаҳонам чӣ ҷои умед,
Самар кӣ гирифт аз дарахтони бед?
Чу подоши ганҷи гаронмояам
Магар кушта гардам ба пили сапед?

Биёву ба ҳоли низорам нигар,
Ба қалби ҳазину фигорам нигар.
Шавад кош боғи падар манзилам,
Худоё, ба сӯи мазорам бубар.

## ХУДФИРЕБӢ

Донае то кунун насабзонда,
Хирман аз зиндагӣ талаб дорем.
Роҳгумем дар замину вале
Зӯҳраро аз фалак талабгорем.

Пайраҳи орзӯ напаймуда,
Хешро раҳкушо биангорем,
Рӯ ба рӯ бесалом гаҳ гузарем.
Аз ҳама гӯиё ки пуркорем.

Мо набахшида косаи обе,
«Марди дарёдилем»,– мегӯем.
Зиндагиро фиреб дода гаҳе,
Комилем, оқилем мегӯем.

Бояд аз баҳри қисмати фардо
Бештар қадри ҳамдигар донем.
То бидонем қадри дунёро,
Пештар қадри ҳамдигар донем.

## ИМТИҲОН

Зиндагӣ – устоди пандомӯзи ман,
Дар дабистони ту тифли содаам.
Пеши ту чун дафтари машқи савод
Сафҳаи рози дилам бикшодаам.

Гаҳ ту бо ман ҳамчу модар меҳрубон,
Гаҳ чу момандар дуруштӣ мекунӣ.
Дасти меҳрат мениҳӣ гаҳ бар сарам,
Гоҳ таҳдидам ба муште мекунӣ.

Раҳнамоям мешавӣ то дурҳо –
Сӯи мулки нозанини орзу.
То дами мурдан зи байни дигарон
Хештанро то намоям ҷустуҷӯ.

Зиндагӣ – устоди пандомӯзи ман,
Бишнавам рӯзу шабон панди туро.
Дар ҳамин дурӯза умри хештан
Ман чашидам заҳру ҳам қанди туро.

Ханҷари ҷаррору ҷавҳардори ту
Чок ҳатто синаи гандум кунад.
Байни пастиву баландиҳои ту
Хештанро имтиҳон мардум кунад.

## ҲАМРАНГӢ

Шеъри ман монанди деҳам сода аст,
Чун дари деҳотиён бикшода аст
Сатрҳо ҳамчун пайи ҷуфти сипор
Бар замини дафтарам афтодааст.

Бӯи гулхору гияҳ ояд аз он,
Накҳати пӯшу бияҳ ояд аз он.
Ёди коҳу боди саҳрои кушод,
Гирдбоди рӯи раҳ ояд аз он.

Чирчиракҳоянд ҳамрози шабам,
Ахтарон огаҳ зи ҳар тобу табам.
Тобҳое мехӯрам чун гирдбод,
Мисрае то гул кунад андар лабам.

Меравам то пуштаҳои ёдҳо,
Гаҳ сукуте карда, гаҳ фарёдҳо,
Аз вафодорию меҳри беканор
Қисса мехонам ба гӯши бодҳо.

Хору хӯчаш гар танам пӯчидааст,
Хори ғамро меҳраш аз дил чидааст.
Бо гулу хору гиёҳу чашмааш
Деҳи ман бар шеъри ман кӯчидааст.

## ОҲНОМАИ ХАРОБАҲОИ ҲУЛБУК

Будам замоне нозанин,
Чун духтари Хатлонзамин.
Эй ворисн бигзаштагон,
Ин лаҳза аҳволам бубин,
Э вои ман, э вои ман.

Эъҷози аҷдоди туам,
Мӯҳтоҷи имдоди туам,
Чун тӯдахоки рӯи раҳ
Дар мулки ободи туам,
Эй вои ман, э вои ман.

Будам аҷаб овозадор
Дар Чину дар Балху Бухор,
Бар даргаҳам меомадӣ
Бас корвони бешумор,
Э вои ман, э вои ман.

Сад обу оташ дидаам,
Садҳо кашокаш дидаам.
Сад пушти одам даргузашт,
Ман худ шаҳиди зиндаам.
Э вои ман, э вои ман.

Бас қарнҳое зери хок
Будам чу ганҷе дар мағок,
Афгору побарҷо будам,
Аммо набудам синачок,
Э вои ман, эй вои ман.

Пинҳон будам аз чашми бад,
Аз нокасони бехирад.
Борону барфам мехӯрад
Оваҳ ки з-ин пас то абад,
Э вои ман, э вои ман.

Гарчи маро дарёфтанд,
Ҷону танамро кофтанд,
Некӣ накарда заррае,
Бар ҳоли худ партофтанд,
Э вои ман, э вои ман.

Афтодадеворам кунун,
Қасри валангорам кунун.
Беғам зи пешам нагзаред,
Дарду аламдорам кунун!
Э вои ман, э вои ман.

Ку хишти ман, девори ман,
Ку вориси ғамхори ман?!
Эй чорасозони замон,
Ку чорасози кори ман?!
Э вои ман, э вои ман.

*Соли 1985*

## ҶАФОДИДА

Эй халқи ҷафокашидаи ман,
Роҳат зи ҷафо надидаи ман.
Бечораву бенавою музтар
Тобӣ ту ба пеши дидаи ман.

Дастони ту гарчи гуфта тилло,
Тиллои сафеди ту рабуданд.
Фардои туро сафед гуфта,
Бас субҳи умеди ту рабуданд.

Гуфтанд, ки ҳокими замонӣ,
Ку ҳукми туву ҳукумати ту?
Бо дасти тиҳиву қалби холӣ,
Ҳайратзадаам ба ҳиммати ту.

Аз нармдиливу беғамиат
Бурданд ақиқу мармаратро.
Кай духтари маҳваши ту дида
Як пораи лаъли кишваратро?

Бас шаҳписарони навхати ту
Гаштанд шаҳиди ҷанги афғон.
Тобути сафеди оҳанине
Хобида ба рӯи мадфани шон.

Эй он ки ғами ҷаҳон туро бор,
Ку он ки хӯрад ғами ту боре?
Монанди ту ку каси ҷафокаш,
Ку мисли ту зору дилфигоре?

Эй халқи ҷафокашидаи ман,
Роҳат зи ҷафо надидаи ман,
Бечораву бенавою музтар
Тобӣ ту ба пеши дидаи ман.

*Соли 1991*

## ҲАМДАРД

Ман надидам агарчи оташи ҷанг,
Ашки ҷонсӯзи модарон дидам.
Нолаи беваҳои бетақдир,
Оҳи сад дардманд бишнидам.

Ман надидам агарчи сахтии ҷанг,
Дидаам заҳмати даравгарҳо.
Дарзаҳо дар нигоҳи ман метофт
Ҳамчунон захмдида аскарҳо.

Дар бари пуштаҳои кӯҳистон
Омадам нолаҳои ҷанг ба гӯш.
Бори вазнини зиндагонӣ дошт
Баччаи хомустухон бар дӯш.

Ман надидам агарчи оташи ҷанг,
Сӯхтам дар миёни оташи ғам.
Чун азодорҳо гирифтам ман
Дар бари кӯҳу пуштаҳо мотам…

## ҒАМГУСОР

*Барои садобардори родиё Ашӯрбӣ*

Дидаам, ки мекунӣ пайванд
Пора-пора тасмаҳои сабти овоз,
То кушоӣ пардаи роз.

Oнчуноне бо дилу дасти қавӣ
Пора карда аз дигар пайванд месозӣ
То кушоӣ пардаи роз.

Oнчуноне бо дилу дасти қавӣ
Пора карда аз дигар пайванд месозӣ.
Мисли ҷаррохе ҷароҳатҳои маҷрӯҳе кунад маРҳам,
Вораҳонад ҷони зораш аз кафи ғам.

Эй басо, ки лаҳзаҳои сабти овоз
Пеши чашмат тасмаи даввор гирди хеш мегардад.
Аз танини ҳарфи маҳзуну ғамине
Дил даруни синаи ту реш мегардад.

Дидаам, ки метаровад аз сари мижгони ту
Қатра-қатра ашки сӯзон,
Аз ғаму доғи азизон.
То паёми хуш расонӣ баҳри мардум,
Ҳарфи меҳру оштӣ печад миёни мавҷ,
Лаҳзаи осудаҳолии ту кам дидам,
Умри ту умри қалам дидам…

Кош пири зиндагӣ монандаи ту
Риштаи бигсастаи умри маро пайванд созад,
Шаҳди ҳастиро ба мисли қанд созад.

## ЁДИ ДЕҲА

Ба ёд омад хаёли деҳа имшаб
Чу мавҷи беқарори чашмасораш.
Хаёлан тай задам пайроҳаи деҳ
Мани муштоқи ҳусни навбаҳораш.

Замони баччагӣ чун хоби ширин
Ба пеши дида пайдо шуд дубора.
Зи савти селаи мурғони даштӣ
Дилам сармасту шайдо шуд дубора.

Нигоҳам то ба боми Каҳкашон рафт,
Вале тан такя бар нахли сафедор.
Ба лаҳни пар-пари барги дарахтон
Гумонам навҷавонӣ гашт такрор.

Хаёлам боз омад ёри дерин,
Ба нозе кокулонаш тоб дода.
Мани шайдову сармасти ҳавасҳо
Ду чашмонам зи ҳуснаш об дода.

Зи савти Чашмаи Толеъ ба нармӣ
Суруди ошно омад ба хотир.
Дили ман лаҳзае дар худ фурӯ рафт
Ба ёди деҳа чун марди мусофир.

## ДАЪВАТ

*Ба ҳамсабақҳои айёми донишҷӯӣ*

Дар куҷоед, куҷоед?
Ҳар куҷоед, биёед.
Нест дар зиндагӣ як лаҳзаи беғам будан,
Фориғ аз гардиши олам будан.
Тарҳу тақсими ҷаҳон бисёр аст,
Садқаи ҳар нафаси ҷамъ будан,
Лаҳзаи шоми алам шамъ будан.

Дар куҷоед, куҷоед?
Ҳар куҷоед, биёед, ки анҷум гардем,
Ҷамъ чун хӯшаи гандум гардем,
Боиси серии мардум гардем.

Дар куҷоед, биёед, ки аз ҳарфи шумо
Аз хати чеҳраву ожанги ҷабин,
Аз сафедиву сафои сару мӯ,
З-он гули хандаву рухсори накӯ
Пора-пора ҳаваси айни ҷавонӣ ёбам,
Кош як бори дигар тозаҷавонӣ ёбам.
Дар куҷоед, биёед,
Ҳар куҷоед биёед, биёед, биёед…

## НЕКНОМӢ

Медамад хуршед аз боми баланд,
Оламеро нурборон мекунад.
Аз сафои хандаи бекинааш
Абри ғамҳоро парешон мекунад.

Медамад хуршед аз боми баланд,
Кулбаи эҳзон чароғон мешавад.
Эй Зулайхосабр, андар ишқи ту
Мисри ҷонам Юсуфистон мешавад.

Мерасад хуршед аз боми баланд,
Медамад покӣ дар андоми саҳар.
Тугмаи бобуна лаб во мекунад
Гашта чун мӯи парешони Сафар.

Мерасад хуршед аз боми баланд,
Меравад аз умри мо рӯзи дигар.
Аз гулистони ҷаҳон гулҳо бичин,
Нест моро баски наврӯзи дигар.

Чун равад хуршед, меояд зи нав,
Мешавад боре насиби мо ҷаҳон.
Зиндагонӣ ончунон бояд намуд,
Некномӣ то бимонад ҷовидон.

## ТАМАННО

Бигзор ҳама ҳамҳамаву рӯю риё зуд,
Бар мотами ман навҳакашон хезу биё зуд.

Рӯзам, ки сияҳҷоматар аз шоми сиёҳ аст,
Бархезу биё, олами сад нуру зиё, зуд.

Чил кокули пурмавҷи ту дар панҷаи дил буд,
Ин дам, ки ба сарпанҷаи маргам, ту биё зуд.

Месӯхтам аз оташи чашмони сияҳмаст,
Аз нав бинигар сӯи ман, эй чашмсиё, зуд.

Дар қулфи гиребони ту акси дили ман буд,
Ҳоло ту ҳамон қулфи гиребон бикушо зуд.

Аз рафтани умри гузарон нола бикун зор,
Он гуна ки дар гиря шавад абри само зуд.

Чун маҳ зи паси пораи абри гузарон ой,
Сабре ба дилам нест, биё, чеҳра намо зуд.

Чун мегузарам аз сари дунёи ҳавасҳо,
Аз роҳи ҳавас хезу биё бесару по зуд.

Бархезу биё, ҳоҷати таъхир дигар нест,
Дорад Сафарат азми сафар, баҳри Худо, зуд.

## БЕБАҚО

Ин ҳама рӯзгор даргузар аст,
Тирамоҳу баҳор даргузар аст.

Гуфт себаргаи лаби соҳил,
Нағмаи обшор даргузар аст.

Беҳтарин ганҷи одамӣ ишқ аст,
Фасли нози нигор даргузар аст.

Бо паричеҳраи гуландоме
Дами бӯсу канор даргузар аст.

Боди хасрав ба беқарорӣ гуфт:
– Ин дами беқарор даргузар аст.

Бо лаби хандарезу доғ ба дил
Ҷилваи лолазор даргузар аст.

Аз чӣ нозӣ ба зӯри панҷаи худ,
Ҳама зӯру мадор даргузар аст.

## ПАРДАГАҲИ РОЗ

Ман нагуфтам, ки дусад бор фиребам кардӣ,
Аз раҳи хеш ба сад ҳила ту ребам[1] кардӣ,
Аз баландии баландӣ, ки нишебам кардӣ,
Сарнагун навдаи пурмеваи себам кардӣ,
Пас чаро хастадилу сахт малолӣ аз ман?

Ҳаргиз аз нафси балохези ту ҳарфе назадам,
Аз дами ханҷари хунрези ту ҳарфе назадам.
Аз сияҳкорию парҳези ту ҳарфе назадам,
Аз лабу лунҷи фаровези ту ҳарфе назадам,
Пас чаро хастадилу сахт малолӣ аз ман?

Накушодам, ба Худо, дафтари найранги туро,
Натакидам зи сарам гарди раҳу ҷанги туро,
Кардаам зери кулаҳ зарбаи ҳар санги туро,
Во накардам гираҳи ҳар хати оҷанги туро,
Пас чаро хастадилу сахт малолӣ аз ман?

Аз хатокории ту ёд накардам ҳаргиз,
Коҳи найранги туро бод накардам ҳаргиз,
Пеши ту зорию имдод накардам ҳаргиз,
Хам ба пешат сари озод накардам ҳаргиз,
Пас чаро хастадилу сахт малолӣ аз ман?

Ба ту аз рӯзи азал ёвару дамсоз будам,
Ба ту дар авҷи само ҳампари парвоз будам,
Воқифи сад гунаҳу пардагаҳи роз будам,
Ноз мекардию ман такягаҳи ноз будам,
Пас чаро хастадилу сахт малолӣ аз ман?

[1] Реб кардан – бероҳа, яктарафа, барканор кардан.

## ПАДРУДИ ТИРАМОҲ

Кӯчаҳоро бод мерӯбад,
Мекунад барги хазон дар панҷааш пар-пар,
Аз дами ковокии калтути рӯи раҳ
Буми пире мезанад фарёд:
Рӯзгорам, эй Худовандо, ба сар омад,
Лаҳзаи рафтан аз ин даҳри дудар омад.

Кӯчаҳоро бод мерӯбад,
Гарду ҷанги роҳ мехезад раҳораҳ,
Барг мерезад раҳораҳ,
Марг мерезад раҳораҳ…

Ин замон бар ёди ман ояд
Деҳаву ҳамдеҳагони шӯху ботадбир.
Ҳар яке дар ҷодаи тақдир
Рафтаанд аз зиндагӣ носер.
Дар нигоҳам меравад даврон,
Осёби обию чархидани сангаш,
Гандуми аз ҳалқи дӯл афтодаю шотую оҳангаш,
Гарди оҳи гандуму биншастани ҷангаш.

Кӯчаҳоро бод мерӯбад,
Мефитад зарбаргҳо аз шохсорон,
Хайр, эй шохи дарахтон, то баҳорон…

## АЙЁМИ ДИГАР НЕСТ

Раҳи озодамардон бехатар нест,
Сияҳшабҳои ҳиҷрон бесаҳар нест.

Сабо ҳар дам ба гӯши ғунча гӯяд:
Бизан лабханда, айёми дигар нест.

Гаҳе ҳасрат кунем аз умри рафта,
Агарчи бенишону беасар нест.

Пайи сарсабзӣ андеша кунад сабз,
Талоши боғбон бе гулбасар нест.

Нахоҳам сарвате ҷуз некномӣ,
Дар ин дунё маро парвои зар нест.

Чаро бо чашми кам бинӣ ҷаҳонро,
Камӣ аз чашми ту хезад магар нест?

Ба қадри зиндагӣ бояд расидан,
Ки байни ахтарон доим қамар нест.

Ҷаҳон ҳам сустпаймон аст, охир,
Ки ҳампаймона доим бо Сафар нест.

## ТАВАЛЛО

Дилу ҷонам ҳазину ошуфта,
Шеърҳоям дуршуту носуфта,
Розҳоям ниҳону ногуфта,
Эй Худоё, мабод марг ояд
Ба суроғам – сароиноруфта.

Зиндагӣ бас ҷаҳони асрор аст,
Орзуҳои дил чӣ бисёр аст,
Чашмҳо ташнамасти дидор аст,
Эй Худоё, мабод марг ояд
Бар суроғам, ки дил аламдор аст.

Файзи боғи ҷавонӣ нодида,
Як гуле аз ҳаёт ночида,
Неку бад то кунун насанҷида,

Эй Худоё, мабод марг ояд
Бар суроғи мани ҷафодида.

Ташнакомам дар лаби соҳил,
Чист аз умри даргузар ҳосил,
Нест паймони зиндагӣ комил,
Эй Худоё, мабод марг ояд
Ба суроғам ба ногаҳе ғофил.

Қуллаи орзуи ман дур аст,
Фурсати умр хандаи нур аст.
Зиндагӣ гоҳ шаҳду гаҳ шӯр аст,
Эй Худоё, мабод марг ояд,
Навҷавон рафтан аз ҷаҳон зӯр аст,
Навҷавон рафтан аз ҷаҳон зӯр аст.

## ПОДОШ

Ин саҳар омад ба гӯшам
Наъраю фарёди тундар.
Дар фарози боми афлок
Шуд набарде гӯиё сар.

Ёдам омад, ки замоне
Бо ғуруреву кару фар,
Ғофил аз савдои ҳастӣ
Сангҳое кардаам ҷар.

Кардаам эҳсос акнун –
Зиндагӣ дорад чӣ оҳанг.
Рӯи гӯрам мегузоранд
Чун нишоне оқибат санг.

## САМАР

Кокулони дарозро монад
Токи печида дар сафедорон.
Босамар гашта нахли беҳосил
Аз вафову муҳаббати ёрон.

Нуқрагун шоху навдаҳои баланд,
Баргаку гаҳна – баргу навдаи ток.
Хӯшаи тоза дар назар ояд
Ҳамчу Парвин ба гунбади афлок.

Пур шавад гӯши навдаҳои баланд
Аз садои таронаи мурғон.
Сар-сари шохсор гашта кунун,
Ризқёбӣ барояшон осон…

Кӯчи худ баста ҷониби таҳдашт,
Рафтаанд одамони деҳанишин.
Монда ин ҷо саги вафодоре
Дастҳо зери сар ба рӯи замин.

Меравад оби Чашмаи Нуқра
Ҳамчу овози Нуқра[1] рӯҳнавоз.
Хаставу бемадор гардида
Лаҳни ӯ дар миёни роҳи дароз.

Кокулони дарозро монад
Ток дар қомати сафедорон.
Дар сари шохаҳо ҳаметобад
Меваи ёду меҳри дилдорон.

---

[1] Нуқра Раҳматова дар назар аст.

* * *

То сухан бошад чу авзои замон,
То сухан бошад нигаҳбони замин,
Моҳро тасхир кардан кам бувад,
Меҳр мебояд ба қалби одамин.

Рӯ ба рӯи осмонҳо дӯхтем,
Ахтаронро бештар омӯхтем.
Дар фалакҳо сайри анҷум карда, мо
Дар танӯри зиндагонӣ сӯхтем.

Лек кай донем қадри зиндагӣ,
Гаҳ ба қадри зиндаҳо кам мерасем.
Ашки мижгонро намебинему лек
Гаҳ ба қадри гарди шабнам мерасем.

Гарчи дил дунёи роз асту ниёз,
Нестем асло дилогаҳ, эй дареғ,
Сардмеҳриҳои мо кам нест, кам,
Бигзарем аз даҳр ногаҳ, эй дареғ.

Гоҳ бо як ҳарфи ноҷо, носазо,
Мекунем озурда ҷони ҳамдигар.
Ё гапи хуш мекунад оё камӣ,
Гӯ, куҷо дорад гапи некӯ зарар?

Эй азизон, баъд аз ин дар синаҳо
Тухми некӣ кишт мебояд намуд.
Кинаро дар оташи дил сӯхта,
Пок дил аз зишт мебояд намуд.

## ФИТРАТИ ШОИРӢ

Шоирӣ ишқ асту бунёд аст,
Шоирӣ табъи худодод аст.
Шоирӣ бечораколӣ нест,
Шоирӣ дард асту эҷод аст.

Шоирӣ имону ихлос аст,
Шоирӣ дунёи эҳсос аст.
Рафта-рафта чач шавад дар элаки айём
Дилсияҳ мисли сиёҳак ҳар кӣ ифлос аст.

Шеър ҳамчун чашмаи ҷӯшон
Мезанад сар аз замини дил,
Шеър бошад тифлаки нозофарини дил.

Шеър ҳамчун гулхани рахшон
Гармии дилҳову маҳфилҳост,
Равшанибахшои манзилҳост.

Ҳамрадифи авҷи гардун шеър бояд гуфт,
Чун сипоси нони гандум шеър бояд гуфт,
Бар давои дарди мардум шеър бояд гуфт.

Шоирӣ оинаи одамгарӣ бошад,
Шоирӣ бо моҳу анҷум ҳамсарӣ бошад,
Шоирӣ ҳампояи пайғамбарӣ бошад.

## ИНСОН

Беҳин гавҳар ба дарёву заминӣ,
Бирав ҷое, ки беқадрӣ набинӣ.

Чӣ мегардӣ пайи нафси балохез?
Ту охир қудсиёнро ҳамнишинӣ.

Равад андешаат сайри кавокиб,
Агарчи умрҳо ту хокшинӣ.

Чӣ менолӣ зи боду барфу тӯфон?
Ту пайғоми баҳори нозанинӣ.

Зи гардун гашта боло эътиборат,
Ки бар ангуштари ҳастӣ нигинӣ.

Замину Меҳру Маҳ дар хидмати туст,
Шавӣ оҷиз агар инро набинӣ.

Аз он шукрона кун дар баҳри ҳастӣ,
Ки киштии ҷаҳонро сарнишинӣ.

Зимоми зиндагонӣ дар кафи туст,
Атои неки қисматофаринӣ.

## СИТОРАИ БЕКАС

*Дар як гӯшаи осмон ситораи танҳоест,*
*ки онро ситораи бекас мегӯянд.*

Дили ман бар ту месӯзад,
Ки танҳоиву танҳоӣ.
Ба зери гунбади афлок
Ту яктоиву яктоӣ.

Бубинам кӯшаахтарҳо
Чӣ бисёранду бисёранд.
Ба ҳам чашмакзанон шабҳо,
Сафою нур меборанд.

Вале ҳар шом мебинам
Туро болои сар танҳо.
Гумонам ошиқи зорест
Ба роҳи дилбаре раҳпо.

Ва ё худ марди ранҷуре
Ҷудо афтода аз ёрон,
Ба кунҷи хилвате гӯяд
Азобу ҳасрати ҳиҷрон.

Ҳама шаб баҳри ту сӯзад
Дилам, эй ахтари танҳо.
Парад аз лонаи чашмам
Ба ёдат хоби ман шабҳо…

## БЕВАТАН

Қасрҳои пурҷилову мӯҳташам
Дар назар гӯё ки чун оинаанд.
Пораҳои регу сангу шишаҳош
Таҳ ба таҳ аз хоки макру кинаанд.

Гарчи бар тан карда мӯди охирин,
Нав ба нав бӯҳтонфурӯшӣ мекунад.
Деҳаашро дида дар хоби шабаш,
Гиряҳо ӯ дар хамӯшӣ мекунад.

Монда ӯ бо ҳилаю найрангҳо
Рӯи чашмонаш кулоҳи хешро,
Бо кулоҳаш гӯи пинҳон мекунад
Ӯ ҳама ҷурму гуноҳи хешро.

Ӯ ба рӯзи сахту душвори Ватан
Гуфт: «Ҷони хеш монам дар амон».
Тобад ин дам чашмҳои аҷнабӣ
Дар нигоҳаш ҳамчунон чашми камон.

## ДАРГОҲИ БАХТ

Эй даргаҳи илму фазлу дониш,
Дунёи умеду навҷавонӣ,
Аз меҳру садоқати бузургам
Дар хонаи дида ҷовидонӣ.

То нахли умеди ман кунад гул,
Дидӣ ту хазони фасли гулрез.
Ҳайфо, ки чу оби чашмасорон
Умри ману ту ҳамеравад тез.

Дарёфтам аз ту бахту шодӣ,
Иқболу барорам аз ту бошад.
Дар ҷодаи ишқу орзуҳо
Ин шӯру шарорам аз ту бошад.

Чун селаи мурғакони кӯчӣ,
Рафтем агарчи аз канорат.
Эй даргаҳи илму фазлу дониш,
Дорам талаб аз Худо баҳорат.

## ХАНДА

Ханда карда лаҳзае, бигристам рӯзи дароз,
Дар ниҳоди хеш дорад ханда ҳам сӯзу гудоз.
Зиндагонӣ чун зи хоку оби шодиву ғам аст,
Бошадаш чун роҳи кӯҳистон басе шебу фароз.

Ханда кардам лаҳзае, то оташи ғамро кушам,
Ханда кардам, то балои кину мотамро кушам.
Ман ба қасди ғам чӣ бедардонае хандидаам,
То ҳама озорҳои рӯи оламро кушам.

Ханда кардам ман ба қасди кинадору киначӯ,
Ханда кардам то бихушкад ашк дар мижгону рӯ.
Мурғи ғамро то кушам дар хилвати кунҷи алам,
Сахт хандидам, натарсидам зи нангу обрӯ.

Лек дидам қисматеро, хандаам нофор кард,
Бухсу кини синашонро таҳ ба таҳ хуншор кард.
Аз нигаҳ пеш ӯ ба мижгон ҳамчу бо ҷуфти сипар,
Мазраи сабзи диламро бемаҳал шудгор кард.

Боз механдам, ки хандад зиндагонӣ то абад,
Боз механдам, ки монад шодмонӣ то абад.
Боз ҳар дам медиҳам дил, дилситонӣ мекунам,
То бимонад хандаву сулҳу амонӣ то абад.

## ҲАМСОЯҲО

Умре шумо ғамхори ман,
Мушкилкушои кори ман.
Равшан зи шамъи меҳратон,
Шоми ҳазину тори ман,
Ҳамсояҳо, ҳамсояҳо.

Ку меҳрубоне чун шумо,
Пайванди ҷоне чун шумо.
Гум карда дунё қадри худ,
Ку қадрдоне чун шумо?
Ҳамсояҳо, ҳамсояҳо.

Монанди фарзанди падар,
Ҳамроҳи ман шому саҳар
Сад чора ҷӯё мешавед,
Гар мушкиле ояд ба сар.
Ҳамсояҳо, ҳамсояҳо.

Дар рӯзи сарди зиндагӣ,
Гаҳ дар набарди зиндагӣ,
Гардида бо ҳам ғамшарик
Дар оҳу дарди зиндагӣ,
Ҳамсояҳо, ҳамсояҳо.

Ҳам ёвару ёрам шумо,
Умре мададгорам шумо,
Гӯям ҳазорон шукратон,
Ҳастед ғамхорам шумо,
Ҳамсояҳо, ҳамсояҳо.

## ДАСТКӮТОҲ

Дидам, ки яке одами бедидаву берӯ
Аз меҳру вафодории дерина сухан гуфт.
Оне, ки насабзонда ниҳоле ба лаби ҷӯ,
Боғи дили худ рашки гулистону чаман гуфт.

Дидам, ки басе карда сияҳ покдилонро,
Аз покии худ ҳарфу каломе ба забон дошт.
Дар дидаи бозингари ӯ макру риё буд,
Ҳар бозии абрӯ ба худаш тиру камон дошт.

Бар домани айём зада панҷаи зишташ,
Гаҳ чин ба ҷабин кардаву гаҳ оҳ кашида.
Гӯё ҳама ҳастанд сабукбору сабукрой,
Ӯ бори ҳама зиндагию роҳ кашида.

Нолида зи ҳамхонаву ҳамсояву ҳамдеҳ,
Аз ҳар кӣ сухан гуфт, варо зишту сияҳ кард.
Ҳайронам аз ин ҳақталаби худсару худхоҳ,
Бар чеҳраи мардум ба чӣ рӯ боз нигаҳ кард?

Ҳайфо, ки чунин турфа сияҳкору сияҳдил
Як умр ба ёди худу андар ғами хешанд.
Хунхор чу гурганд зи тарси қафаси ҷон,
Лаб дар таҳи дандони алам, дар бари мешанд.

## ҒУРУРПЕША

Он ки буд ҳамраҳам замоне чанд,
Сӯи ман бо ғурур менигарад.
Танг бинмуда роғи чашмонаш,
Гӯиё сӯи нур менигарад.

Хешро ончунон ангорад,
Ки ту гӯӣ ҳамеша пуркор аст.
Ғаму ташвиши олами гардон
Ҳамчу кӯҳе ба дӯши ӯ бор аст.

Чашмҳои сиёҳи ӯ вақте
Менамуданд ҳамчу чашмаи меҳр,
Кас ба сӯяш агар нигаҳ мекард,
Мефитод гӯӣ ба ҳалқаи сеҳр.

Айнаки сип-сияҳ монда ба чашм,
Ин замон бигзарад чу бегона.
Дил фиғон карда аз паяш гӯяд:
«Мешиносӣ магар маро, ё на».

Байни ин кӯчаҳои пурғавғо,
Бо ғуруре назар кунад чапу рост.
Ин ғурурпеша гум шавад ногоҳ,
Ёди тифлии ӯ вале барҷост.

## ГӮРИ ТАНҲО

Чун пайкараи доғу алам метобад
Ин гӯри ҷудо зи пуштаи гӯристон.
Монандаи шамъи хирасӯзе тобад,
Афтода ҷудо зи олами нуристон.

Ин гӯри ҷудо зи манзили хомӯшон
Монад ба ғарибии мустаманди ранҷур.
Гӯй ҳама дам фиғони ӯ меояд
Бар гӯши хаёли ман аз он хилвати дур.

То ризқи ятимакони худро ёбад,
Буд рӯзу шаб овора миёни мардум.
Аз ҷанги ҷаҳон ба қаъри дил доғу алам,
Бо синаи чокгаштааш чун гандум.

Ғамхор ба мисли ӯ набуд дар деҳа,
Ҳам пиразани башарму покизасиришт.
Гулдӯзию нақши панҷааш бар дида
Буд рашки баҳору нусхаи боғи биҳишт…

Ҳайфо, ки бари пуштаи дур аз деҳа
Гӯраш чу мусофире аҷаб тоқаи зор.
Бо лаҳни насими раҳгузар мегӯяд:
«Ин панҷаи ҳасратам кунун сӯи мазор».

## ДЕВОНА

Андешаи ҳаёт куҷо бар сараш расад?
Бо неку бо бади ҳама лабханда мезанад.
Банди хаёли хеш чу аз кӯча бигзарад,
Ӯ хандае ба ҷониби оянда мезанад.

Бедарду ғам бубин, ки чӣ сон ханда мезанад,
Гӯё тамоми шодии дунёст дар дилаш.
Парвои гарму сардии дунё намекунад,
Бо гуфтугӯи хеш буда гарм маҳфилаш.

Гоҳе ба лаб тарона, гаҳе дар ҷабин гиреҳ,
– Осуда гоҳ, гоҳ чӣ пуркину оташин.
Бо як сухан зи синаи ӯ кина бигзарад,
Кофист аз барош яке ҳарфи дилнишин.

Бе ҳеҷ як таҳаммуле ӯ ҳарф мезанад
Бо ношиносу ошно, бо хешу ақрабо.
Ҳар гаҳ ки ӯ зи кӯчаю пайроҳа бигзарад,
Тафриқа нест баҳри ӯ монандаи сабо,

Ҷангу занозанӣ бикунад гаҳ ба сояаш.
Номеҳрубон ба хешу бо он ошно шавад.
Дар кӯчаҳо чу бинамаш он гаҳ ки рӯ ба рӯ,
Гӯё дарахти умри ман он дам хазон шавад.

## САБАҚИ ЗИНДАГӢ

Гирудори зиндагонӣ оқибат
Хаста созад ҷони афгори маро.
Рафта-рафта паст гардад як замон,
Нашнавӣ оҳанги ин тори маро.

Субҳ дорад, шом дорад зиндагӣ,
Офтоби умри ман дар нимараҳ.
Гоҳ заҳри ғуссаву ғам мехӯрам,
Мешавад дил гоҳ лабрези фараҳ.

Сад баландию нишебӣ доштаст
Зиндагӣ монанди кӯҳистони ман.
Нобаробар роҳи қисмат будааст
Дар кафи ҳастӣ чу ангуштони ман.

Чун раҳомӯзе назар созӣ агар,
Медиҳад сад гуна панди зиндагӣ.
Шӯҳрати осон агар ҷӯё шавӣ,
Мехӯрӣ рӯзе ту фанди зиндагӣ.

Эй дили ман, илтиҷо дорам зи ту,
Шав қаноатпеша бо бешу камӣ.
Ҳар қадар болотару боло шавӣ,
Саҷда бинмо хоки пои одамӣ.

# НАКҲАТИ НАВРӮЗ

## БАҲОРИ КӮҲИСТОН

Як тараф лола шукуфону ба як сӯ гули хор,
Ҳар хами қоши сияҳгӯш чу абрӯи нигор.
Кабки хушхон гузарад қақразанон аз бари кӯҳ,
Ояд овози хуши қумрию бедонаю сор.

Мерасад атри гиёҳу гули кӯҳӣ ба димоғ,
Қадкашон лолаи бишкуфта фурӯзон чу чароғ.
Ҳама ҷо сабзу шукуфону дилоро тобад,
Дил бубинад бишавад маҳви тамошою фароғ.

Кӯҳҳо дилкашу зебо чу арӯсон бошад,
Ҳар гуле чун гули армони шукуфон бошад.
Ба сараш қарси сафеду сари мижгон гули орд,
Ки ба уммед варо бар сари келин пошад.

Тоҷикистон – Ватанам, эй ватани кӯҳистон,
Ҳар кучоят нигарам, шодию базм асту сурур.
Кӯҳҳои ту маро ҳамчу китоби пандест,
Сарбаланданду вале ҳеҷ надоранд ғурур.

## ХУШ ОМАДӢ

Бо савти мурғони чаман,
Бо майсаи дашту даман,
Дар домани сабзи Ватан
Наврӯзи нав, хуш омадӣ,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Бо хандаҳои обшор,
Бо савти чангу нойу тор,
Бо атри гулҳои баҳор
Наврӯзи нав, хуш омадӣ,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Рахшон чароғи лолаҳо,
Чун машъале дар ёлаҳо,
Зебо чу навқинғолаҳо
Наврӯзи нав, хуш омадӣ,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Мисли арӯси нозанин,
Гул дар кафу гул дар ҷабин,
Эй фасли зебои замин,
Наврӯзи нав, хуш амадӣ,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

Бо боду борон омадӣ,
Бо рӯи хандон омадӣ,
Даргоҳи ёрон омадӣ,
Наврӯзи нав, хуш омадӣ,
Хуш омадӣ, хуш омадӣ.

## МАРҲАБО

Эй баҳори чеҳрахандонам, биё,
Гулнигору гул ба домонам, биё,
Дар раҳат бисёр пазмонам, биё,
Наварӯси ишқу армонам, биё!

Бе ту будам чун ҳавои тирарӯ,
Кай будӣ дар ҷисму дар ҷонам нумӯъ?
Шукр, гаштам бо ту аз нав рӯ ба рӯ,
Қудрати бозуву дармонам, биё!

Чашми дар раҳ интизорамро бубин,
Қалби бесабру қарорамро бубин.
Ҳасрати ҷони фигорамро бубин,
Фасли гулбези шукуфонам, биё!

Кӯҳу саҳро гашта сабзу нозанин,
Чун арӯси хушхироми маҳҷабин.
То бубинӣ ҳусни зебои замин,
Сӯи мулки Вахшу Хатлонам, биё!

Сабзаву себарга фарши мақдамат,
Ғунчаву гул пойбӯси доманат.
Мекунам шукронаи бешу камат,
Наварӯси сабзи армонам, биё!

## ТАБЛИ ШОДӢ

Ҳамчу табболе занад бар шифту боми хонаам
Панҷаҳои нарми борони баҳорӣ то саҳар.
Ташнагӣ бишкаста ҳар як майсаву себаргае,
Тозарӯ гардида, аз нав мешавад дилҷӯйтар.

Кокулони беди маҷнун боз раъно мешавад
Ҳамчунон мӯи сиёҳу дилрабои ёри ман.
Аз лабони ҳар шукуфа ханда резад бедареғ,
Мисли ин бахти баланду давлати бедори ман.

Мерасад ҳар қатраи борон чу оби зиндагӣ
Бар тани урёну беҷону карахти ин замин.
Бо ҳама солории худ боз мегардад ҷавон,
Мешавад чун духтари сабзинапӯши нозанин.

Нарм-нармак табли шодӣ зан ту, борони баҳор,
Дил ба саҳни сина рақсад бо ҳавои рез-рез.
Мисрае пурдард ояд гар ба рӯи дафтарам,
Мисраи бороняш хонед, ёрони азиз.

## САБЗМОҲ

Ҳамчун арӯси нозанин,
Ҷонпарвару ҷонофарин,
Сарсабзии рӯи замин,
Шод омадӣ, эй сабзмоҳ.

Аз нав шукуфон лола шуд,
Чун дилбари қинғола шуд.
Булбул зи нав дар нола шуд,
Шод омадӣ, эй сабзмоҳ.

Дунё ҳама дилҷӯ шуда,
Дар ханда оби ҷӯ шуда,
Дил масти рангу бӯ шуда,
Шод омадӣ, эй сабзмоҳ.

Боди сабо пар-пар кунад,
Анбарфишонӣ сар кунад,
Ғавғои нав тундар кунад,
Шод омадӣ, эй сабзмоҳ.

Гулғунча исёнкора шуд,
Чоки гиребон пора шуд,
Чашмам ҳама наззора шуд,
Шод омадӣ, эй сабзмоҳ.

## НАВБАҲОРОН МАН БА ДУНЁ ОМАДАМ

То ки чун Хуршед орам рӯзи нав,
То ки бахшоям ба дилҳо сӯзи нав,
Сабз гардад сабзаи армони дил,
Бишкуфам аз хандаи Наврӯзи нав,
Навбаҳорон ман ба дунё омадам.

То ҷаҳонро бахшам оғози дигар,
То кушоям пардаи рози дигар,
Мурғи оташсон бисӯзам дар само
Аз пайи анҷоми парвози дигар,
Навбаҳорон ман ба дунё омадам.

То барам пайки баҳори тозарӯ,
Чун насими навбаҳорӣ кӯ ба кӯ.
Сабз гашта киштаҳо аз қатраам,
Ҷориям монанди дарё ҷӯ ба ҷӯ,
Навбаҳорон ман ба дунё омадам.

То бубахшам дастагулҳои навин
Бар тамоми мардуми рӯи замин.
Ханда созам ҳамчу Хуршеди саҳар,
Зиндагониро намоям нозанин,
Навбаҳорон ман ба дунё омадам.

Омадам то соате шодӣ кунам,
Шукри ин даврони ободӣ кунам,
Ҳар куҷо афтодае бинам агар,
Ман варо ёриву имдоде кунам,
Навбаҳорон ман ба дунё омадам.

Бо сари пуршӯру савдо омадам,
Бо дили сармасти дунё омадам,
Баски умри мо ба мисли шӯълаест,
Шӯълаосо баҳри фардо омадам.
Навбаҳорон ман ба дунё омадам.

## ШУКРОНА

Дар боғ шукуфа беқарор омадааст.
Бо замзамаи савти ҳазор омадааст.

Атри гули навшукуфтаи саҳни чаман
Бар боли шамоли рав савор омадааст.

Гулғунча гиребони фалак чок зада,
Хандад, ки дами бӯсу канор омадааст.

Бо чаҳ-чаҳи хештан сарояд булбул –
Имрӯз ҷаҳон шукуфабор омадааст.

Дар пушта дигар куҷо биғунҷад лола,
Шармида зи чеҳраи нигор омадааст.

Дар гӯши гулу сабза само мегӯяд:
Шукрона, ки Наврӯзи баҳор омадааст.

## ҒАЗАЛИ НАВРӮЗӢ

Фасли сарсабзию айёми баҳор аст, биё,
Лолаву сабзаву себарга қатор аст, биё!

На ҳамин дидаи пазмони мани шайдоят,
Як чаман хандаи гул бар ту нисор аст, биё!

Ғунча бо ғунчаву гул бо гулу себарга ба ҷӯ
Аз туву ишқи ту дар гуфтугузор аст, биё!

Синакӯбону парафшону парешонгесӯ
Беди маҷнуни сарафганда фигор аст, биё!

Раъд ғуррандаю оташ ба дили барқ ниҳон,
Ба тамошои ту бо дидаи чор аст, биё!

Фасли гулҷӯши табиат ҳама ҷо механдад,
Дар чаман муғҷаи гул чашми нигор аст, биё!

Хандаи лолаарӯсак бубарад дидаву дил,
Баски ҳамранги гули чеҳраи ёр аст, биё!

Гул шукуфтасту чаман ранги ҳиноӣ дорад,
Фасли айшу фараҳу савти ҳазор аст, биё!

## НАВРӮЗ ОМАД

Бо чеҳраи гулнисор Наврӯз омад,
Пайғоми хуши баҳор Наврӯз омад.

Бо бӯи гулу шукуфаю сабзаи тар
Аз домани кӯҳсор Наврӯз омад,

Дар базми арӯси сол гул ханда занад,
Гӯяд ҳам дам ҳазор: Наврӯз омад.

Гулбазми чакан басо гуворост кунун,
Бо нағмаи чангу тор Наврӯз омад.

Наврӯзи Аҷам тоҷи сари дунё шуд,
Эй мардуми тоҷдор, Наврӯз омад.

Наврӯзи Ватан муборак, эй ҳамватанон.
Шукрона, зи наврӯзи нав, ки наврӯз омад.

# СУФРАИ МЕҲР

## РАҲОВАРД

*Барои дӯстам Муҳаммад Ғоиб*

Гарчи бар деҳи ту нарафтам ман,
Дидам онро валек сар то по.
Ҳамчунон духтари башарме буд
Дар камаргоҳи кӯҳ бурда паноҳ.

Масти зебоӣ аст кабки ҳилол
Мезанад қақра аз сари ёна.
Балки ин хандаҳои тифлонаш,
Ки равад кӯ ба кӯ зи ҳар хона.

Мӯсафеде миёни хирманҷо
Мекунад бод хирмани гандум.
Баччае то ҳанӯз метозад
Аз пайи молу подаи мардум.

Ояд овози ошно бар гӯш,
Деҳқоне ба кори худ роҳист.
Мазраи пурситорае дида,
Гӯяд: «Ин сол соли деҳқонист».

Субҳидам дидам аз раҳи деҳа,
Раҳнаварде ба мулки шеъру умед.
«Дур бод аз хатар раҳат умре» –
Гуфтамаш рӯ ба ҷониби хуршед.

## ШАҲРИЁР

*Барои Маҳмадсаид Убайдуллоев*

Аҷаб хушрангу зебо гашта гулгашту хиёбонаш,
Биноҳо сар кашида то само аз файзи эҳсонаш.
Бувад шаҳри Душанбе хонаи мо, хонаи дунё,
Равон меҳри Ватан дар қалби пурисёну ҷӯшонаш.

Пайи ободкорӣ бигзарад аз роҳати дунё,
Ҳамеша ҷаҳд бинмояд пайи хушбахтии фардо.
Ба ин азму талоши хеш умри ҷовидон бинад,
Набигзорад, ки монад гӯшае бенур дар шабҳо.

Ба ҷон пайваста медонад ғаму сӯзи Душанберо,
Биёбад ӯ илоҷи дарди ҳар рӯзи Душанберо.
Чу «Наврӯзгоҳ» шуд бо Тахти Ҷамшед аз дигар бунёд,
Ҷаҳон бинад ба чашми меҳр Наврӯзи Душанберо.

Дар ин ҷо Рӯдакӣ сармасти ҳусни шаҳри гулборон,
Кашида сар ба гардун қомати шоҳаншаҳи Сомон.
Ҳазорон Рустаму Сӯҳроби ял парварда Фирдавсӣ,
«Шифо»-и Ибни Сино дар илоҷи дарди беморон.

Душанбе гулшани бишкуфтаю хандида аст имрӯз,
Биҳиштосо базебу нозанин бар дида аст имрӯз.
Ба гардун мекунад партавфишонӣ парчами кишвар,
Душанбе сайқали рӯи замин гардидааст имрӯз.

Чу шарён аз дили шаҳри Душанбе рӯди Варзоб аст,
Фараҳафзо шамимаш аз гули кӯҳии Анзоб аст,
Ба шаҳре, ки нишон аз чор фасли сол меёбӣ,
Миёни панҷаи хуршеду нури ширмаҳтоб аст.

Бигӯям шукри сарсабзиву Наврӯзи Душанберо,
Фараҳмандиву ободии ҳар рӯзи Душанберо.
Барои роҳати мардум кашад заҳмат шабу рӯзон,
Сано хонам чунин як мири дилсӯзи Душанберо.

## ЧАРОҒИ МЕҲР

*Ба Аламхон Қурбонов*

Аламбардори моӣ, эй Алам, умре ҷавон бошӣ,
Ба мисли арчазорони диёрат бехазон бошӣ.
Гузашта асрҳову шавкати Нӯшервон боқист,
Илоҳо, дар ҷаҳон ҳампояи Нӯшервон бошӣ.

Дар ин дунё, ки бунёдаш низоъу фитнаву ҷанг аст,
Ба гирди нахли армон печутоби мори найранг аст.
Ба ҷуз Парвардгор дигар кӣ бошад дар ҷаҳон беайб?!
Хато камтар кунад ҳар кас, ки боирфону фарҳанг аст.

Ту, ки дар арсаи ҳастӣ аламбардори мо гаштӣ,
Фурӯзон машъале дар шоми сарду тори мо гаштӣ.
Зи рӯи меҳру шафқат гарчи мӯреро наозорӣ,
Пайи нанги ватандорӣ ту нангу ори мо гаштӣ.

Набошад кори саҳле бо ҳарифон по ба по будан,
Ба бозигоҳи қисмат фориғ аз макру риё будан.
Тавофи қаъбаи дил аз тариқи хоксориҳо,
Ба мардум соябону ғарқаи нуру зиё будан.

Шукуфо бод умре боғи меҳру орзуҳоят,
Дурахшон бод роҳи зиндагиву ҷустуҷӯҳоят.
Туӣ фархундаиқболу ҷавонмарди худододе,
Бирӯяд сабзаи некӣ, ба ҳар ҷое ниҳӣ поят.

## ВОРИС

*Барои Ниёз Сафаров*

Бар ситоиш куҷо ниёзаш ҳаст,
Аз муҳаббат бувад саропояш.
Дили покаш, ки махзани меҳр аст,
Дар дили мардумон бувад ҷояш.

Худ нишоне бувад зи кӯҳистон,
Қоматаш ҳамчу чӯби сахти заранг.
Дида пасту баландиҳои ҷаҳон,
Ҷилваи зиндагӣ ба садҳо ранг.

Дар раҳи некию ҷавонмардӣ
Гӯи сабқат рабуда аз Ҳотам.
Баҳри номусу нанги хоки Ватан
Нест монанди ӯ дар ин олам.

Ӯ ки аз ворисони Ҷамшед аст,
Шукр гӯяд ба номи Дашти Ҷам.
Тахти ӯ, бахти ӯ Ватан бошад,
Ҳамчу алломаҳои мулки Аҷам.

Аз раҳи дур метавон дидан
Раҳравиҳои нарм-нармашро.
Ҷону дил гарм бишкуфад чун гул,
Бишнавӣ ҳарфҳои гармашро.

Ахтари бахти ӯ дурахшон бод
Дар самои ситоразори Ватан.
Домани орзуш гулборон
Ҳаст монанди навбаҳори Ватан.

## ОИНА

*Барои Фарҳоди Карим*

Як одами хоксор Фарҳоди Карим,
Инсони банангу ор Фарҳоди Карим.

Асло зи касе ба дил нагирад кина,
Чун оина беғубор Фарҳоди Карим.

Меҳраш ба раҳи вафо надорад охир,
Дар аҳди худ устувор Фарҳоди Карим.

Як лаҳза куҷо варо дами осоиш,
Чун чашмаи беқарор Фарҳоди Карим.

Монандаи арчаи сари кӯҳи баланд,
Дилдодаи кӯҳсор Фарҳоди Карим.

Сад ҷилди китоби ғам ба сандуқи дилаш,
Ғамкуштаи ғамбарор Фарҳоди Карим.

## ҲАМПОИ КӮҲИСТОН

*Ба Бароталӣ Абдураҳмон*

Ҳамчунон қуллаи Эмом баланд,
Беқарорӣ чу Чашмаи Ҷӯшон[1]
Соф чун оби Чашмаи Нуқра[2],
Пок ҳамчун насими кӯҳистон.

Дар лабат хандаҳои бекина,
Дар ниҳоди ту меҳри беохир.
Ҳар хати пуштаҳо барад ёдат
Ҷониби кӯдакиву кӯҳу адир.

Гӯиё дар фарози Дашти Қавоқ[3]
Боди сарҳуй мезанад фарёд.
Ҳақзанон мурғи ҳақ зи шохи чинор
Хонад аз ишқ қиссаҳои зиёд.

Мерасад аз фарози хотираҳо
Санг Нозиму нолаи нойаш.
Пушта бар пушта, раҳ ба раҳ меруст
Гулу себарга аз қадамҷояш.

Шаҳри Барбар[4] ҳанӯз ҳам дорад
Сад нишон аз набарди барбариён.
Қуллаи кӯҳи Валвалак донад
Сарбаландии марди кӯҳистон.

---

[1] Чашмаи Ҷӯшон – деҳаест дар ноҳияи Мӯъминобод, зодгоҳи Б. Абдураҳмон
[2] Чашмаи Нуқра – чашмаест аз синаи кӯҳ ҷорӣ мегардад.
[3] Дашти Қавоқ – номи мавзеъ.
[4] Шаҳри Барбар – номи деҳаест дар ин диёри кӯҳистон.

## РОҲИ САФЕДАТ ХОҲАМ

*Ба Раҳмоналӣ Амиров*

Гарчи дар роҳи сафар ҳамсафари раҳ нашудам,
Гарчи аз вазъи кунунии раҳ огаҳ нашудам,
Гарчи дар зиндагӣ як марди дилогаҳ нашудам,
Ҳар кучое ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

Қисматам паст буду роҳи сафар дуру дароз,
Бахти баргашта мададгор нашуд аз раҳи ноз,
Гуфтамат бахт бубинӣ ту дар ин шебу фароз,
Ҳар кучое ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

Мабар аз ёд, ба як хоки Ватан сабзидем,
Чун гуле дар бағали кӯҳу даман сабзидем,
Пайи ободии ин боғу чаман сабзидем,
Ҳар кучое ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

Шаҳрдорӣ чӣ гарон аст дар ин давру замон,
Сахт кӯшӣ пайи ободии шаҳр аз дилу ҷон,
Бемуҳобо, бихӯрӣ раҳми ҳама пиру ҷавон,
Ҳар кучое ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

Шаҳр аз омаданат боз ҷавонтар шудааст,
Тозакориву ҷадалҳои навин сар шудааст,
Эътибори ту фузун дар ҳама кишвар шудааст,
Ҳар кучое ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

Эй ки ворисии Амириву амирӣ, хуш бош,
Хушдилу хушсухану некзамирӣ, хуш бош,
Дасти афтода ба ҳар ҷода бигирӣ, хуш бош,
Ҳар куҷое, ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

Дар раҳи мулки вафо, дӯст, туро ҳамсафарам,
Шоирам, гарчи ниҳон монда зи пеши назарам,
Ман дуогӯи ту дар ҷодаи фатҳу зафарам,
Ҳар куҷое, ки равӣ, роҳи сафедат хоҳам,
Сари сабзу дили саршори умедат хоҳам.

## ҒАМКУШТА

*Ба дӯстам, ҳунарманди мумтоз*
*Худоназари Тилав*

Дар қалбу ҷону дида ту ҷой, Худоназар,
Дунёи меҳру нуру сафой, Худоназар.

Охир чӣ гӯямат, ки ту дар олами ҳунар
Худ порае зи нури Худой, Худоназар.

Лутфи калому шаҳди ғазалҳои Хоҷаро
Бо ҷилваҳои тоза сарой, Худоназар.

Ҳарчанд зиндагист пур аз макру фитнаҳо,
Аммо зи макру фитна ҷудой, Худоназар.

Чандест камнамо шудаӣ, эй ҳабиби дил,
Баҳри Худо, бигӯ, ки куҷой, Худоназар?!

Ҳарфу ҳиҷову хандаи ту ғам барад зи дил,
Ғамкуштаиву ғам бизудоӣ, Худоназар.

Гуфто Сафар: биё, ки туро ҳамсафар шавам,
Худ подшоҳи мулки вафоӣ, Худоназар.

## ХУДАФРӮЗ

*Ба академик Самариддин Каримов*

Зиндагӣ асрори дунёи вуҷуди мост,
Зиндагӣ афсонаи буду набуди мост,
Дилкашу зебо матои зиндагӣ охир,
Аз сафои рангу тоби тору пуди мост.

Ҳар кӣ омад, меравад аз дори ин дунё,
Саргарони расму роҳи кори ин дунё.
Бо сарангушти хирад,эй кош, бикшоям
Уқдаи сарбастаи асрори ин дунё.

Бо ҳамин андеша тарки хоб кардӣ ту,
Нури чашматро дар ин раҳ об кардӣ ту.
То дурахши тирароҳи зиндагӣ гардӣ,
Зиндагӣ чун кирмаки шабтоб кардӣ ту.

То ниҳоли орзуят босамар гардид,
Тирашабҳое ба бедорӣ саҳар гардид,
Бармаҳал бори ятимӣ бар сарат омад,
Баъд аз ин раҳтӯшаат панди падар гардид.

То диле дарёфтӣ дар олами ҳастӣ,
Бурдаӣ дар худ фурӯ дарду ғами ҳастӣ.
Кам надидӣ гарчи озори дилозорон,
Мекунӣ шукронаи бешу ками ҳастӣ.

Раҳнаварди олами фазлу ҳунар гаштӣ,
Аз сару савдои ҳастӣ бохабар гаштӣ.
Бо азобу ранҷу заҳматҳои беохир,
Шукри қисмат, оқибат бологузор гаштӣ.

## ТУ ШОИРӢ

*Ба дӯстам Алихон Зарифӣ*

Ту шоирӣ,
Чу шоирон туро ба ҷону дил ғам аст,
Ба рӯю мӯю мижаҳо
Ғубори роҳи пурхам аст,
Ба сӯз гӯӣ худ ба худ:
– Нисори ҷон барои ин Ватан кам аст.

Ту шоирӣ,
Чу шоирон хаёлӣ бинамат басе,
Ғамин зи ҳарфи нокасе,
Бигӯӣ: – Вою ҳасрато, хасе фузуда аз касе,
Куҷост ҳарфи дилрасе?

Ту шоирӣ,
Чу шоирон ҳамеша заҳри ғам хӯрӣ,
Шароби доғу ҳасрату алам хӯрӣ,
Сиёҳии замона то ки кам шавад,
Сиёҳии қалам хӯрӣ.

Ту шоирӣ,
Хати ҷабини пуштаҳо гувоҳи шеъри хокият,
Сафои оби чашмаҳо нишонае зи покият,
Кушодачеҳрагии ту нишони дилкушодият,
Чӣ рангҳои зиндагӣ нуҳуфта даври локият.

Ту шоирӣ,
Каломи ту бувад каломи зиндагӣ,
Мизони шеъри ту бувад мизони зиндагӣ,
Ҷаҳони шеъри ту бувад ҷаҳони зиндагӣ,
Хазони шеъри ту бувад хазони зиндагӣ.

Ту шоирӣ,
Ҷаҳони шеъри ту кушода бод,
Забони шеъри хокият ҳамеша поку сода бод,
Муҳаббату вафои ту зиёда бод.
Дилам ба пеши пои ту фитода бод!

## ЯК ИШОРА

*Ба дӯстам Ширини Абдулло*

Раҳ ба раҳ шеъри туро хондам,
Раҳ ба раҳ овардамат бар ёд.
Мисли кабки рав ҷавонӣ рафт,
Аз ҷудоӣ дар лабаш фарёд.

Сатру ҳар ҳарфу ҳиҷоятро
Раҳ ба раҳ радду бадал кардам,
Лек таҳрире нахоҳам кард
Дар китоби меҳр ҷое ҳам.

Бар навои рӯди кӯҳистон
Мешавад савти дуторат ҷӯр.
Чун нишоне ранги мӯятро
Дар кафан бо худ барам то гӯр.

## САБЗАИ МЕҲР

*Барои Сабзалӣ Бозор*

Он ки ӯ аз нусхаи бобои Бозор аст,
Сермеҳмон даргаҳаш монанди бозор аст.

Хандааш бинему кай доғи дилаш донем?!
Хунчакон қалбаш зи неши наштари хор аст.

Мазраи дилҳо бувад сарсабз аз меҳраш,
Ҳар кучо чашми азизон бар раҳаш чор аст.

Мӯи шабрангаш сафопарвар бувад чун субҳ,
Ҳар кучо аз некияш сад нақшу осор аст.

Сарбаландияш фарози кӯҳи Чилдухтар,
Худ вале чун сабзаи домони кухсор аст.

Хоксореро надидам мисли ӯ ҳаргиз,
Дар тариқи ошноӣ пур вафодор аст.

Чун давобахшу давои дардмандон аст,
Пойбарҷо дар шифои ҷони бемор аст.

Тарзи гуфтораш чу шаҳтути Дара ширин,
Дӯстонро дар баҳои ҷон харидор аст.

Он қадар меҳраш ба дилҳо ҷой бигрифтаст,
Гарчи худ якто, вале чун сабза бисёр аст.

# ПАЗМОНИ ДИДОР

*Барои Эмомназар*

Бас туӣ монанди фарзанди падар,
Мекунам шукри туро шому саҳар.

Хонаи дил манзили меҳрат шуда,
Балки ҷо дорӣ ту дар ҷону ҷигар.

Баски Ҳофизхону Бедилдон туӣ,
Хоки поят мекунам болои сар.

Дар дилат меҳри сухан парвардаӣ,
Хуш бувад лафзи ту чун ширу шакар.

Шеъру оҳангу суруди дилпазир
Бо ту дорад боли парвози дигар.

Дар раҳи ҳифзи ҳуқуқи мардумон
Кардаӣ ҷону тани худро сипар.

Зиндагӣ афсонабозор асту бас,
Зиндагониро ба чашми дил нигар.

Бовафою босахою дилқарин,
Меҳрубоне чун ту кай ояд дигар?

Дил, ки пазмони суханҳои ту шуд,
Тай задам сад пуштаю кӯҳу камар.

Эй Худо, аз нав муяссар кай шавад
Давлати дидори рӯят бар Сафар.

## БА РАҚҚОСА

Чарх зан, чарх зан, эй зӯҳрачабин,
Чарх зан, обу адоят гардам.
Мани мафтуншудаи нозу адо,
Чарх зан, то ки фидоят гардам.

Зӯҳраи равшани дунёи ҳунар,
Рақси мавзуни ту обам кардаст.
Даври доман задани пераҳанат
Масту шайдову кабобам кардаст.

Рақс кун, рақс кун, эй Зӯҳраи маст,
То шавам масти тамошои ту боз.
Рақс кун, рақс кунад дил ба ҳавас,
Шавам афсуни саропои ту боз.

Ҳар гаҳе тоб хӯрӣ рақскунон,
Дили ошуфтаи ман тоб хӯрад.
Олами розию эъҷозу ҳунар,
Чашмам аз дидани ту об хӯрад.

Чарх зан, чарх бизан, Зӯҳраи маст,
Чархи гардун ҳама шайдои ту бод.
Равӣ аз саҳна даме чархзанон,
Саҳнаи ҷону дилам ҷои ту бод.

## САДОИ ОШНО

*Барои Абдураззоқи Самеъ*

Мезанӣ нохун ба тору тори дил хун мешавад,
Мавҷи оҳанги садо ҳампои Ҷайҳун мешавад.

Дар ҳавои ишқи Лайлӣ меравад аз худ бурун,
Дашту саҳро ғамшарики оҳи Маҷнун мешавад.

Мебарад афсонаи ушшоқро шавқи фараҳ,
Аз хамупечи садо афсона афсун мешавад.

Дар ҳарими сина мепечад садои ошно,
Ҳамчу рози саркаше аз сина берун мешавад.

Ҳар киро бошад ҳавои дидани ҷононааш,
Мурғи парвози хаёлаш авҷи гардун мешавад.

Дорам уммеде, ки дар авҷи баланди ҷустуҷӯ
Ҳар баму зери садоят боз афзун мешавад.

## ЗИНДАЁД

*Ба ёди муаллима*
*Саломат Сарахонова*

Аз ту ман омӯхтам дарси ҳисоб,
То биёбам сарҳисоби зиндагӣ.
Тарҳу тақсим аст ҳар рӯзи ҳаёт
Сафҳа-сафҳа дар китоби зиндагӣ.

Ҷамъу зарби моли дунё мекунад
Зумрае андар пайи молу манол.
Мебарад андешаи ҳастӣ маро,
То кушоям уқдаҳои ин савол.

Даври чархи рӯзгорон дидаӣ
Дар намои даври санги осиё,
Гар фаромӯшат намоям лаҳзае,
Мешавам пешат забуну рӯсиёҳ!

Буд алифбои саводи зиндагӣ
Дасту ангуштони ту вақти ҳисоб.
Навраҳонро буд ишоратчӯби ту
Дар тариқи худшиносӣ чун хитоб.

Гарчи бигзаштӣ аз ин дори фано,
Бефанову ҷовидон дар синаӣ.
Бо ҳама он хоксориҳои хеш
Умрҳо покиза чун оинаӣ.

## ДОҒИ ЛОЛАЗОР

*Навҳаи Абдуҷаббор Зардиев*
*дар мотами ҷигарбандаш Шарифҷон*

Чун домани Лолазор доғам зи ғамат,
Дилсӯхтае мисли чароғам зи ғамат.

Баъди сари ту дигар, аё шаҳписарам,
Асло накунад фараҳ суроғам зи ғамат.

Бо доғу фиғону оҳ ёдат кардам,
Эй монда миёни роҳ, ёдат кардам.

Хуршеди дурахшони ҷаҳонам ту будӣ,
Як бори дигар биё, ки ёдат кардам.

Дар домани Лолазор хуни писарам,
Сад нахли умеди сарнагуни писарам,

Фасли гули лола бигзарад хандазанон,
Дар мазраи оғушта ба хуни писарам.

Ҳайфо, писари ба ҷон қаринам бигузашт.
Аз олами меҳр беҳтаринам бигузашт.

Шуд домани Лолазор доғи дили ман,
Фарёди ман аз чархи баринам бигузашт.

Ку ҷону дили пораи лахти ҷигарам,
Ку авҷи бароу давлату тахту зарам?!

Баъди сари ту фиғонкунон оҳ кашам:
– Эй домани Лолазор! Ку шаҳписарам?

# ДАВЛАТИ САР

## ДОРОЙ

Ҷону ҷигарам туӣ, падарҷон,
Шамсу қамарам туӣ, падарҷон.

Андар ҳама ҷову дар ҳама ҳол
Пеши назарам туӣ, падарҷон.

Бас хокниҳоду хоксорӣ,
Файзу саҳарам туӣ, падарҷон.

Гар хаста шавам зи ҷабри ҳастӣ,
Болои сарам туӣ, падарҷон.

Чун гарди ғаме ба дил нишинад,
Ғамбохабарам туӣ, падарҷон.

Дороию давлате надорам,
Дурру гуҳарам туӣ, падарҷон.

Аз файзи насиҳатат шудам мард,
Марди ҳунарам туӣ, падарҷон.

Камнур шуд арчи дидагонат,
Нури басарам туӣ, падарҷон.

Некӣ бувадат ҳамеша дар дил,
Некӯназарам туӣ, падарҷон.

## ОИНАИ ДУНЁ

Ба хобам пешпоӣ хӯрда афтидам,
Сарам бар санги раҳ бархӯрду гаштам лаҳзае бехуд…
Дар ин як лаҳза пеши дида симои падар омад,
Зи боғи сабзу зебое бадар омад,
Ба як ҷастан маро болои сар омад,
Бигуфто:
– Хез, акнун шаб гузашт, аҳди саҳар омад.

Ба хобам мондаам танҳои танҳое
Ба саҳрои кавире меканам ҷон, қатраи обе намеёбам,
Гулӯи осмон ҳам хушк монанди гулӯи ман,
Падар омад дубора пеши рӯву бар лаби субҳаш:
– Бихез аз ҷо,
Ҷаҳони даргузар маъвои хуфтан нест,
Ҳама асрори дунё лоиқи розу нуҳуфтан нест,
Ҳама ранҷи варо ёрои гуфтан нест.

Ба хоби хеш дидам:
Зери бори ғам ҳаросонам,
Барои беғамону бевафоён лолу ҳайронам,
Чу ҳайрони парешонам,
Ҳамоно пеши чашмонам падар омад,
Ки мегӯяд:
– Чӣ ҳайронӣ, бикун шукронаи ғамро,
Ки рӯзи бебарорӣ мекушояд чашми одамро…

Бале, дар хобҳоям гоҳу ногаҳ мешавад пайдо
Падар монандаи оинаи дунё.

## ПАДАР

Ба мисли саллаи пурпечутобат
Раҳи паймудаат пурпечутоб аст.
Чу роҳи пуразоби кӯҳсорон
Дар он пайроҳаҳои беҳисоб аст.

Ба монанди хати шудгор бошад
Хаёлам, ҳар як ожанги ҷабинат.
Ду чашмони ту чун ду чашмаи соф,
Набошад дар самар мисли заминат.

Чу ҷои донае, ки мезанд неш,
Ба кафҳо то ҳанӯз обича дорӣ.
Ҳанӯзӣ устуну болори хона
Барои мо ба он сон бемадорӣ…

Накарда фикри умри даргузарро,
Барои мо ту умре мекании ҷон.
Давоми умри худро дида дар мо,
Наменолӣ зи ранҷи рӯзгорон.

## МОДАРОН

Бар сари мо то наояд гарди ғам,
Модарон дар ҳар қадам ғам мехӯранд.
Нестанд осуда ҳаргиз дар ҷаҳон,
Модарон ғамҳои олам мехӯранд.

Лолаи чашмонашонро дидаам
Субҳидам бедорхобу меҳрбор.
То наларзад боз авзои ҷаҳон,
Нест мисли модарон шабзинадор.

Во бигардад то гиреҳи мушкиле,
Мешаванд ошуфтадил, ошуфтаҳол,
Роҳ паймудан ба мулки орзу
Бе дуои модарон бошад муҳол.

Мӯйҳои нуқрагун бошад нишон
Аз раҳи ояндаи рахшони мо.
Нестанд осуда ҳаргиз модарон,
То физояд қудрати мо, шони мо.

## МОДАР

Гулрез зиндагонист аз хандаҳои модар,
Дунё куҷо биарзад бо хоки пои модар?!

Эҳёгаре ба мислаш асло дигар набошад,
Бошад садои ҳастӣ – ин худ садои модар.

Хуршеди оламафрӯз – як заррае зи меҳраш,
Охир надорад асло меҳру вафои модар.

Дунёи меҳру армон, дунёи орзуҳо
Сад ҷилва менамояд дар дидаҳои модар.

Дар шоҳроҳи ҳастӣ бечора монад охир,
Ҳар кас, ки рӯ битобад аз гуфтаҳои модар.

Умре қадам гузорам дар ҷодаи накӯӣ,
Бошад, ки гирам охир дасти дуои модар.

То дил тапад ба сина, то бахт медиҳад даст,
Аз тахти дил сароям ҳамду санои модар.

## МЕҲРИ МОДАР

Ба ранги Каҳкашон шуд мӯи модар,
Маҳи нав – нусхаи абрӯи модар.

Манам то зинда, андар дори ҳастӣ
Нахушкад ҳеҷ гаҳ сарҷӯи модар.

Зи оғӯшаш бирафтам то фалакҳо,
Вале чашмам бувад бар сӯи модар.

Агарчи дидаам рӯи ҷаҳонро,
Дилам бошад кашони кӯи модар.

Ҷаҳонгирони сарболо зиёданд,
Тасанно бод бар бозӯи модар.

Зи ганҷи зиндагӣ серам, валекин
Нагардам сер ҳеҷ аз рӯи модар.

## ТӮШАРОҲ

Модарам, кулча пазӣ рангибаранг,
Пеш аз оне, ки бароям ба сафар,
Тӯшаи роҳи дарозам бошад
Кулчаи пухтаи ту, эй модар.

Муғпаре дар кафу нақшин бикунӣ
Кулчаҳоро ба умеду ҳавасе.
Нест монандаи ту ғамхорам
Дар ҳама рӯи замин ҳеҷ касе.

Кулча дар оташи сӯзони танӯр
Чун рухат мешавад, эй модари ман.
Ё чу хуршеди тулӯъкарда бувад,
Нурпошӣ бикунад бар сари ман.

Боз ҳангоми сафар омадааст,
Туӣ бо сад таку дав овора.
Аз матои ҳавасу армонҳо
Куртаи меҳр намоӣ пора.

Ҷо нагирад ба дилат сабру қарор,
Гарчи осуда намоӣ ба назар.
Бурдбореву бузурге набувад
Чун ту дар рӯи замин, эй модар.

## СИПОСНОМА

Модари шабзиндадорам, зинда бош,
Офтоби рӯзгорам, зинда бош.

Аз ту шуд сарсабз нахли умри ман,
Эй сари сабзи баҳорам, зинда бош.

Дасти меҳрат мебарад ғамҳои дил,
Ғамгусору ғамбарорам, зинда бош,

Дар ту осоиш надидам аз азал,
Бемадори беқарорам, зинда бош.

Тира шуд чашмат ба раҳпоӣ, дареғ,
Модари раҳинтизорам, зинда бош.

Баски парвардӣ маро бо ҷону дил,
Холиқу парвардгорам, зинда бош!

## МОМОИ САДАФ

Аз ҳама пуркор Момои Садаф,
Ваҳ, чӣ хушрафтор Момои Садаф.

Пиру барно мисли фарзандаш бувад,
Модари ғамхор Момои Садаф.

Чун шавад ранҷур тифле ногаҳон,
То саҳар бедор Момои Садаф.

Ҷумла мардум дида некиҳои ӯ,
Бин, чӣ некӯкор Момои Садаф.

Гар якеро бар сар ояд дарду ғам,
Мешавад ғамдор Момои Садаф.

Дар ҳама тӯю сурури мардумон
Ҳаст хизматгор Момои Садаф.

Зинда бош, эй пири ботадбири деҳ,
Олами асрор Момои Садаф.

Умри ӯ рафтасту дорад то ҳанӯз
Қуввати бисёр Момои Садаф.

## СИМОИ МОДАР

Саманди бодпои умри рафта
Ба дашти ёдҳоям шиҳа мекард.
Шабе, ки модарам меҳмони ман буд,
«Ҳавои шаҳр бӯи деҳа мекард».

Ба ёд овард ожанги ҷабинаш
Хати бишкастаи пайроҳаи кӯҳ.
Ба ранги Валвалак* мӯи сафедаш,
Зи умри рафта дар дил доғу андӯҳ.

Гирифта субҳдам раҳ сӯи саҳро,
Будӣ то шом банди хӯшачинӣ.
Фуруд оварда бар хоки Ватан сар
Чу як инсони хокиву заминӣ.

Пайи ободии ин марзу ин бум
Ҷавонӣ сарфи роҳи ин Ватан кард.
Ба сад ранҷу ба сад хорию зорӣ
Ватанро рашки гулбоғу чаман кард.

Хаёлам пораи абри сафед аст
Сафедиҳои мӯю докаи сар.
Ба сад рангу хаёл овард имшаб
Ба чашмам деҳаро симои модар.

## ҚАДАМҶОИ МОДАР

Ҳар гаҳ дилам занад гум
Бо ёди рӯи модар,
Зору ҳазину нолон
Оям ба кӯи модар.

Сар барниҳам ба ҳасрат
Бар поғаҳи дари боз,
Бо нола медиҳад сар
Дарвоза банди овоз.

* Валвалак – кӯҳест дар Мӯъминобод

Девору хонаву дар
Бе ӯ ҳазину сард аст.
Дар чашмаки сафедор
Андӯҳу доғу дард аст.

Шаҳтути рӯи ҳавлӣ
Тобад ҳазину сархам.
Мижгони барги сабзаш
Ҳайрону зору пурнам.

Шуд сарсафед аз гул
Олучаи лаби ҷӯ.
Гӯё ба рӯзи мотам
Чодар гирифтааст ӯ.

Аз панҷааш, ки нақшест
Дар каҳгили танӯраш,
Бошад чу ёдвора
Аз чеҳраи банураш.

Ҳар чашмаки тиреза
Чашми раҳинтизор аст.
Дар шишаи хаёлаш
Сад нақши ёдгор аст.

Бе ӯ ҳазину зор аст
Ин кӯю дар ба дида.
Дар погаҳи дари боз
Хуни дилам чакида.

## МЕҲРИ МОДАР

Чу хуршеди ҷаҳонафрӯз болои сарам, модар,
Раҳи умрам ба нури меҳри покат мекунӣ равшан.
Манам як хадрае аз шохсори қомати сабзат,
Ба уммеди сарафрозиву сарсабзӣ дар ин гулшан.

Агарчи зери бори зиндагонӣ қоматат хам зад,
Шумори чину ожанги ҷабинат гашт афзунтар.
Баҳори умри ту чун селборон, ҳай дареғо, рафт,
Валекин шаҳсутуни хонадони ман туӣ, модар.

Ба мисли ту набошад ғамгусору нек дар дунё,
Бигирам хоки поятро ба чашмам тӯтиё созам.
Раҳи фардои қисматро зи нури меҳри поки ту
Мунаввар чун раҳи фардо пур аз нуру зиё созам.

## ОРУБОН

*Барои бародарам Карим*

Субҳ то шом ҷои худ бинӣ
Дар дили дашту домани пушта,
Оруеро кунӣ парасторӣ,
Ба ҷаҳони умед оғушта.

Пешашон рози дил кунӣ ифшо
Бе муҳаббат чу ҳамдами дерин.
Неши ору ба худ раво бинӣ,
То шавад коми дигарон ширин.

Аз пайи орувон хаёли ту
Дар гумонам, ки мекунад парвоз.
Ҳамчу чашминтизорҳо гӯӣ:
«Кош оянд аз адирҳо боз».

Ору чу одамӣ бувад гӯё,
Самари худ намедиҳад арзон.
Тарк бинмуда хонаи худро,
Ҷо бигирад ба шохаи ларзон.

Шомгаҳ чу баргарданд орувон;
Ёди деҳ дар сарам шавад гардон.
Дидаи модарам ба раҳ бошад,
Ҷамъ бошем то ба гирди хон.

## ДЕҲҚОН

Хоб дар дидааш намеғунҷад,
То нағунҷад ба хирманаш хирвор.
Дами осудае надорад ӯ,
Субҳу шом аст пойбанди кор.

Ӯ надорад хаёли шӯҳрату шон,
Шӯҳрати ин Ватан кунад афзун.
Аз сари ҳиммати баланди ӯст--
Дона аз хок мешавад берун.

Пораабре агар шавад пайдо,
Рахт бандад зи дидагонаш хоб.
Хешро мезанад ба ҳар ҷӯе,
Ҳамчунон кунда дар дами селоб…

## ПОСИ НАМАК

Намак хӯрдам зи дастархони деҳқон,
Манам парвардаи дастони деҳқон.
Замин аз ҳиммати ӯ босахо аст,
Надорад интиҳо эҳсони деҳқон.

Шитобад ҳар пагоҳӣ сӯи саҳро,
Набошад зинда ӯ бе бӯи саҳро.
Зибаски рустааст аз обу хокаш,
Надорад серие аз рӯи саҳро…

Ҳаросаш нест аз гармои сӯзон,
Набошад ҳамчу ӯ тобовар инсон.
Ба мисли ахтарон дар осмон аст
Арақҳо дар ҷабини марди деҳқон.

Зи рӯи ӯ бубинам рӯи нонам,
Биояд аз кафи ӯ бӯи ҷонам.
Ба пеши ӯ чу пеши нон бихезам,
Худои ҳастиям ӯро бидонам.

## УМЕД

*Барои хоҳарам Ситора*

Тифли шӯхи ту мекунад бозӣ,
Чашмаконаш ситораи тобон.
Бахти худро бубин ба лабхандаш,
Рӯҳпарвар чу субҳи кӯҳистон.

Дар дили кӯчакаш ҷаҳон ғунчад,
Неку бадро намекунад эҳсос.
Нест тафриқае ба чашмонаш,
Дорад ӯ бо ҳама ҷаҳон ихлос.

Бахти неке шавад насиби ту
Дар хаму печи зиндагӣ рӯзе.
Баъд аз ин ҳеҷ гаҳ машав маҳзун,
Шукр кун бо ҳама ғаму сӯзе.

Тифли худро чу тифли армонҳо
Болу пар бахшу шеваи парвоз.
Зери ин гунбади фалак рӯзе
Тифли хандони ту шавад шаҳбоз.

## ТИФЛИ МАН

Хоб кун, хоб кун, эй тифлаки ман,
Ки пайи мисраи нав бедорам.
То даме ҳаст ба дунё Заҳҳок,
Ҳамчунон Кова аламҳо дорам.

Ту макун зора: «Биё хоб равем»,
Мон, ки бедор нишинам то рӯз.
Нашкуфад ғунчаи илҳомам агар,
Гули истора бичинам то рӯз.

## ФАРЗАНД

Бегаҳӣ рафта бурун аз хона,
Ба ҳавову ҳаваси тифлона,
Баччаам дертар омад хона.

Лаҳзаи дурии ӯ аз назарам
Гӯӣ афтод ба сар бому дарам,
Ашк мерехт зи чашмони тарам.

Бо дили пураламу синаи доғ
Ҷустуҷӯ кардамаш аз кӯчаву боғ,
Сӯхт з-ин пилтаи ҷонам чу чароғ.

Ногаҳон дида варо дар майдон,
Зи пайи бозии худ саргардон,
Гӯӣ аз нав ба танам омад ҷон.

# КОХИ БЕГАЗАНД

*(Силсила)*

## МИРИ ҲАМАДОН

*Эҳдо ба рӯҳи поки орифи бузург*
*Сайид Амир Алии Ҳамадонӣ*

Аз пайки накӯяш дари дилҳо ҳама во шуд,
Гулбоғи шукуфони ҷаҳон пур зи наво шуд.
Аз марҳаматаш дарди дусадсола даво шуд,
Ӯ кист, ки дармон ба ҳама дарду бало шуд?
Пири ҳамагон аст,
Мири Ҳамадон аст.

Дар мисраъу байту суханаш сӯзи дигар буд,
Айёми гулаш шеваи наврӯзи дигар буд,
Тарҳи рухи ӯ нусхае аз файзи саҳар буд,
Ӯ кист,ки хушбахт ба айёми қамар буд?
Пири ҳамагон аст,
Мири Ҳамадон аст.

Номовари даврон шуда дар олами маъни,
Мехӯрд ба ҳар ҷой, ки буд ӯ, ғами маъни,
Ҳар як асараш монда чу як олами маънӣ,
Ӯкист, ки буд мотами ӯ мотами маънӣ?
Пири ҳамагон аст,
Мири Ҳамадон аст.

Шуд аз қадамаш мулки Хутал шӯҳраи офоқ,
З-ӯ ёфт ҷаҳони дигаре Хоҷаи Исҳоқ,
Бар шеваи гуфтори накӯяш ҳама муштоқ,
Ӯ кист, ба фазлу хиради хеш буди тоқ?
Пири ҳамагон аст,
Мири Ҳамадон аст.

Монанди чароғе ба шаби тори ҷаҳон буд,
Равшангари дилҳои ҳама пиру ҷавон буд.
Ҳарчанд ки худ зодаи шаҳри Ҳамадон буд,
Ӯ кист, ки дилдодаи мулки Хуталон буд?
Пири ҳамагон аст,
Мири Ҳамадон аст.

## КОХИ БЕГАЗАНД

Бахту умеду армон,
Зӯру мадору дармон.
Осоиши тану ҷон,
Ҳусни диёри Хатлон,
Эй Ҳазрати Амирҷон,
Эй Ҳазрати Амирҷон.

Хатлон шуд аз ту пурнур,
Аз доғу дарду ғам дур,
Шуд хасми ҷони ӯ кӯр,
Гардид бо ту машҳур,
Эй Ҳазрати Амирҷон,
Эй Ҳазрати Амирҷон.

Сарсабз гашта ҳар сӯ
Нахли чилони худрӯ,
Мисли баҳори дилҷӯ
Ин гӯша сабзу хушрӯ,

Эй Ҳазрати Амирҷон,
Эй Ҳазрати Амирҷон.

Рӯҳи ту ҷовидонист,
Чун файзи зиндагонист,
Бас олами маонист,
Сармашнаи амонист,
Эй Ҳазрати Амирҷон,
Эй Ҳазрати Амирҷон.

Чун Муштарӣ баландӣ,
Дунёи розу пандӣ,
Маҳбубу арҷмандӣ,
Худ кохи бегазандӣ,
Эй Ҳазрати Амирҷон,
Эй Ҳазрати Амирҷон.

## ЗИЁРАТГОҲ

Ҳар кӣ омад то зиёратгоҳат,эй Мири Сияҳпӯш,
Аз раҳи имону ихлос,
Банди асрори дилаш пеши ту во кард,
Гарди хоки хокдонатро ба рӯву дидаҳо кард.
Дардҳояшро даво кард.

Ҳар кӣ омад бо муроде,
Шуд муродаш аз ту ҳосил,
Баъди навмедиву ғамҳо,
Баъди андӯҳу аламҳо,
Шуд арӯси бахту шодӣ,
Ҳамчу дилдода ба ӯ моил.

Марди раҳ баҳри дуо бар даргаҳат ояд,
Пеш аз оғози сафар,
То раҳи ӯ дур бошад аз ҳама хавфу хатар.

Ҷуфти навдилдодагон оянд,
То мададгорӣ кунад арвоҳат, эй Мири Кабир,
Дар раҳи пурпечутоби зиндагонӣ,
Ҳар ду гардад қӯшапир.

Бо муроде ҳар кӣ омад,
Шуд муродаш аз ту ҳосил.
Мулки Хатлон ҳаст чун ҷисме агар,
Дар ниҳоди ӯ туӣ дил.

## ИШОРА

*«Эй азиз, ҳаром махӯр ва ҳаром макун ва заифонро маҳрум магардон, ки ба ҳақиқат худро маҳрум гардонӣ»*

*Аз «Рисолаи қуддусия»-и*
*Сайид Амир Алии Ҳамадонӣ*

Ҷуз некномӣ дар ҷаҳон
Чизе намонад ҷовидон.
Дар зиндагӣ аз хештан
Некӣ бимон, некӣ бимон!

Чун рафтани шому саҳар,
Ин рӯди ҳастӣ даргузар.
Одам зи дунё чун гузашт,
Ӯро куҷо ёбӣ дигар?!

Ҳақ монаду ҳақпарваре,
Равшанзамиру сарваре.
Кохи сиёсат бебақост,
Гар шаҳ бувад зулмоваре.

Эй шаҳ, агар одил наӣ,
Аз аҳли меҳру дил наӣ.
То муфлису бечораест,
Ғамхораву оқил наӣ.

Танҳо мабин имрӯзи худ,
Як лаҳзаи фирӯзи худ.
Имрӯзро фардо бувад
Бо дарду доғу сӯзи худ.

Ғамҳои дунё мушкил аст,
Фардои дунё мушкил аст.
Дорӣ чу кирдори хато,
Аъмоли уқбо мушкил аст.

Парҳезгорӣ хуш бувад,
Дилбеғуборӣ хуш бувад.
Назди Худову бандааш
Покизакорӣ хуш бувад.

Покизаву бекина бош,
Чун меҳри дил дар сина бош.
Бинӣ ҷаҳоне нав ба нав,
Ту ҳамдами дерина бош.

# ШАМЪИ ГИРЁН

## ҲАСРАТ

*Дар сӯгвории устод Ашӯр Сафар*

Хуршеди фараҳ пушти саҳоби алам афтод,
Хун дар ҷигари хастаи аҳли қалам афтод.
Дар гулшани дил оташи сӯзони ғам афтод,
Дар оинаи чашми ҳама гарди нам афтод.
То гӯши фалак нолаи «Э, во балам» афтод.

Ӯ марди раҳу марди худододи сухан буд,
Фарёдрасе лаҳзаи фарёди сухан буд,
Як умр пайи некию имдоди сухан буд,
Сарсабзии як гӯшаи ободи сухан буд,
Дар олами эҷод худ устоди сухан буд.

Аз ҷангу ҷадалҳои замон сактаи дил шуд,
Аз қаҳқаҳаи тиру камон сактаи дил шуд,
Аз оташи ин ҷову макон сактаи дил шуд,
Аз ларзаи тан, ларзаи ҷон сактаи дил шуд,
Аз беғамии ҳамватанон сактаи дил шуд.

Ҳар ҷой ки буд, ёди Вализода буд он ҷо,
Сад ҳикмату эҷоди Вализода буд он ҷо,
Гӯё суханободи Вализода буд он ҷо,
Бас хотираи шоди Вализода буд он ҷо,
Худ рӯҳи худододи Вализода буд он ҷо.

Ҳайфо, пас аз ӯ маҳфили моро шараре нест,
Шабҳои дарози ғами моро саҳаре нест,
Аз хоки аҷал ғайри ҷудоӣ самаре нест,
Аз олами улвӣ асареву хабаре нест,
Дар кӯчаи Кӯлоб Ашӯри Сафаре нест.

*12-уми январи 1997*

## ҒАМНОМА

*Дар мотами хоҳарам Гулдаста*

Аз чӣ аз боғи ҷаҳон тозабаҳорам, рафтӣ,
Гули бишкуфтаву бесабру қарорам, рафтӣ?
Олами шодию сад шӯру шарорам, рафтӣ,
Мисли хуршед аз ин дидаи чорам рафтӣ.
Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
Ҳасрату доғи дилу бахту барорам, рафтӣ.

Хоҳари хушқаду хушхонаву якдонаи ман,
Равшанибахши шаби тираи кошонаи ман,
Рафтию хонаи ғам гашта кунун хонаи ман,
Ку дигар шодии ин манзили вайронаи ман?
Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
Ҳасрату доғи дилу бахту барорам рафтӣ.

Мисли чокак шуда ҳолам ҳама дам чок задан,
Доду фарёд ба бому дари афлок задан,
Ба сару дида ба андӯҳу алам хок задан,
Ханҷари доғи туро дар дили ғамнок задан.
Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
Ҳасрату доғи дилу бахту барорам, рафтӣ.

Мурғи шодӣ накунад майли суроғам бе ту,
Нашукуфад зи фараҳ ғунчаи боғам бе ту,
Гули оташ нарасад сӯи чароғам бе ту,
Ҳамчунон лола дилафрсурдаву доғам бе ту.
    Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
    Ҳасрату доғи дилу бахту барорам, рафтӣ.

Бе ту ғамбодаи андӯҳу алам нӯш кунам,
Аз худу даҳри фурӯмоя фаромӯш кунам,
Назаре ҷониби он турбати гулпӯш кунам,
Хешро ҳамчу шаби тира сияҳпӯш кунам.
    Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
    Ҳасрату доғи дилу бахту барорам, рафтӣ.

Гуфта будам, ки маро ҳамдаму дилбаста шавӣ,
Дар гулистони умедам гулу Гулдаста шавӣ,
Аз ғаму ғуссаи дунё ҳама вораста шавӣ,
Ворису ёвару ғамхори мани хаста шавӣ.
    Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
    Ҳасрату доғи дилу бахту барорам, рафтӣ.

Баъд аз ин бе ту нахандад гули шодӣ ба лабам,
Бо ғаму нолаву афғон гузарад рӯзу шабам,
Оташу об бувад огаҳи ҳар тобу табам,
Аз ҷаҳони гузарон ҷони туро металабам.
    Эй давобахши дилу дидаи зорам, рафтӣ,
    Ҳасрату доғи дилу бахту барорам, рафтӣ.

*13. 08. 1997.*

## СУРОҒ

*Навҳаи Саидмӯъмин Шамсов дар суроғи*
*ҷигарбандаш Абдухолиқ*

Ашки ғам аз дида резам то саҳар,
Панҷаи ларзони дастам карда тар.
Сӯзад аз заҳри алам ҷону ҷигар,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Оварам ҳар гаҳ чу ёдат бо алам,
Мечакад бар дафтарам ашки қалам.
Бо фиғону нола гӯям «Во балам»,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Синаам аз наштари ғам пора шуд,
Кӯ ба кӯ дил аз паят овора шуд.
Чорасози ҳоли ман бечора шуд,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Гаштаам ҳамчун қаландар кӯ ба кӯ,
То туро бинам ба ногаҳ рӯ ба рӯ.
Доғи ту дар ҷисму ҷонам мӯ ба мӯ,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Нола кардам пеши боди раҳгузар,
То зи ҳастият ба ман орад хабар.
Бод ҳам зад хокро аз ғам ба сар,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Дар суроғат пуштаву хам дидаам,
Кушта фарзандони одам дидаам.
Эй Худоё, ин чӣ мотам дидаам,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Дар бағал гирам чу фарзандони ту,
Ёдам ояд чеҳраи хандони ту.
Розиям ҷон дода гирам ҷони ту,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

Шӯълаи чашмони пазмонам, биё,
Қуввати бозуву дармонам, биё,
Марҳаме гардида бар ҷонам, биё,
Дар куҷоӣ, нури чашмонам, биё?!

## НАВҲАИ МОДАР

*Нолаи холаи Маҳтоб дар марги*
*писари ҷавонмаргаш Аскар*

Навшаҳи хушрӯи оча,
Дидагонат сӯи оча,
Бе ту зору нотавонам,
Эй камонабрӯи оча.
Баччаҷонам, бачамой.

Зеби ҳавливу дари ман,
Сарпаноҳу сарвари ман.
Ашк резад ҳамчу борон
Аз ду чашмони тари ман.
Баччаҷонам, бачамой.

Аскари хандонлаби ман,
Равшанибахши шаби ман.
Бе ту кай ояд аз ин пас
Харфи шодӣ бар лаби ман.
Баччаҷонам, бачамой.

Очаат қоматхамида,
Ашк резонад зи дида,
Ханҷари нохуни худро
Аз алам бар рӯ халида.
Баччаҷонам, бачамой.

Аскари меҳмони оча,
Дарду ҳам дармони оча.
Хуфтаӣ болои тобут,
Навшаҳи беҷони оча.
Баччаҷонам, бачамой.

## ДИЛСӮХТА

*Навҳаи апаи Одинамоҳ дар мотами ҳамсараш*

Рафтиву ҳазину зору доғам бе ту,
Дилсӯхтае мисли чароғам бе ту,
Эй нахли умеди бармаҳал гашта хазон,
Чун шохаи хушкидаи боғам бе ту.

Рафтиву дами фасли баҳорам рафта,
Шодиву фараҳ зи рӯзгорам рафта.
Чун лола даруни сина дорам доғе,
Зеро ки анису ғамгусорам рафта.

Рафтиву ғами ту аз дилам дур нашуд,
Пайроҳаи ишқу манзилам кӯр нашуд.
Ҳайратзадаам, чӣ сон зи ашкам охир
Ин рӯди равони зиндагӣ шӯр нашуд.

Эй зӯри тану мадори ҷонам, рафтӣ,
Хуршеди мунаввари ҷаҳонам, рафтӣ.
Дар ҳасрати ту баҳори ман гашта хазон,
Андешаи умри ҷовидонам, рафтӣ.

Асло накунад фараҳ суроғам бе ту,
Кай бӯи гул ояд ба димоғам бе ту.
Мегиряму нола мекунам зори ба зор,
Як лаҳза куҷо дами фароғам бе ту.

Рафтиву ба ёди туам, эй ҳамдами ман,
Кӯтоҳ намешавад таноби ғами ман.
Ҳайратзадаам, ки чун манам зинда кунун,
Дар хоки сияҳ хуфта чу Сайдаҳтами ман.

## ХАНДА БА ЛАБ МЕШУДА БОШАД

*Ба ёди устод Ашӯр Сафар*

Баъди сари ту ханда ба лаб мешуда бошад,
Дар маҳфили мо базму тараб мешуда бошад?!

Дар кашмакаши қисмату ноҷӯрии айём
Лабханди ту равшангари шаб мешуда бошад?!

Дил аз асари ҳаҷри ту сӯзад ба табу тоб,
Озод аз ин ларзаву таб мешуда бошад?!

Гуфтӣ, ки зи ғамҳои замон хаставу зорам,
Оё дами имдоду талаб мешуда бошад?!

Бо доғу алам рафтӣ аз ин даҳри балохез,
Дунёи аҷабгашта аҷаб мешуда бошад?!

Имдодгаре баъди ту ку аҳли суханро?!
Фарёди қалам оҳи ғазаб мешуда бошад?!

Розат шунавам ҳар саҳар аз пуштаи хомӯш –
«Помолу фано зулмати шаб мешуда бошад?!»

## НАВҲА

Навхати зебои оча,
Хушқаду раънои оча,
Яккаву яктои оча,
Ҳасрати дунёи оча.

Сарпаноҳу сарвари ман,
Зеби ҳавливу дари ман.
Аз чӣ рӯ раҳме накардӣ,
Дидаи бинои оча?!

Рафта нури ҳарду дида,
Гаштаам қоматхамида.
Ҳасрато, мемирам аз ғам
Эй сару савдои оча.

Нури чашмонам ту будӣ,
Бахту армонам ту будӣ.
Паҳлавону марди майдон,
Давлату дунёи оча.

Бо ту будам шоду масрур,
Аз ғаму дарду ҷафо дур,
Ҳасрато, бе ту ғаминам,
Чашми хунполои оча.

Ҳайфи он мижгону абрӯ,
Ҳайфи рӯву чашми хушрӯ,
Бо фиғону оҳу шеван
Меканам рӯ, меканам мӯ.

Дидаи бинои оча,
Чашми хунполои оча.
Эй сару савдои оча,
Ҳасрати дунёи оча.

## МУАЛЛИМ

*Сипоснома ба устоди зиндаёд*
*Сангаҳмад Юсуфзода*

Бигзарад посе зи шаб, аммо туро
Кай биёяд хоб андар дидагон?!
Ҷумла мардум рафта андар хоби ноз,
Чашми ту бедор мисли ахтарон.

Баҳри ҳар як нуктаи шогирди худ
Мешавӣ побанди сад фикру хаёл,
Мехӯрӣ чун боғбон хуни ҷигар,
То шавад сарсабз ҳар як навниҳол.

Умри ту монанди оби чашмасор
Қатра-қатра оқибат кам мешавад.
Шод аз онӣ – қатраҳои умри ту
Бар сари шогирдҳо зам мешавад.

Аввалин ҳарфи саводу зиндагӣ
Аз ту бигрифтам, аё устоди ман.
Мушкиле ояд агар дар зиндагӣ,
Мешавӣ ту аз пайи имдоди ман.

Бо нахустин ҳарфҳо маъво гирифт
Меҳри ту дар дидаву дар синаам.
Ҳар қадар, ки мешавам солотар,
Пеши ту он кӯдаки деринаам.

## РЕЗАД АЗ ЧАШМИ ИНТИЗОРАМ ОБ

*Ба хотираи Ҳабибулло Файзулло*

Имшаб аз осмони пурахтар
Канда шуд ахтари дурахшоне,
Хабари марги ту ба гӯш омад,
Дидаам шуд чу абри боронӣ.

То наболад зи иқтидораш марг,
Хун гиристам дарун-дарун хомӯш.
Бо хаёли суруди ногуфта
Ғуссаву ғам маро гирифт оғӯш.

Шод будам зи давлати дидор,
Ман туро дида дар раҳи Кӯлоб,
Лек аз чашми интизори ман
Баъд аз ин қатра-қатра резад об.

## УҚОБ

*Барои Саидҷон Ҳакимзода*

Ошён монда дар баландиҳо,
Чашм дӯзад ба сӯи санги сард.
Ҷӯяд ӯ қуллаи баланди умр,
Дорад аз пастҳо ба ҷонаш дард.

Аз сари теғаи баланди кӯҳ
Мекушояд чу боли парвозаш,
Мерасад гӯиё дар ин лаҳза
То ба гӯши ситораҳо розаш.

Метавонад мудом тоб орад
Бар дами барфу шиддати бӯрон.
Пойдевори умри ӯ гаштанд
Гӯиё сангҳои кӯҳистон.

Боли парвози хеш бикшода,
Қулларо зери боли худ гирад.
Зиндагӣ карда чун уқобе ӯ,
Оқибат чун уқоб мемирад…

## ДИЛФИГОР

*Барои Қарабек Носирзода*

Қаламкаш ҷуз қалам чизе надодаш,
Ба ҷуз дарду алам чизе надодаш.
Барои пиру барно мехӯрад ғам,
Ба ҷуз дунёи ғам чизе надодаш.

Ба чашми кам мебинедаш, ки охир
Ҷафои зиндагиро кам надидаст.
Агар нахле зи пурборӣ шавад хам,
Қади болои ӯ аз ғам хамидаст.

Ҳиҷову ҳарфу байти гуфтаи ӯ
Ҳиҷову ҳарфу байти эътиқод аст.
Накуномӣ биёмӯзад ба мардум,
Агарчи худ талабгори савод аст.

Мазан нохун ба тори ҳасрати ӯ,
Надорад кинае чун пушти нохун.
Аламдоре дар ин дунё чу ӯ нест,
Зи доғи зиндагонӣ мехӯрад хун.

## НАХЛИ ШИКАСТА

*Ба ёди ҳамсабақи*
*ҷавонмаргам Сафаргул*

Лаҳзаи дилкашии умрат буд,
Доштӣ ҳукми гули наврӯзӣ.
Ҳамчунон ғунча дар ин боғи ҳаёт
Мешукуфтӣ ба ҳама худсӯзӣ.

Чеҳраат буд чу садбарги сафед,
Қоматат химчаи тарро мемонд.
Мӯи ту нусхае аз тирашабон,
Чашми ту наҷми саҳарро мемонд.

Охирин соли сабақомӯзӣ
Ҳалқаи охири умри ту будаст.
Хоки носер зи одам, ҳайфо,
Дари армону умеди ту бубаст.

Охирин соли сабақомӯзӣ
Курсии ту ба барам холӣ монд.
Хомаи умр дар асҳофи дилам
Нуқта бар шодию хушҳолӣ монд.

Ҳар гаҳе бигзарам аз мактаби деҳ,
Чеҳраат пеши назар меояд.
Дида абри гузарони пушта,
Боз ёди ту ба сар меояд.

## АЛАМДОР

*Ба ёди духтари ҷавонмаргам Нозанин*

Нозанини шӯхи бетолеи ман,
Дар мазористони Толеъ[1] хуфтааст.
Тундбоди доғу андӯҳу ғамаш
Нури шодиро зи ҷонам руфтааст.

Аз хазони навниҳоли қоматаш
Қоматам аз бори ғам хам гаштааст.
Дар хаёли чашми оҳувонааш
Нурҳои дидаам кам гаштааст.

Дар лабонаш ҳамчу садбарги саҳар
Хандаи зебо ба нозе мешукуфт.
Дар гулистони ҷамоли дилкашаш
Ғунчаи розу ниёзе мешукуфт.

То зи ранҷи ӯ нагардам дилҳазин,
Ӯ наменолид пеши ман зи дард.
Бо ҳама озурдаҷонӣ дошт ӯ
Аз барои зиндагӣ шавқи набард.

Гиряро мекушт бо лабхандааш,
То бубинад хандаи лабҳои ман.
Лаҳза-лаҳза бо аламҳо бигзарад
Баъди ӯ рӯзи ману шабҳои ман.

---

[1] Толеъ – зодгоҳи шоир дар ноҳияи Мӯъминобод

## ҒАМБОДА

Бе ту нахли ормонам сарнагун афтодааст,
Булбули шайдову хушхонам забун афтодааст.
Он ки озораш ба мӯре норасида то кунун,
Ҳасрато, ғарқида байни хоку хун афтодааст.

Равшаноӣ доштӣ дунёи дил аз рӯи ту,
Мешудам пазмони ҳарфи дилкашу дилҷӯи ту.
Айни бишкуфтан, шигифто, номаҳал гаштӣ хазон,
Дидаи пазмону ҳайронам ҳамоно сӯи ту.

Ашки чашмамро чу борони баҳорӣ кардаӣ,
Рӯди ҷонамро саропо беқароре кардаӣ.
Хуфта дар хоки сияҳ, эй олами армони дил,
Хонаи ҷони маро чун шоми торе кардаӣ.

Зору нолон рӯзу шабҳо зери ин вайронаам,
Кошки пур мешуд ин дам қисмату паймонаам.
Чӯбу девору дару ҳавлӣ бигӯяд бо фиғон:
– Аз фироқу ҳаҷри ӯ бо хештан бегонаам.

Чеҳраи бишкуфтаат чун оядам пеши назар,
Нола хезад аз дилу аз ҷону аз банди ҷигар.
Давлати дидори ту, эй кош, медидам зи нав,
Мешудам сармасти дидори ту, эй нури басар.

# ГУЛБОНГИ ИШҚ

## ҶАВОНӢ

Зи ту рафтам замоне, бо умеде боз дарёбам
Ҳама гумкардаҳои рӯзгори рафтаи худро.
Зи ту рафтам, ки шояд аз дигар бинам ба ранги нав
Замони баччагиву навбаҳори рафтаи худро.

Даруни синаам саршори ишқу ормонҳо буд,
Даме, ки сӯи мулки орзуҳо раҳ гирифтам ман.
Гумон кардам, ки шодии ҷаҳон умрест ҳамроҳам,
Хаёлан аз миёни ахтаристон маҳ гирифтам ман.

Зи ту рафтам ба уммеде, ки бинам як замоне боз
Туро чун субҳи армонпарвари хуршеди рахшонам.
Гузашти рӯзгорон кай туро аз ман ҷудо созад,
Хаёлам, мешавӣ рӯзе тасаллобахшу дармонам.

Дами рафтан қатори хӯшачинон монда дар саҳро,
Гумонам хӯшачинӣ мекунӣ ҳар субҳдам то шом.
Куҷо донистаам он дам, ки баъди ин ҷудоиҳо
Ба ҳар кас навбаҳоре ҳасту дорад аввалу анҷом.

Кунун ҳам бо хаёли он ҳама айёми тиллоӣ
Нишинам то саҳар бедору ёд орам ҷавониро.
Баҳористони ман бигзашту андар тирамоҳи умр
Варақгардон кунам ҳар дам китоби зиндагониро.

## ГУЗАШТИ УМР

Даргузашт аз осмони умри ман
Мурғи зарринболи як рӯзи дигар.
Хонаи чашму дили ман боз монд
Интизори фасли наврӯзи дигар.

Хомаи тақдир гӯё ин замон
Зад хати батлон ба байти умри ман.
Достони умрам охир гум шавад
Аз кафи ин ҳифзгарҳои сухан.

Шарфаи пои саманди зиндагӣ
Чун нидо аз дур меояд ба гӯш.
Хонадам: Эй марди раҳ, аз раҳ намон,
Мепарастад зиндагӣ ҷӯшу хурӯш.

Аз ҳисоби рӯзҳои зиндагӣ
Боз рӯзе аз пайи рӯзӣ гузашт.
Сард гардида танӯри синаам,
Оташи меҳру худафрӯзӣ гузашт.

Чун шафақ буд дар китоби осмон
Оташин як сафҳаи умри равон.
Бе шумо, эй рӯзҳои рафтаам,
Зиндагӣ кардан гарон асту гарон…

## АФСОНАИ ЧАШМ

Аз ҳама афсонаҳои зиндагӣ
Хуш бувад афсонаи чашмони ту.
Маҳву шайдои нигоҳат мешавам,
Чун биҷунбад шохаи миҷгони ту.

Ман шунидам қиссаву афсонаҳо
Аз вафодориву меҳру ошиқӣ.
Рафтаам дар як нафас то кӯҳи Қоф,
То ки бишносӣ маро дар содиқӣ.

Эй басо афсонаҳое хондаам, –
Зарпарасте кинахоҳу киначӯ.
Аз сари кин кушта фарзанди падар,
То шавад болотар ӯро обрӯ.

Дидаам, ки умри худро одаме,
Бигзаронад аз пайи молу манол.
Бо чунин ҳамраҳ ба роҳи зиндагӣ
Пеш бурдан бори қисматро маҳол.

Аз миёни ин ҳама афсонаҳо
Баҳри ман афсонаи чашми ту бас.
Аз ҳама афсонаҳои зиндагӣ
То дами мурдан туро дорам ҳавас.

## ДУ ҲАРФ

Ба ёдат ҳаст он рӯзе,
Ки андар сафҳаи нақшини гулдӯзӣ
Намудӣ нақш ҳарфи аввали номи ману худро.

Ду ҳарфе нақш бинмудӣ,
Ки дар он сидқ буду навҷавонӣ буд,
Ҷаҳони нақшҳоро рангҳои зиндагонӣ буд.

Кунун, эй дилбари гулдӯз,
Бидӯзӣ кош андар сафҳаи нақшин:
«Ба қадри навҷавонӣ рас!
Ҷавонӣ ҳаст, охир, меваи ширин».

## ДИЛБАСТА

Зи чашмам мегурезонӣ ду чашмони сиёҳатро,
Вале чашми дилу ёду хаёли ман ба ту моил,
Чаро беҳуда худро мезанӣ бар кӯи нодонӣ?
Бо ин сон дилкашиву дилкашолии туам қоил.

Зи пешам бигзарӣ, монӣ вале дар хонаи чашмам,
Бигирам сурмаворӣ нӯги миҷгон гарди роҳатро.
Ба мисли мавҷгире дар само оҳиста мегирад
Ба осонӣ дили ошуфтаам мавҷи нигоҳатро.

Дилам дар сина ҳамчун тифли шӯхе мезанад почак,
Чу бинам рӯ ба рӯи ман даме кебида меоӣ.
Ба ҷуз камҷуръатӣ ҷурме миёни мо набуд ҳаргиз,
Ба он шарму ҳаёи хеш ҳоло ҳам ту зебоӣ.

Туӣ чун навбаҳори гулфишони орзуи ман,
Туӣ истораи иқболу бахту обрӯи ман.
Зи пешам меравӣ ҳамчун насими мушкбӯ нармак,
Вале мурғи дилат умре бувад моил ба сӯи ман.

Манам моҳӣ, набошам зинда бе рӯди канори ту,
Бихушкад сабзаи меҳрам, набинам гар баҳори ту.
Ба пеши дидагонам зиндагӣ файзи дигар дорад,
Чу бинам, ҷони ман, рухсори поку беғубори ту.

* * *

Дар раҳи деҳа гаҳ қадам монӣ
Банди андешаҳои беохир.
Куртаи сурхи ту ҳаметобад
Пеши рӯ ҳамчу лолаҳои адир.

Гесувони дарозу мушкинат
Хӯрад албонҷ гоҳи раҳгардӣ,
Дил бичунбад қатори кокулҳот,
Бигзарӣ лек ҳамчу бедарде.

Бол бикшода мурғи армонҳо,
Турнаосо ҳамешавад пайдо.
Дар сари ҳар қадам хаёли рухат
Боз ҳам мекунад маро шайдо.

Дил ба ҳар ҷунбишаш ба ман гӯяд:
«Бин, аҷаб нозанину зебоест,
Бо чунин ҳусну қомати дилкаш,
Ба Худо, рашки моҳи дунёест».

Лаҳзае аз пасат назар созам,
Хамчу тифле дилам ба ту моил.
Лек бинам, ки зиндагӣ дарёст,
Мо ҷудоем ҳамчу ду соҳил…

## ЁДИ ТУ

Бо ёди ду абрӯи ба ҳам пайваста
Пайваста ду дидаам ба роҳат баста.
Гесӯи шикан-шикан хаёлам бубарад,
Чун пораи абри раҳ ба раҳ бигсаста.

Ёди ту зи пуштаи хаёлам гузарад,
Чун хоби хуше дами висолам гузарад.
Аз боғи муроди худ гуле ночида.
Ҳайфо, ки баҳору моҳу солам гузарад.

Бе ёди ту builtози ман надорад овоз,
Шаҳбози умеди ман надорад парвоз.
То чанд ғами канораҷӯӣ, охир?
Як бар биё, тифли умедам бинавоз.

Дар гӯшаи хотирам фақат ёди ту аст,
Ёди гули рӯву қади шамшоди ту аст.
Ҳаргиз ҳаваси моли ҷаҳонам набувад,
Дар хонаи дил ишқи худододи ту аст.

## ИН ШЕЪРРО
## БАРОИ ТУ МЕГӮЯМ

Сар то ба пой ҳусни худододӣ,
Бахт аз дари саҳрои ту меҷӯям.
Эй он ки дарду сӯзу ғамам додӣ,
Ин шеърро барои ту мегӯям.

Бо чашмҳои масту хаёлангез
Шармида мекунӣ назаре сӯям.
Бо ҷунбиши насиму гулу сабза
Ин шеърро барои ту мегӯям.

Пайдо шавад зи гӯшаи долонат
Он қурси моҳи рӯи ту бар рӯям.
Маҳви ҷамолу ҳусни рухат гашта,
Ин шеърро барои ту мегӯям.

Хоҳам туро чу ғунчаи хандоне,
Бигрифта дар канору даме бӯям.
Эй навбаҳори ишқи ҷунунхезам,
Ин шеърро барои ту мегӯям.

Бо дарду доғу ишқу умеди хеш
Монанди банду мисраи андӯҳам.
Балки туӣ фариштаи ашъорам,
Ин шеърро барои ту мегӯям.

* * *

Азбаски дар муҳаббат
Парвои мо надорӣ.
Беҳуда ман кашидам
Бори умедворӣ.

Дарду ғамат ба сина
Умрест ҷо намудам.
Бо он ки бевафоӣ,
Бар ту вафо намудам.

Гуфтам, ки як замоне
Гардӣ ту моили ман.
Дар ҷӯши зиндагонӣ
Бошӣ ту соҳили ман.

Монанди пахтазорон
Рухсараат шукуфта.
Будам ба ёди рӯят
Бедордил, нахуфта.

Аз печутоби зулфат
Шуд қисматам пур аз печ.
Бо ишқ мешавам пур,
Бе ишқ мешавам ҳеҷ.

Гулрез гашта акнун
Наврӯзи орзӯят.
Аз шеъри ман биҷӯӣ
Он ҳусну рангу бӯят.

* * *

Аҷаб не гоҳ-гоҳе оварӣ бар гӯшаи хотир
Мани дилдодаатро лаҳзаҳои сахти танҳоӣ.
Ва шояд бигзарад аз пеши рӯ монанди рӯъёе
Ҷавони шармгину содае ҳангоми раҳпоӣ.

Кунун, ки мевазад боди хазони тирамоҳи умр,
Аҷаб не, боз он фасли баҳорон мерасад бар ёд.
Зи қаъри синаат ногаҳ ба садҳо оҳу шеванҳо
Дили ғамдидаи ту мекунад охир маро фарёд.

Аҷаб не, лаҳзае ки тифли худро мекунӣ парпеч,
Ба ёдат мерасад уммедҳои ғурамарги ман.
Зи бемеҳриву тӯфони аламҳои ту шуд охир
Ҷудо аз нахли армону ҳавасҳо шоху барги ман.

Ту шояд хонда ашъори маро дар гӯшаи хилват,
Зи ҳар байту ҳиҷоям тарҳи рӯи хеш меҷӯӣ.
Агарчи гарму сарди зиндагӣ ҳусни туро бурда,
Вале дар дидаву андешаи ман боз хушрӯӣ.

Туро шаҳмисраи умри ҷавонам гуфта будам ман,
Вале холист сар то по китоби умри ман бе ту.
Дар ин як умри кутаҳ хӯрдаам он қадр ғамҳоят,
Ки саргум гашта ин дам сарҳисоби умри ман бе ту.

* * *

Гуфтам аз ишқ дигарбора нагӯям ҳарфе,
Пайи он дилбари бемеҳр насӯзам дилу ҷон.
Ҳарчи шодиву ғаме буд замоне, бигузашт,
Шуд зи нахли ҳавасам дур чу як барги хазон.

Гуфтам ӯро, ки ба он ҳусни рухи зебояш
Рашки моҳи фалаку лолаи кӯҳистон буд.
Мезад ӯ чун қадам аз кӯча ба сад нозу хиром,
Дидаҳои ҳама сар то қадамаш ҳайрон буд.

Буд вақте ки дилу ҷон сӯхтам аз бахшаки ӯ,
Хостам рози дили хеш намоям изҳор.
Лек андешаи оне, ки наранҷад ногаҳ
Дам ба дам мешудӣ монеи раҳи ин дили зор.

Баски ӯро набудӣ як сари мӯ меҳру вафо,
Сар ба гулбоғи ҳавасҳо зуду сармоя биҷуст.
Тоби хуршеди вафодории моро, ки надошт,
Рафту дар боғи дигар чун гули дар соя бируст.

Он дам ӯро, ки будӣ чеҳра чу садбарги саҳар,
Гулпарасте пайи як лаҳза баҳораш бирабуд.
Боғи ҳуснаш, ки ба монанди анористон буд,
Раҳзане ҳамчу як афшурдаанораш бинамуд.

Қатра-қатра зи рухаш ҳусни ҷавонӣ кам шуд,
Тобад ин лаҳза ба монанди гули пажмурда.
Бофт дар чеҳраи ӯ тӯри ҷабин чевари вақт,
Ӯ зи танҳоию бигзаштаи худ озурда.

Ҳар киро нест ба дил меҳру вафои азалӣ,
Оқибат хастадилу тоқаву танҳо монад.
Ҳар кӣ андешаи фардои ҳаёташ накунад,
Бо дили пураламу сад сару савдо монад.

* * *

Аз нигоҳи пургуноҳи ман
Мегурезонӣ нигоҳатро.
Дар танӯри ҷону дил хоҳам
Лахчаи чашми сиёҳатро.

Лаҳзае чун бингарам сӯят,
Дида аз дилдода баргирӣ,
Духтари хушруӣ рустоӣ,
Аз ҳаё гӯё ки дар гирӣ.

Чашми оҳувонаи мастат
Масту махмурам кунад як дам.
Дидани ҳусни расои ту
Аз худам дурам кунад як дам.

Мегурезонӣ нигоҳатро
Лаҳзае аз пеши чашмонам.
Бо ҳама ноошноиҳо
Мезанӣ тире ту бар ҷонам.

Бо табу тобе нигоҳи мо
Дар фазо бармехӯрад ногаҳ.
Кош, эй зебои рустоӣ,
Аз дилам боре шавӣ огаҳ.

* * *

Лаҳзае бо дигаре дидам туро,
Ишқ ҳамчун тифли армонам гузашт.
Дар нигоҳам рӯзи равшан тира шуд,
Тири ғам аз ҷавшани ҷонам гузашт.

Лаҳзае бо дигаре дидам туро,
Рехт аз боли умеди ман паре.
Аз миёни осмони қисматам
Дар гумонам, канда шуд боз ахтаре.

Лаҳзае бо дигаре дидам туро,
Лаҳзае мебинамат бе дигарон…
Шояд он дам ёд меорӣ маро,
Чун раҳии монда дур аз корвон…

* * *

Миёни кӯчаи шаҳр аз бари ман
Саманди бод ҷавлон карду бигзашт.
Гузашти навҷавонӣ ёдам омад,
Маро як лаҳза гирён карду бигзашт.

Ғубору гардро дидам зи пушташ
Равон хуштаккашон манзил ба манзил.
Каҳу хоки кафаш бар ёдам овард
Аз он бому аз он девори каҳгил…

Гузашт ӯ бо ғуруру шӯру мастӣ,
Дилам кард аз пояш чун шоха нолиш.
Танинандоз шуд дар кӯчаи шаҳр
Суруди хайрбодиҳо ба хиш-хиш…

## ЭЙ ОШНО…

Эй ошно, марав аз пеши дидаам,
Ман чеҳраи туро серӣ надидаам.
Биншин, ки лаҳзае пурсам зи ҳоли ту,
Парвардаам ба сар чанде хаёли ту.

Чун мурғакон даме дар лонае ба ҳам
Ҳарду чашидаем шаҳди ғаму алам.
Бас рӯзу шомҳо дамсози ҳам будем,
Ҳамрозу ҳамнафас бо бешу кам будем.

Бо ҳам басо шабон гуфтем рози дил,
Эҳсоси ошиқӣ, сӯзу гудози дил.
Дилгарм мешудем аз як нигоҳи гарм,
Бикшода пеши ҳам розу ниёзи дил.

Шеъри нахусти ман чун Чашмаи Хумор,
Сар зад барои ту он фасли навбаҳор,
То ки нахушкад он ногаҳ ба нимараҳ,
Рӯзу шабам кунун бедору беқарор.

Чун дон ба хӯшае чанде ба ҳам будем,
Ҳар як фитодаем акнун ба гӯшае.
Бо хеш бурдаем з-он лаҳзаҳои хуш
Дар шоҳроҳи умр аз меҳр тӯшае.

Дерест, ки туро серӣ надидаам,
Гулҳои меҳри ту чанде начидаам.
Биншин, ки соате пурсам зи ҳоли ту,
Эй ошно, марав аз пеши дидаам.

## ҶОВИДОНӢ

Сӯҳбати ёрони ҷонӣ монд, монд,
Дӯстию қадрдонӣ монд, монд.
Барабас дилсардҳо ҷон кандаанд,
Шӯълаҳои зиндагонӣ монд, монд.

Умри дигар хомаи эъҷоз дид,
Нақшҳои килки Монӣ монд, монд.
Ҷанг шуд чун дуд беному нишон,
Гулхани сулҳу амонӣ монд, монд.

## САФЕДОР

Бароям шир-шири барги сафедор
Чу савти резаборон дилнишин аст.
Занад пар-пар миёни панҷаи бод,
Ба мисли боли кафтар нозанин аст…

Дилам бо шир-шираш то ҷӯр гардад,
Даруни боғ манро бин нишаста,
Ту гӯӣ бишканад шохи умедам,
Агар як шохааш бинам шикаста.

Ба ӯ аз тифлӣ одат кардаам ман,
Надорад меҳри ӯ дар сина охир,
Варо монанди фарзандони деҳа
Мани аз деҳа дур орам ба хотир…

## МАНЗАРА

Чеҳра бо қарси абр карда панаҳ
Моҳ монанди духтари шармин,
Қарси худро зи рӯ фиканда гаҳе,
Хандае мекунад ба сӯи замин.

Ногаҳон пораабри боронӣ
Моҳро мекашад паси чодар.
Боз дар дидаам шавад пайдо
Ҳамчунон наварӯс тозаву тар.

Чеҳрахандон ҳамедарояд моҳ
Нарм дар бистари ҳарири саҳоб.
Сар ба болини кӯҳ бинҳода,
Меравад наварӯси моҳ ба хоб…

## АБР

Пораабре рӯй-рӯи пуштаҳо
Меравад гирёну гирён.
Ҳамчу модар аз паси тобути фарзанд
Ашкрезон, ашкрезон…

Пораи абри парешон
Пуштаҳоро мекашад як дам ба оғӯш,
Модари зоре ту гӯӣ
Сина мемолад ба гӯри баччааш
Бо дили ғамноку хомӯш.

Меравад то кӯҳсорон
Мӯпарешон,
Бо фиғону оҳу нола,
Аз паяш рӯяд ба ҳасрат
Раҳ ба раҳ гулҳои лола…

## КАМОЛОТ

Шохаеро шамол ҷунбонад,
Шир-шири об мерасад аз ҷӯй.
Осмони ситоразор имшаб
Мисли рӯз аст дар назар хушрӯй.

Дар яке хонаи канораи деҳ
Шаб ҳама шаб чароғ месӯзад.
Навҷавоне зи гӯшаи долон
Чашм бар сӯи боғ медӯзад.

Аввалин бор дар ҳаёти худ
Зери ҳар навниҳолро кобад,
Пурсад аз худ: «Барои чӣ имшаб
Ҳама хобанду ӯ намехобад?»…

## ҲАМСАФАР

Бо ту будам то дили шаб
Дар миёни шаҳри гулпӯш.
Кӯчааш чун дӯст бар мо
Мекушод аз меҳр оғӯш.

Бо ту будам…
Ман набудам
Инчунин дилшод ҳаргиз.
Бо ту мехондам раҳораҳ
Шеъри нотакрори Ҳофиз.

Рӯи ту буд рӯи маҳтоб,
Мӯи ту абри парешон.
Ҳамсафар будем имшаб
Чун замину моҳи тобон.

## ДЕҲА

Боз шодона қадам бигзорам
Ба ҳамон пайраҳаи паймуда.
Рӯзгорони хушатро дида,
Шавам аз ғуссаву ғам осуда.

Боз хоҳам чу гулу сабзаи ту
Дар бари пуштаву талҳо рӯям.
Баҳри ман қатрае аз оби ту бас,
То ғубори дили худро шӯям.

* * *

Ба дарахти муҳаббатат печад
Банд-бандам чу навдаҳои ток.
Нест ин лаҳза ҳамчу мо хушбахт
Ҳеҷ кас зери гунбади афлок.

Мӯйҳои дарозу мушкинат
Ба сару дӯши ман парешон аст.
Гӯӣ наврӯзи умри ман бошад,
Ки саропои ман гулафшон аст…

Гули санҷид наяст хушбӯе
Пеши зулфони анбарини ту.
Боз мастона мезанам бӯса
Бар руху чашму бар ҷабини ту.

Аз шарори ду дидаи пурмеҳр
Кишвари ишқи ман шавад пурнур.
Бо ту дунё ба дидаам зебост,
Бо ту як умр мешавам масрур.

* * *

Шояд, ки хобӣ ин замон
Дар хонаи озодаат.
Рафтаст аз хотир туро
Ёди мани дилдодаат…

Ман лек баҳри диданат
Шабзиндадорам то саҳар.
Аз шишаи тирезаат
Ҳаргиз набардорам назар.

Монанди шамъи хонаат
Сӯзад дили нолони ман.
Абри само гирён шавад
Аз дидаи гирёни ман.

Бо резаборон то саҳар
Рози дил ифшо мекунам.
Ишқи туро оварда ёд,
Шеъри нав иншо мекунам.

* * *

Ҳамчунон маҳпорае имрӯз
Тифлаки шӯхи туро дидам.
Ишқи ту гардид вулқоне,
Худ ба худ печида нолидам.

Навҷавонии туро дидам
Дар ду чашми бегуноҳи ӯ,
Ишқ буд дар синаҳо сарвар,
Мову ту андар паноҳи ӯ.

Эй басо шабҳои маҳтобӣ
Хуфта будӣ дар канори ман,
Ношукуфта ғунчаи армон,
Рафт охир навбаҳори ман.

Аз ҷавонию муҳаббат буд
Соғари ҳастии мо саршор.
Кош он рӯзони тиллоӣ
Аз дигар боре шавад такрор.

Тифлаки шӯхи ту ҳар боре
Бигзарад аз пеши чашмонам.
Боз мегардад варақгардон
Сафҳаҳои ишқу армонам.

## ДАЪВАТ

Шоме биё бар хонаам,
Сармасти дидорат шавам,
Балки баҳори ман туӣ,
Бо ҷон харидорат шавам.

Шоме биё, эй кулчарӯ,
Ман гушнаи рӯи туам.
Сад абри ғам ояд агар,
Хоҳони абрӯи туам.

Бе қомати дилҷӯи ту
Ин зиндагӣ дилҷӯй нест,
Бе чеҳраи бишкуфтаат
Дунё маро хушрӯй нест.

Сабзинаи зебои ман,
Бишнав даме афсонаам.
Сармасти дунёям бикун,
Шоме биё бар хонаам.

## ШОҲТУТ

Як замон зумрае ҳамегуфтанд
Шоҳтути базебу ширин аст.
Баҳри рафъи ҳазор бемори̅
Доруи беҳтарин фақат ин аст.

Эй шигифто, ки дидамат имрӯз,
Шохаҳои ту хушку урён аст,
Пирамарде маро ба ёд омад…
Дили ман зор-зор гирён аст.

## БАРГҲОИ ХАЗОН

Тирамоҳ асту ҳамчу ғамдоре
Бод дар кӯча мешавад гирён.
Барги аз шохааш ҷудогашта
Ёд орад ҷудоии ёрон…

Дар кафи нахл гӯи̅ барги зард
Номаи охирини мо бошад.
Хиш-хишаш рӯзу шаб ба гӯш ояд,
Ошиқи̅ дарди бедаво бошад.

* * *

Хобро бурд аз ман имшаб
Чокаке бо чок-чокаш,
Синаам шуд дардобод
Аз садои дарднокаш.

Оташи ишқи ту дар дил
Бори дигар шуд фурӯзон,
Ҳамчу сармохӯрда кардам
Ёди он гармои сӯзон.

* * *

Тирамоҳ асту баргрезон аст,
Чеҳраи офтоб коҳида.
Абрсӯзи ғурубгаҳ тобад
Ҳамчунон лолазор бар дида.

Қад-қади кӯчаҳо кашад фарёд
Боди поиз баргҳо дар каф.
Гӯиё модари сиёҳпӯш аст,
Якафарзанди хеш дода талаф.

Дар само байни абрҳо ҷанг аст,
Зулмату нур ҳамчунон лашкар.
Аз миёни набардашон хезад
Чун шарар барқу чун нидо тундар.

Гирдбоде ба даври худ гашта
Байни саҳро баланд мехезад.
Роҳро рӯфта ба ҷорӯбаш,
Хоку каҳро ба ҳам биёмезад.

Ҷомаи заъфаронӣ пӯшида,
Ҳар дарахте ба мисли бемор аст.
Шохаҳои зи барг гашта ҷудо
Ҳамчунон панҷаи аламдор аст.

Зардакафтоб мекашад доман
Аз сари кӯҳи заъфаронгашта.
Худ ба худ пеши дида меояд
Сабздоман баҳори бигзашта.

* * *

Зимистон асту ҷут оҳиста ояд
Зи кӯҳу пуштаҳо бар сӯи деҳа.
Гумонам гарду чанги подароҳ аст,
Нишинад ин замон дар рӯи деҳа.

Зимистон асту кӯҳу пушта хомӯш,
Ба гӯш ояд садои нолаи бод.
Дарахте мекунад оҳиста ғиж-ғиж
Чу пои чӯбии бобои Дилшод.

Зимистон асту пеши дида тобад
Замин чун докаи испеди модар.
Хаёлам мешавад ҷамъу парешон,
Туманосо ба кӯҳу пуштаву ҷар.

Зи шохе мепарад зоғи сиёҳе,
Ба мисли нуқтае тобад ба дида.
Равад оҳиста ҷут аз пеши чашмам,
Хаёли навбаҳоронам кашида.

## НИҲОЛИ ИШҚ

Мани ошиқ ба огарди дили худ
Ба армон дони ишқат кишта будам.
Ниҳолеро гувоҳи ишқ гуфта,
Дар он номи туро бинвишта будам.

Дилам бо ёди ту бас тоб мехӯрд
Замоне ҳамчу рӯди кӯҳсорӣ.
Ҷаҳони орзуҳо киштие буд,
Мани дилдода чун киштисаворе.

Надонистам, ки баҳри зиндагиро
Ҳазорон мадду ҷазри беамон аст.
Гаҳе орому хомӯш асту сокит,
Гаҳе пуршӯру исёнӣ, дамон аст.

Ба мисли навбаҳоре бигзарад умр,
Чарида майсаҳояш оҳуи вақт.
Гаҳе аз худсарӣ, беэътиноӣ
Диҳем арзон зи каф ганҷинаи нақд.

Куҷо меомадӣ бар лавҳи хотир,
Ки рӯзе аз бари ман мешавӣ дур.
Дили ту моили ман буд, аммо
Ба ҳусни хештан будӣ ту мағрур.

Ба ёди ту – ба ёди ишқи аввал
Ҷаҳоне бишнавад афсонаи ман.
Сафедоре, ки номатро навиштам,
Кунун бошад сутуни хонаи ман.

## ШАБИ ТӮЙИ АРӮСӢ

Шаби тӯйи арӯсии ту ҳасту базму хурсандӣ,
Ду чашмамро набитвонам, ки гирам аз қаду бастат.
Нигоҳи мову ту андар фазо шармида мепечад,
Маро сӯзад шарори ҷонгудози наргиси мастат.

Ба бар бинмуда зебо куртаи испеди тӯёна,
Паридухтар ту гӯӣ омада аз пушти кӯҳи Қоф.
Ҳама мехоҳад ин дам аз Худо бахти сафедатро,
Мани шайдо валекин бингарам хомӯш бар атроф.

Ту имшаб гаштаӣ ҳамқисмату ёри каси дигар,
Вале умри маро кӯтаҳ кунад сӯҳони ғамҳоят.
Ту аз бахти баланду қисмати волои худ нозӣ,
Вале ман мекашам бори ғаму дарду аламҳоят.

Ту имшаб меравию мебарӣ шояд ки аз хотир
Ҳама он рӯзҳои рафтаро чун ёди ширине.
Ва шояд гоҳ-гоҳе ҳамчу холи сояравшанҳо
Маро меоварӣ бар ёд чун дилдори дерине.

Ту имшаб меравию баъд аз ин ёдам нахоҳӣ кард,
Валекин хонаи ишқи туро обод мехоҳам.
Тамоми умр ман побастаи ишқи ту хоҳам буд,
Туро аз доғу дарди зиндагӣ озод мехоҳам.

Ту имшаб меравию мебарӣ дунёи бахтамро,
Тамоми бахти дунёӣ фидои хоки пои ту.
Ҳаменӯшам шароби талх мегӯям, ки эй ҷоно,
Сари сабзу ҷавони ман фидои ту, фидои ту.

## БАХТ ЁРАТ БОД

Гар накардӣ ба ман вафодорӣ,
Тарк бинмуда манзилам, рафтӣ,
Ҳамчунон раҳгузар ту бепарво
Аз ғаму ҳасрати дилам рафтӣ,
Ҳар куҷо бошӣ, бахт ёрат бод!

Ту будӣ оламе барои ман,
Оламе сар ба сар ҳама шодӣ.
Лек рафтӣ, гули умеди маро
Дар сари нимароҳ бинҳодӣ.
Ҳар куҷо бошӣ, бахт ёрат бод!

Дур афкандӣ аз сари сабзат
Ту маро ҳамчу мӯи пайвандӣ.
Шукр мегӯям аз ғаму дардат,
Оташе дар ниҳодам афкандӣ.
Ҳар куҷо бошӣ, бахт ёрат бод!

Нек донам, ки андар ин дунё
Аз пайи шодие бувад сад ғам.
Умри ман қатра-қатра кам гардад,
Ишқи ту ҳеҷ гаҳ нагардад кам.
Ҳар куҷо бошӣ, бахт ёрат бод,
Ҳар куҷо бошӣ, бахт ёрат бод!

## ДИЛИ ОЗУРДА

Гуфтам аз хотир барорам дарду ғамҳои туро,
Ҳеҷ гаҳ ёде насозам бешу камҳои туро.
Бо ду дасти ларз-ларзон гӯр созам баъд аз ин
Дар дили хоки фаромӯшӣ аламҳои туро.

Лек овози ту чун зангӯлае дорад садо,
Дам ба дам бар ҷониби худ мекашад ёди маро.
Пардаҳои гӯши ман холӣ зи овози ту нест,
Оҳуи ёди ту дар саҳрои дил дорад чаро.

Ҳар гаҳе пӯшам дари чашмони худ аз рӯи ту,
Пеши рӯ ояд ҳамоно чеҳраи хушрӯи ту.
Накҳати мӯи туву оғӯши гармат аз дигар
Мебарад мурғи хаёламро зи нав бар кӯи ту.

Боз ҳам покиза метобӣ ба пеши дидаам,
Чун баҳори ишқу фасли лолаи ночидаам.
Баъди ту хӯрдам ғаму андӯҳи ҳиҷрони туро,
Лек монд он сон ба ҳолаш ишқи новарзидаам.

Лек аз тӯфони беаҳдии ту озурдаам,
Захми носури ҷудоиро ба ҷонам хӯрдаам.
Хоҳам аз хотир барорам дарду озори туро,
Бар фаромӯшӣ супорам ранҷҳои бурдаам.

## ХОНАИ МЕҲР

Боз дар синаи аз дард хароб
Хонаи меҳри ту обод кунам.
Дили пазмоншудаамро нафасе
Ба хаёли рухи ту шод кунам.

Боз биншинаму бар ёд ояд
Ишқи дар нимаи раҳ мондаи мо.
Дафтари шеъру ману хилвати шаб,
Он ҳама қиссаи нохондаи мо.

Боз пеши назарам меояд
Хандаи беғашу тифлонаи ту.
Панҷаам бо қади кокулҳоят,
Гӯй лағжад зи сари шонаи ту.

Гӯиё ҳамраҳи ман ҳастӣ боз
Вақти гулчинию ҳангоми баҳор.
Ҳамчу солу маҳи умри ману ту
Гузарад аз сари мо турна қатор.

Турнаи рафта зи нав боз ояд.
Ханда созад гули баҳман зи дигар.
Кай биёӣ ту ба мулки дили ман,
Эй ки бо ёди туам шому саҳар?!

## ИЛТИҶО

Ту марез ашки ду чашмони кабуд,
Ки ба ашки ту надорам арзиш.
Балки худ ашки сари мижгонам,
Аз ғаму доғи ту дорам ларзиш.

Зи нахустин нигаҳи дилбозат
Дидамат ошиқу бечоранавоз.
Гуфтам! Эй олами афсонаи ишқ,
Як даме ин дили бечора навоз.

Бо ту як лаҳза ҷудо аз дунё,
Бо ту будам ҳама тан шӯру шарор.
Байни мавҷи нигаҳи чашми кабуд
Ғарқа гардида маро сабру қарор.

Бо ту будам нафасе дур аз ғам,
Масти оғӯши биҳиштосоят.
Баъд аз ин кай дили бечораи ман
Бе туву ёди ту меосояд?!

Ту бигӯӣ, ки фаромӯшам кун,
Чун барам ёди ту аз лавҳи хаёл?
Бе туву ишқи ту, эй олами ноз,
Зиндагонист маро амри маҳол.

Гар ту хоҳӣ, ки барӣ аз ёдам
Ҳамчунон тугмаи гумгашта ба роҳ,
Лек аз ишқи ту рӯ печидан
Ба Худо, сахт бувад ҷурму гуноҳ.

Ту марез ашки ду чашмони кабуд,
Ки ба ашки ту надорам арзиш.
Балки худ ашки сари мижгонам,
Аз ғаму доғи ту дорам ларзиш.

## ГАНҶИ НУҲУФТА

Таҳ ба таҳ дар замини синаи ман
Монда ганҷи нуҳуфтаи ёдат.
Дар қатори дилам тапад умре
Ҳусни он чеҳраи худододат.

Барқи чашмони ту агар рӯзе
Оташи ишқ дар дилам афрӯхт.
Лек ҳиҷрону бевафоият
Беху бунёди синаамро сӯхт.

Як замоне будӣ дар оғӯшам,
Лола мечидам аз бари рӯят.
Бол бикшода орзуҳоям
Зери шаҳболи ҳарду абрӯят.

Ҳамчунон абрҳои боронӣ
Мӯи ту бар сарам парешон буд.
Шохаҳои умеду армонам
Аз нигаҳҳои ту гулафшон буд.

Шояд аз қисматат сарафрозӣ,
Балки бо ёди ман шавӣ дилгир.
Рафтаӣ аз кафам чу зармоҳӣ,
Мондаам ҳамчу пири моҳигир…

## БАҲОРИ РАФТА

Ту ҳамчун орзуи нобасомон
Дилу ҷони маро бинмудаӣ реш.
Аламҳои ту ҳар дам мисли занбӯр
Паёпай дар дили ман мезанад неш.

Туро гоҳе, ки пеши дида орам,
Кунам шукронае аз рӯзи дидор.
Ғаму хори ҷудоӣ мехалад боз
Ба ҷонам ҳамчунон неши қаламхор.

Ту мисли хобҳои нимамонда
Аёну ноаён тобӣ ба чашмам.
Баҳори мову ту бигзашт, аммо
Ҳамон сон навҷавон тобӣ ба чашмам.

## ФОЛБИН

Ҳалқа-ҳалқа паҳну афшон,
Бар сари дӯшаш парешон
Мӯйҳои мисли қатрон.

Чашму абрӯ сурмасое,
Қомати ӯ дилрабое.
Дар бари рӯ холи хушрӯ,
Гӯшвораш қурси моҳе.

Зери каш як кулворе,
Рӯи каф оина дорад,
Як дили бекина дорад.

Бингарад оинаи дасташ,
Бинад ӯ авзои тақдирам.
Дар кучоe гаштаам ошиқ,
Дар чӣ бошад боз тадбирам?!

Фол мебинад: «Фалон вақте
Айни асру шому пешин буд,
Духтари заркокули ҳастӣ аҷоиб нозанин буд,
Лек ҳайфо,
Душмани бадхоҳи ту андар камин буд,
Ё чунон буд, ё чунин буд»…

Фол мебинад ба хатҳои кафи ман ӯ назар карда,
Байти ҳастии маро гӯё зи бар карда.
Дарду ғамҳоро зи ҷони ман бадар карда,
Роҳи фардои маро ӯ бехатар карда…

Меравад мардум баробар,
Меравад мардум пасопеш.
Байни ин бозори гардон
Фол бинад бо дили реш.

Дар миёни ин ҳама ошуфтабозор
Ин замон ку мисли ман ошуфтаҳоле?
Лӯлидухтар дастҳоямро гирифта,
Кош, бинад қисматамро боз фоле.

## НИГОҲИ САРГАРДОН

Даргоҳу дари туро ҳамепалмосад
Шабкӯраи дидагони ман болафшон.
То манзари дилкашат бубинам серӣ,
Эй дуршуда, бахши ту коҳонам ҷон.

Дар бому дари хонаи ту тор танад
Чун тортане нигоҳи саргардонам.
Ҳарчанд намешавӣ ба сӯям моил,
Номоили ман, ғами туро медонам.

Мурғи ҳавасу умеди саргардонам
Дорад ба ҳавои зулфаконат бозӣ.
Бо панҷаи нози хеш, эй беғами ман,
Гаҳ дилшиканӣ куниву гаҳ дилбозӣ.

Дар олами покизаи пурармонам
Чун оина ҳастӣ поку беолоиш.
Бе рӯи ту, эй фариштаи армонам,
Дар ҷону танам куҷо дами осоиш.

Бо ҷону танам туро қарин мехоҳам,
Он гуна ки дил ҳамеша ҷунбад дар тан,
Рӯ ҷониби даргаҳи ту меорам боз
Монанди мусофире, ки ояд ба Ватан.

## ДИЛАМ ХОҲАД

Дилам хоҳад, ки бошад ҳамчу дӯшин
Саропо масту шайдои нигоҳат.
Сафедиҳои бахти хеш бинам
Ба ҳар печу хами зулфи сиёҳат.

Дилам хоҳад, ки бигрезам зи қисмат,
Шавам ҳамқисмати тобу таби ту.
Ниҳам сар дар канори чун биҳиштат,
Бинӯшам бодаи ҷоми лаби ту.

Дилам хоҳад, чу оби чашмасорон
Садои хандаҳоятро диҳам гӯш.
Ба ҷуз оғӯши гарму оташинат
Ҳама дунё маро бошад фаромӯш.

Дилам хоҳад, вале ҳайфо, надорӣ
Ба тифли орзуҳо майли созиш.
Мани афтода дар саҳрои ҳиҷрон,
Туро хоҳам, туро хоҳам чу бориш.

Дилам хоҳад зи нав мастона чархем,
Ба ҳамдигар шуда аз нав ҳамоғӯш.
Ба ҷуз он лаҳзаи зебову дилкаш
Ҳама дунё маро гардад фаромӯш.

## НАҚШИ ЁДҲО

Замоне ҳусни шӯрангезат, эй гул,
Бароям олами шӯру шарар буд.
Ҷаҳони ишқи ту афсонаи хуш,
Рухат чун ғунчаи айни саҳар буд.

Қади сарви равонатро ҳамеша
Назора менамудам бо ҳавасҳо.
Туро мехостам бошам нигаҳбон
Зи теғи фитнаҳои нобакасҳо.

Дами фасли гулафшонат гузашта,
Ба сар афтода моро гарди пирӣ.
Ба пиндори мани ошуфтаавзо
Ҳанӯзам поку беғаш мисли ширӣ.

Равам дар худ фурӯ монанди гирдоб,
Чу ҳар гоҳе маро ойӣ ба хотир.
Кафи ҳасрат ниҳам оҳиста бар сар
Мани аз қисмату ҳастӣ хавотир.

Ба сони гиряи абри баҳорӣ
Бари рӯ мешавад з-ашки алам тар.
Раҳи хуршеди бахтамро бигирад
Саҳоби тирарӯ мананди чодар.

## ЁДИ ХУШ

Имшаб хаёли рӯят
Чанде хаёлиям кард,
Монанди косаи давр
Саршору холиям кард.

Омад ба пеши дида
Он рӯи беғуборат.
Сар то қадам гулафшон
Айёми навбаҳорат.

Бо куртаи ҳарират
Зебида мӯи себоф.
Гӯё парӣ расида
Пеши ман аз паси Қоф.

Шайдо будам саропо
Аз хандаҳову нозат,
Печида ҳарду бо ҳам
Чун кокули дарозат.

Бар он тани булӯрин
Нақши лабам нуҳуфта.
Дар бӯсагоҳи рӯят
Сад бӯсаам шукуфта.

Буд гӯй лайлатулқадр
Он шаб зи дори ҳастӣ.
Шуд субҳу аз канорам
Гӯё чу хоб растӣ.

## ХОҲИШ

Имшаб маро девона кун,
Аз хештан бегона кун,
Афсуни чашмони туам,
Акнун ҳама афсона кун.

Як лаҳза дамсозат шавам,
Ҳамсӯзу ҳамсозат шавам.
Дар зери ин чархи барин
Ҳамболи парвозат шавам.

Аз хамгаҳи зулфони ту
То чашму то мижгони ту
Гулбӯса корам бо фараҳ
Дар хам-хами андоми ту.

Аз чеҳраи маҳтобият,
Аз ҳавзи чашми обият
Лабташнагиҳо бишканам
Дар тобу дар бетобият.

Берун шав аз кунҷи қафас,
Бо қалби ман шав ҳамнафас.
Аз худ равам, бехуд шавам
Дар олами ишқу ҳавас.

## ДИЛРАБО

Рӯи ту рӯи биҳишт,
Бӯи ту бӯи биҳишт.
Кош ба ҳам оварад
Мову туро сарнавишт.

Хандаи ту дилфиреб,
Хам-хами мӯ дилфиреб,
Ҳамраҳи ман ёди ту
Кӯи ба кӯ дилфиреб.

Чун дами субҳи баҳор
Чеҳраи ту беғубор.
Дар қадамат мекунам
Ҷону дили худ нисор.

Селаи мурғони рав
Бол кушояд зи нав,
Дар дилакам ҷо шуда
Ишқи ту мисли алав.

Боз дами шомгоҳ
Сӯи ту бигрифта роҳ,
Қиссаи ғамҳои худ
Хонда ба боди сабо.

Мисли ту ку дилбаре,
Шӯху парипайкаре.
Ишқ ки бошад гуноҳ,
Нест чу ман кофаре.

## ФАСЛИ САРМО

Зимистон асту дар шохи дарахтон
Битобад барф чун як села кафтар.
Қади хамхӯрдаву барфи сари шох
Ба ёдам оварад симои модар.

Миёни панҷаи сарди зимистон
Ба ҳасрат мекунад ҳар шоха фарёд:
«Аё, эй бехабарҳо – раҳгузарҳо,
Магар моро шумо бурдед аз ёд?»

Бубинам ҳамчунон дасти шикаста
Шаҷарҳо дар қади нахле авезон.
Матои барф метобад ба чашмам
Чу риши нуқратоби мӯсафедон.

Нишаста дар сари шохи хамида,
Даме қар-қар кунад зоғи сияҳпӯш.
Ба минқори дарозаш карда тақ-тақ,
Шавад посурхаке оҳиста хомӯш.

Замин хобида зери курпаи барф,
Фароғат мекунад монанди деҳқон.
Дурахши барф чашмам тира созад,
Нигоҳам меравад сӯи дарахтон.

* * *

Мурғе зи шохсор
Бо чашми интизор,
Бо дарду бо алам,
Бо синаи фигор
Фарёд мезанад:
– Ку ҷуфти ҳампарам?

То дурҳои дур
Наззора мекунад.
Пироҳани ғурур
Садпора мекунад.
Фарёд мезанад:
– Ку ҷуфти ҳампарам?

Бар мурғакони рав,
Бар боди даргузар,
Бо қабли хунчакон,
Бо чашми пуршарар
Фарёд мезанад:
– Ку ҷуфти ҳампарам?

Нашнида посухе,
Гум мекунад қарор,
Бикшода боли худ
Аз байни шохсор,
Фарёд мезанад:
– Ку ҷуфти ҳампарам?

Он ёри ман куҷост?
Боре ба ман бигӯ.
Бе ӯ чӣ сон равам
То мулки орзу?
Фарёд мезанад:
Ку-ку, ку-ку, ку-ку?

## САРПАНОҲ

Ишқ агар бошад гунаҳ охир,
Кай чу ман ёбӣ гунаҳгоре?
Ишқ мегардад насиби мо
Чун атои зиндагӣ боре.

Рӯдбори саркаши ҳастӣ
Бигзарад бо шӯру исёнаш.
Умри моро мебарад бо худ
Мавҷҳои бесаранҷомаш.

Ку дили беишқу беоташ?
Ку сари бешӯру бесавдо?
Бе ту ман хоки сари роҳам,
Бо туам тоҷи сари дунё.

Ишқ агар бошад гунаҳ охир,
Пургуноҳе кай чу ман ёбӣ?
Нестӣ серӣ маро ҳаргиз
Аз ду чашми шӯхи нилобӣ.

Ишқ агар бошад гунаҳ охир,
Эй Худовандо, гуноҳам бахш.
Ман гурезонам зи бедардон,
Эй муҳаббат, сарпаноҳам бахш!

## ДУРШУДА

Ҳамекобад ҷариҳои диламро
Аламҳои ту чун зоғу ҷароғе.
Надидам гарчи меҳре дар замират,
Зи ҳусни хештан дорӣ фароғе.

Замоне шоҳини ишқи туро ман
Чӣ осон карда будам дастомӯз.
Диламро байни навмедию армон
Адо кардам ба ғамҳоят шабу рӯз.

Замоне шохсори синаи ман
Зи лаҳни мурғи ишқат пурнаво буд.
Гаҳи навмедию озурдаҳолӣ
Фақат ними нигоҳи ту даво буд.

Ба мисли турнаҳо рафтӣ ту рӯзе
Зи пеши дидаи ман болафшон.
Хазони умр ҳам рӯзе биояд,
Ниҳоли ишқи ту монад гулафшон.

## ЭЙ ИШҚ

Эй ишқ,
Эй Худои дили ошиқони пок,
Эй мазҳари умеду ҳавасҳои безавол,
Сарчашмаи бақоию сар то ба по зулол,
Пеши ту саҷда мекунам, эй сӯзи бемисол.

Эй ишқ!
Эй шарори нигоҳу бақои бахт,
Бо ту баҳори умр гулафшону хандарез,
Чун ашки абри баҳманӣ,
Андар сарам бирез.

Эй ишқ!
Эй таронаи уммеду орзу,
Дунёи рангу бӯ,
Дар мазраи муҳаббати ман сабз гаштааст
Як хадра нахли ту.

Эй ишқ !
Эй сириштаи обу гили умед,
Равшангари ҷаҳони ману дар само чу шед,
Ман марди навсафар,
Бахшам раҳи сафед!

## НОШИНОС

Намедонам кииву аз куҷоӣ,
Туро бишносам аз овозат, эй гул.
Намедонӣ маро, аммо яқин дон,
Бубардорам тамоми нозат, эй гул.

Даме ки ханда месозӣ ба тилфон,
Саропои вуҷудам хандарез аст.
Ба нодонӣ занӣ худро, гурезӣ,
Чӣ донӣ умри мо ҳам даргурез аст.

Чу овози ту меояд ба гӯшам,
Нахоҳам савти овозе шунидан.
Чу ҳастӣ олами розе бароям,
Нахоҳам нағмаи созе шунидан.

Шикоят мекунӣ гоҳе ту аз ман,
Агарчанде бароят ношиносам.
Зи ҷӯши қалбу овози малеҳат
Туро як рӯз охир мешиносам.

Аё номоили ишқу ҳавасҳо,
Туро бар хеш моил мекунам ман.
Ба роҳи ишқу оини муҳаббат
Туро як рӯз қоил мекунам ман.

* * *

Боз овози занги тилфон аст,
Мерасад лаҳни ошно бар гӯш.
Ҷони пуризтироби ман гардад
Аз садои ту лаҳзае хомӯш.

Боз овози занги тилфон аст,
Ёри ноошно маро хонад.
Ман, ки номи варо намедонам,
Ӯ маро аз куҷо ҳамедонад?

Аз куҷое зи бурҷи даргоҳе
Ӯ ба ман мекунад гаҳе тилфун,
Мекунад бо садои ширинаш
Ӯ маро дар як нафас афсун.

Соате хоҳамаш ба хилватҷо,
То ҳама рози қалби худ гӯям.
Бӯса гирам зи барги лабҳояш,
Шаддаи кокулони ӯ бӯям.

Аз кадомин даре садои ӯ
Чун садои фаришта меояд.
Риштаи ҷону тори қалбамро
Гӯиё ришта-ришта меояд.

Номи худро зи ман ниҳон созад,
Ҳар қадар зорааш кунам аз дур.
Ҳарки бошад, яқин, маро рӯзе
Аламу дарди ӯ барад то гӯр.

## АРЗИ ДИЛ

Чу дарде дар вуҷудам ҷо гирифта
Ғами ту таҳ ба таҳ, маҳпораи ман.
Биё, ҳамдоғу ҳамсӯзи дилам шав,
Ба қасди қисмати овораи ман.

Замини орзуям бо ту сарсабз,
Дарахти ормонам бо ту пурбор.
Биё, ҷонам фидои омаданҳот
Куҷо ёбӣ ҷавониро дигар бор?

Махон байти ҷудоиро аз ин пас,
Ки ишқи мову ту афсона гашта.
Миёни панҷаи ҳастӣ, Худоё,
Дилам бо ёди ту девона гашта.

Биё аз оташи сӯзони ғамҳо
Раҳо бахшо дили ошуфтаамро.
Бибофам дар қатори кокулонат,
Ҳиҷову мисраи ногуфтаамро.

Биё, ки баъд аз ин гулбоғи ҳастӣ
Шавад аз меҳри мо сарсабзу гулпӯш.
Туро чун ҷон даме дар бар бигирам,
Ғами дунё шавад моро фаромӯш.

## ДАРДИ ИШҚ

Боз аз дарбачаи хотираҳо
Сӯи бигзаштаи худ менигарам.
Ҳамчунон манзараи кӯҳистон,
Боз ой ту ба пеши назарам.

Боз бинам, ки сари сабзи туро
Медиҳад бод ба нармӣ молиш.
Шохае чун мани ошуфтахаёл
Мекунад боз ба ҳасрат нолиш.

Боз бинам ба лаби пурханда
Чашмакӣ мезанию мегузарӣ.
Нест дил кандани ёрон осон,
Боз баргашта ба ман менигарӣ…

## ҲУСНГУМКАРДА

Шӯълаи сад нигоҳро мехӯрд
Чашмҳои сиёҳи рахшонаш.
Бар дилу бар ҷигар асар мекард
Сӯзани хорҳои мижгонаш.

Чун рухи офтоби бегоҳӣ
Ҳар ду рухсораш арғувонӣ буд.
Қомати нозанини ӯ сарве
Байни гулбоғи навҷавонӣ буд.

Ҳар гаҳе мегузашт аз кӯча,
Ҳама шайдои ҳусни ӯ мегашт.
Кӯча ҳам гӯӣ аз қадамҳояш
Боз зебову тозарӯ мегашт.

Ошиқоне чу соя мерафтанд
Бесадо аз бару зи дунболаш.
Дар баҳои табассуме медод
Он яке дил, дигар зару молаш.

Ошиқаш гашта зумрае, мехост
Ҳамчу кабки дарӣ кунад ромаш.
Дидаҳое ба роҳи ӯ пазмон,
То бубинанд сер андомаш.

Лек сайёди пири маккоре
Ногаҳ ӯро ба доми худ афтонд.
Навниҳоли қади базебашро
Ҳамчунон боди тирамаҳ афшонд.

Дина аз кӯча ӯ гузар мекард,
Дар бараш карда куртаи кимхоҳ,
Лек он ҳусну он ҷавониро
Ёд овардаму кашидам оҳ.

## ХИРМАНИ ИШҚ

Ахтарон пеши дидагони ман
Ҳамчу гулҳои осмонианд.
Дар хаёлам ба гунбади афлок
Орзуҳои ормонианд.

Нигарам, чодари фалак ҳар шаб
Мешавад аз ситораҳо нақшин.
Донаҳои муҳаббати ману ту
Гӯиё гашта донаи парвин.

Рӯи ҳамчун маҳат шавад пайдо
Ҳар замон дар фазои хотири ман.
Хирмани ишқи хеш ёд орам,
Маҳ чу дар осмон занад хирман.

## ЁД

Моҳ аз кӯчаи фалак бигузашт,
Гашт ёди ту дар дилам ҷойгир.
Боз имшаб ба ёди ман омад
Олами ишқу ҷодаи тақдир.

Дар гирифт оташи хамӯши дил,
Кардам эҳсос даври худсӯзӣ.
Дидамат, ки чу нақши армонат,
Дар лаби суфа нақш медӯзӣ.

Ҳамчунон навдаҳои маҷнунбед
Кокулонат ба панҷаи бод аст.
Дили ман ҳамчу мурғаки бедон
Зери порисаат ба фарёд аст…

## ГУФТА БУДАМ…

Гуфта будам, агар равӣ аз ман,
Баъди ин ёди ту нахоҳам кард.
Лек аз кӯчаи хаёли ман
Гузарӣ ҳамчу моҳи оламгард.

Гуфта будам, агар равӣ аз ман,
Бори ғамҳои ту набардорам.
Сӯзи ишқат ҳамезанад нохун
Боз ҳар дам ба панҷаи торам.

Ончунон ҷо гирифтаӣ дар дил.
Наравӣ ҳеҷ гаҳ маро аз ёд.
Мурғи ҷонам ба шохсори умед
Бо хаёли ту мезанад фарёд.

## ОЗУРДАДИЛ

Гуфтам, аз хотир барорам дарду ғамҳои туро,
Ҳеҷ гаҳ ёде насозам бешу камҳои туро.
Бо ду дасти ларз-ларзон гӯр созам баъд аз ин
Дар дили хоки фаромӯшӣ аламҳои туро.

Лек овози ту чун зангӯлае дорад садо,
Дам ба дам бар ҷониби худ мекашад ёди маро.
Пардаҳои гӯши ман холӣ зи овози ту нест,
Оҳуи ёди ту дар саҳрои дил дорад чаро.

Ҳар гаҳе пӯшам дари чашмони худ аз рӯи ту,
Пеши рӯям бозояд чеҳраи хушрӯи ту.
Накҳати мӯи туву оғӯши гармат аз дигар
Мебарад мурғи хаёламро зи нав кӯи ба кӯ.

Боз ҳам покиза метобӣ ба пеши дидаам,
Чун баҳори ишқу фасли лолаи ночидаам.
Баъди ту хӯрдам ғаму андӯҳи ҳиҷрони туро,
Лек монд он сон ба ҳолаш ишқи новарзидаам.

Ин дам аз тӯфони беаҳдии ту озурдаам,
Теғи носури ҷудоиро ба ҷонам хӯрдаам.
Хоҳам аз хотир барорам дарду озори туро,
Бар фаромӯшӣ супорам ранҷҳои бурдаам.

## АФСОНАВОР

Боз гулдухтари симинтани шаб
Зи саропардаи худ гашта бадар,
Меравад масту саропо ҳама ноз,
Меравад то ба дари субҳи дигар.

Ин дам аз оинаи хотираҳо
Мисли маҳ тозаву тар метобӣ,
Балки бо чеҳраи маҳолудат
Рашки афлоку қамар метобӣ.

Ёдам ояд шаби зебои баҳор,
Ки саропои ту буд олами роз.
Тоб медодаму во мекардам
Банди чилкокули мӯҳои дароз.

Мешукуфтӣ ту чу садбарги сафед
Сари ҳар бӯсаи мастонаи ман.
Мекушудӣ гираҳи банди қабо
Ба муроди дили девонаи ман.

То саҳар мову ту чун дастаи гул
Дар кафи шӯълаи маҳтоб будем.
Чун гули ошиқи печони саҳар
Ҳарду печида ба ҳам хоб будем.

Ҳар гаҳе духтари симинтани шаб
Гузарад аз раҳи ин марзи кабуд,
Он шаби васл расад бар ёдам
Ҳамчу афсона чу як буду набуд.

## БОЗДИД

Туро дарёфтам ногаҳ,
Ба мисли номаи афсурдае аз байни дафтарҳо,
Ба шоми тираи бахтам ба ранги моҳу ахтарҳо,
Зи рӯи заъфароният,
Зи ғамҳои ниҳонию аёният,
Ҳам аз оинаи чашмони зебоят
Туро дидам аҷаб ошуфтадил дар байни духтарҳо.
Маро дидӣ,
Даме мастона хандидӣ,
Чӣ бедардона хандидӣ,
Вале аз ҳар нигоҳи ту,
Зи тарҳи чеҳраи гумкарда ҳусни ту
Ба қаъри рӯдбори синаи ту санги ғам дидам.
Ба рӯву дидагону нӯги мижгони ту нам дидам,
Туро банди алам дидам…
Дареғо, ки замоне додаӣ аз каф
Чӣ осон ишқро– ганҷи вуҷудатро,
Ҳама дороию буду набудатро…
Барои як матое худ матои дил,
Надонистӣ ту қадри ин дили моил.
Туро дидам,
Ба худ як лаҳзае чун дуд печидам,
Ба ёд омад, ки аз гулбоғи рухсорат
Замоне лола мечидам…

## ФАРЁДРАС

Ҳамчун ситораи рӯз
Чашмони ту дурахшон.
Аз офтоби рӯят
Равшан шавад дилу ҷон.
Ҳар гаҳ туро бубинам,
Сад ғам шавад фаромӯш.
Дунёи шодмонӣ
Гирад маро дар оғӯш.
Ҳастӣ чу нӯшдору
Аз баҳри қалби зорам.
Бо ту шавад гулафшон
Гулбоғи рӯзгорам.
Гар соате набошӣ,
Ман бе туам парешон.
Ба нола ашк резам
Чун абри навбаҳорон.

## ПИРӢ

Имшаб ҳама хобида
Дар ҷогаҳи нози худ.
Бинштаста ба ёд орад
Ӯ роҳи дарози худ.
Пеши назараш ояд
Ҳар кӯҳу тали деҳа.
Ҳам шохаи пурмева,
Ҳам ҷӯю пали деҳа.
Як лаҳза хаёли ӯ
То мулки ҷавонӣ рафт.
Аз кунҷи фалон кӯча
То пеши фалонӣ рафт.

Гулбоғи ҳавсаҳояш
Як вақт баҳоре дошт.
Аз ишқу вафодорӣ
Сад шӯру шароре дошт.
Мечид гули армон
Аз боғи умеди худ.
Буд шоду сарафроз ӯ
Аз бахти сафеди худ.
Бигзашта чу дарёе
Айёми гулаш аз сар.
Дар бодияи пирӣ
Афтода ба чашми тар.
Ҳайфо, ки дигарбора
Он лаҳза намегардад.
Ҳар як дами бигзашта
Ӯро аламе гардад.
Бо дидаи камбинаш
Бигзаштаи худ бинад.
Ҳар шаб сари андеша
Бедору ҳазин шинад.

## ТАРОВИШ

Аз сиришки абри боронӣ кунун
Барфҳои пуштаҳо гардида об.
Дар гулӯи ҷӯйборон ин замон
Нарму форам мекунад қул-қул яхоб.

Аз кадомин гӯшаи порисае
Қум-қуми қумрӣ хаёлам мебарад.
Дидани абри сафеди пуштаҳо
Ҷониби кӯи висолам мебарад.

Он баҳорон тоза будӣ ҳамчу гул,
Мешукуфтӣ дар канорам ҳар нафас.
Бехабар аз ғӯрарези зиндагӣ,
Мешикастам аз тамошоят ҳавас…

Боз борон асту айёми баҳор,
Навбаҳори рӯзгорони ман аст,
Навҷавонии арӯси фаслҳо
Навҷавонии гулафшони ман аст.

## ГУЛХАНДАИ ИШҚ

Монанди гули шомусаҳар печида
Дар сарви қади ту дасту ангуштонам.
Сармасти баҳори чеҳраат мерӯяд
Аз хоки фараҳ шукуфаи армонам.

Хуршеди ҷаҳони ишқи покизаи ман,
Ҳар субҳ туро ба ханда гираи оғӯш.
Аз меҳру муҳаббату вафодории дил
Рухсори туро ба бӯса созам гулпӯш.

Як умр қаламчаи вафо биншонам
Дар кӯчаву гулгашту хиёбону дарат.
То аз раҳи ишқу меҳрубонӣ афтад
Рӯзе ба шукуфазори меҳрам назарат.

Гулхандаи навбаҳори ишқи ману ту
Имрӯз бувад рашки баҳори гузарон.
Бе атри гули баҳори рухсораи ту
Як лаҳза дар ин ҷаҳон маро ҳаст гарон.

## УМРИ НОТАКРОР

Парешон дар канорам кокули мӯи дарози ту,
Сари тахти баланди шонаҳоям тахти нози ту.
Зи худ мерафтаму меомадам аз олами рӯъё,
Зи ҷону сар гузашта то ки бошам сарфарози ту.

Дили саргаштаамро як нигоҳат чорагар мешуд,
Ниҳоли орзу аз хандаат ғарқи самар мешуд.
Нигоҳи ташнаам дар чашми обии ту ғарқида,
Зи шавқи сарви болои қадат аз нав бадар мешуд.

Ба нози чашми обии ту ман савганд мехӯрдам,
Чу побанде ба гесӯи дарозат банд мехӯрдам.
Ҳамерафтам Сари Гул[1] то биёрам муждаи Наврӯз,
Ба гул монанд карда хандаатро, фанд мехӯрдам.

Гули рӯи ту рашки навбаҳори сабздоман буд,
Зи як лабхандаи ту сад баҳори сабз бо ман буд.
Чаман маҳви садои нағмаҳои мурғаки даштӣ,
Ба оҳанги фараҳ ёди нигоре сабз бо ман буд.

Шарори он баҳори ишқи нотакрори мо бигзашт,
Замони беғамиву меҳри оташбори мо бигзашт.
Қатори турнаҳои болафшон дар само гӯяд:
Дареғо, солҳои умри нотакрори мо бигзашт.

---

[1] Сари гул-номи кӯҳ, тепа.

## СУРАТИ ДЕВОР

Гулкоғази девору дари хонаи ман
Аз коғази рӯи ту муаттар гашта,
Ҳар барги гули шукуфтаи гулкоғаз
Дилкаш ба мисоли сунбули тар гашта.

Мешинаму рӯи дилкашат менигарам,
Сӯям нигарӣ зи сурати деворам.
Чун фасли фараҳфизо гузаштӣ аз ман,
Дар ҳасрати дидори ту ғамбеморам.

Ду дидаи обият маро об кунад,
Он гуна ки барфи пуштаҳо об шавад.
Аз ахгари чашми туву барфи сари ман
Даргоҳу дарам чу ширмаҳтоб шавад.

Равшан зи гули хандаи ту хонаи ман,
Монанди баҳор ҷилва дорад гули ноз.
Дар ишқи ту аз хеш бурун мегардам,
Бо ёди ту бар хеш ҳамеоям боз.

Бо дидаи пазмону дили озурда
Бар сурати ту шому саҳар менигарам.
Аз сурати девор ба ман ханда занӣ,
Бо хандаи ту аз ин ҷаҳон мегузарам.

# ЗАМЗАМАИ ВАСЛ

## ТӮЙИ НАВХОНАДОРОН

Рақседу хушҳолӣ кунед, навхонадорон омада,
Ҷуфти гули зебову тар фасли баҳорон омада.
Дилҳояшон кони сурур, аз сина дарду ғусса дур,
Дар гулшани ишқу вафо аҳдустуворон омаданд.

Хезед аз ҷо, дӯстон, афканда гул дар пояшон,
Бо ханда умре бигзарад ояндаи зебояшон.
Қарсак занед, шодӣ кунед, рақседу хушҳолӣ кунед,
То мисли гул хандон шавад имрӯзу ҳам фардояшон.

Паймонаҳо, ки пур шуда, ғамҳо зи дилҳо дур гашт,
Созу навои мутрибон бо тори дилҳо ҷӯр гашт.
Гулғунчаҳои навбаҳор, зери садои ёр-ёр
Аз рақсу аз лабхандашон ин базми дил пурнур гашт.

Шоҳу арӯси нозанин, табрик бодо тӯятон,
Бишкуфта бодо чеҳраи монанди гул хушрӯятон.
Дар осмони ошиқӣ хуршеди нурафшони ишқ
Партавфишон бошад мудом эй кошки бар сӯятон.

## ТӮЁНА

Ин давлати фирӯз муборак бошад,
Ин шоми дилафрӯз муборак бошад.
Эй тозаҷавон, туро дар ин фасли баҳор
Ин лолаи Наврӯз муборак бошад.

Имрӯз, к и ду ғунчаи тар механдад,
Мастона ба сӯи ҳамдигар механдад.
Дар кӯи вафою ошноӣ пас аз ин
Гӯё ки ба ҳам шамсу қамар механдад.

Сармасти висоли навҷавонӣ бошед,
Гулғунчаи боғи зиндагонӣ бошед.
Азбаски ҷаҳоне бо шумо механдад,
Як умр пайи сулҳу амонӣ бошед.

## ДИЛДОДА

Манам дилдодаву шайдоят, эй гул,
Манам побастаи ғамҳоят, эй гул.
Вафодоре куҷо чун ман биёбӣ,
Биё, кошонаи дил ҷоят, эй гул,

Эй ёраки хушрӯям,
Гулғунчаи дилҷӯям,
Аз роҳи вафодорӣ
Охир ту биё сӯям.

Чеҳраи ту чун баҳор аст,
Чашмакони ту хумор аст,
Ҷони ошиқ аз ғами ту
Хастаҳолу дилфигор аст.

Биё, ки бе ту зору хастаҷонам,
Ҳазину дилфигору нотавонам.
Ба роҳи ишқи ту мемирам охир,
Бикун раҳме ба ин ҷони ҷавонам.

Гулғунчаи хушрӯям,
Маҳбубаи дилҷӯям,
Аз роҳи вафодорӣ
Охир ту биё сӯям.

Чеҳраи ту чун баҳор аст,
Чашмакони ту хумор аст.
Аз ғами ту ҷони шайдо
Хастаҳолу дилфигор аст.

## ДИГАР КӢ ШАВАД ЁРАМ

Дугона чиҳо кардӣ?
Ёракма ҷудо кардӣ,
Ҳай кори хато кардӣ,
Рӯзакма сиё кардӣ,
Дигар кӣ шавад ёрам?

Будем ба ҳам баста,
Монандаи гулдаста.
Сад шохи умедамро
Ҳайфо, ки ту бишкаста,
Дигар кӣ шавад ёрам?

Гулғунчаи тар будем,
Мо ҷону ҷигар будем.
Чун қӯшагуле ҳар ду
Ҳар шому саҳар будем.
Дигар кӣ шавад ёрам?

Дугонаи беаҳдам,
Баргӯ, чӣ гунаҳ кардам?
Ёракма ҷудо кардӣ,
Заҳроб бишуд шаҳдам.
Дигар кӣ шавад ёрам?

## ХАРИДОРӢ

Мӯи парешони туро,
Чашмони рахшони туро,
Фасли гулафшони туро,
Эй моҳрӯи гулбадан,
Бо ҷон харидорам туро.

Сарви қади боло базеб,
Он нозу истиғно базеб,
Бо ту ҳама дунё базеб,
Эй моҳрӯи гулбадан,
Бо ҷон харидорам туро.

Хоҳам туро ёвар шавам,
Ҳамсӯзу ҳамахтар шавам,
Дар ишқ доротар шавам,
Эй моҳрӯи гулбадан,
Бо ҷон харидорам туро.

Бар ҷони ман сӯзат хуш аст,
Гулҳои наврӯзат хуш аст,
Шоми дилафрӯзат хуш аст,
Эй моҳрӯи гулбадан,
Бо ҷон харидорам туро.

## ДИЛБАРИ ХАТЛОНӢ

Гулчеҳраву гулбозӣ,
Сар то ба қадам нозӣ,
Аз бахт сарафрозӣ,
Гулдухтари хатлонӣ,
Гулдухтари хатлонӣ.

Рухсори чу маҳ дорӣ,
Чашмони сияҳ дорӣ,
Бо ишва нигаҳ дорӣ
Гулдухтари хатлонӣ,
Гулдухтари хатлонӣ.

Нақши чаканат зебо,
Зулфи шиканат зебо,
Ҳар як суханат зебо,
Гулдухтари хатлонӣ,
Гулдухтари хатлонӣ.

Бо куртаи гулбастат
Олам шуда сармастат,
Мирам ба қаду бастат,
Гулдухтари хатлонӣ,
Гулдухтари хатлонӣ.

## АЙЁМИ ГУЛ

Фасли дилорои гул аст,
Шӯру навои булбул аст.
Атри гиёҳи кокул аст,
Бархез, гулчинӣ равем.

Дашту даман гул кардааст,
Боғу чаман гул кардааст,
Иқболи ман гул кардааст,
Бархез, гулчинӣ равем.

Бин майсаҳоро қадкашон,
Боди саборо гулфишон.
Олам шуда аз нав ҷавон,
Бархез, гулчинӣ равем.

Рақсему ҳам бозӣ кунем,
Бо сабза дамсозӣ кунем.
Чанде сарафрозӣ кунем,
Бархез, гулчинӣ равем.

Монанди ёри раҳгузар,
Бинҳода гултоқӣ ба сар.
Фасли гулафшон даргузар,
Бархез, гулчинӣ равем!

## БАХТИ ДУРАХШОН

Дар сина ғаме дорам,
Дарду аламе дорам,
Дар сабзаи мижгонам
Афтода наме дорам.

Ту ошиқи гулбозӣ,
Ман лолаи Наврӯзам.
Дар ишқи ту, эй ҷонам,
Месӯзаму месӯзам.

Ваҳ, олами рози дил,
Андӯҳу гудози дил,
Роҳест аҷаб мушкил
Ин роҳи дарози дил.

Ту ошиқи гулбозӣ,
Ман лолаи Наврӯзам.
Дар ишқи ту, эй ҷонам,
Месӯзаму месӯзам.

Эй бахти дурахшонам,
Эй шӯҳрату эй шонам,
Манмо чу сари зулфат
Охир ту парешонам.

Ту ошиқи гулбозӣ,
Ман лолаи Наврӯзам.
Дар ишқи ту, эй ҷонам,
Месӯзаму месӯзам.

## ОЛАМИ ЗЕБОӢ

Бо пираҳани шоҳӣ
Ҳар гаҳ ки ту меоӣ,
Хоки қадамат гардам,
Эй олами зебоӣ.

Дил моили рӯи ту,
Банди сари мӯи ту.
Хоҳам, ки мудом ояд
Бод аз сари кӯи ту.

Чандест маро дар дил
Бинҳода ғамат манзил.
Аз оташи ишқи ту
Гарм аст маро маҳфил.

Шукронаи ғамҳоят,
Ҳам шукри аламҳоят.
Аз кӯчаи мо бигзар,
Мирам ба қадамҳоят.

## МЕҲР

Дил бурда аҷаб нигори Кӯлоб,
Ҷононаи гулъузори Кӯлоб.

Покизаву шӯху нозанин аст
Монандаи чашмасори Кӯлоб.

Бин, сабру қарори дил рабуда
Гулғунчаи беқарори Кӯлоб.

Дар ҷунбиши куртаи чаканпӯш
Бинам гули навбаҳори Кӯлоб.

Сад косаи ормон шикаста,
Кай бишканадам хумори Кӯлоб.

То зинда манам, ҳамесароям
Васфи чаману диёри Кӯлоб.

Ҷону дили худ фидо намоям
Андар раҳи ифтихори Кӯлоб.

## ЧАКАНПӮШ

Чӣ хушрӯву чӣ зебой, чаканпӯш,
Гули хандони яктой, чаканпӯш.

Фитода дар дилу ҷон оташи ишқ
Зи чашми шӯху шаҳлои чаканпӯш.

Ҷавонию сари сабзам фидо бод
Ба пеши қадди раънои чаканпӯш.

Хиромон бигзарад гоҳе зи кӯча,
Ҳама масти тамошои чаканпӯш.

Нигоҳам ғарқи мавҷи кокулонаш,
Дилам мафтуну шайдои чаканпӯш.

Бувад ҳар нақши ӯ дунёи армон,
Манам сармасти дунёи чаканпӯш.

Сафар, нав-нав бигӯ шеъру тарона,
Ба васфи ҳусни волои чаканпӯш.

## АБРИ ГУЗАР

Абри сари пушта ёд орад хиргоҳ,
Дар пуштаи хотирам биой чун моҳ,
Гӯё ки ҳамин замон ба ман мегӯӣ:
«Дар бодияи ишқи ту гум кардам роҳ».

Чун оби равон ту меравӣ аз дурӣ,
Дар синаи ту ҳазору як мағрурӣ.
Аз баҳри чӣ сӯи мо насозӣ назаре,
Моему хаёли туву ин ранҷурӣ.

Дил аз ғами дурии ту садпора шавад,
Чун абр ба кӯҳу пушта овора шавад.
Борони вафои ту нарезад ба сарам,
Ҳар сабзаи ишқ зору бечора шавад.

Чун абри гузар гузар накун аз сари ман,
Монандаи наврӯз биё бар дари ман.
Он сон, ки зи ғамҳои ту сӯзам ба замин,
Сӯзад ба само ба ёди ту ахтари ман.

## САВТИ ХУШИ ОЗОДА[1]

Ҳар гаҳ ки ба гӯш ояд
Савти хуши Озода,
Аз нав ба хурӯш ояд
Ишқи мани дилдода.

Чун нағмаи боронӣ
Сад шӯру наво дорад.
Аз дил ки ҳамегӯяд,
Оҳанги вафо дорад.

Бишнида садояшро,
Як лаҳза шавам хомӯш,
Оҳанги хуши чашма
Гӯё ки расад бар гӯш.

Овози хушу дилкаш
Хушкардаи дил бошад,
Ҳар савту навои ту
Аз пардаи дил бошад.

---

[1] Озодамоҳ Муҳтарамова

## СОҲИЛИ БАХТ

Мову ту танҳо
Дар лаби чашма,
Об равон аст,
Мову ту ташна.

Лаб-лаби чашма
Сабза чӣ зебо,
Покиза бошад
Ҳамчу дили мо.

Рӯ-рӯи сабза
Об хӯрад ғел,
Лек равон аст
Аз дили мо сел.

Ҳалқаи ҳар мавҷ
Чун гули армон
Оварадам ёд
Қулфи гиребон.

Сози равонаш
Нағмаи дилҳост,
Байни ману ту
Шодии дунёст.

Об равон аст
Бо дили пурҷӯш,
Роз бигӯем
Мову ту хомӯш.

Соҳили чашма
Соҳили бахт аст.
Ишқ набошад,
Мушкилу сахт аст.

## МЕНИГАРАМ СӮИ ТУ

Дар таги долон туӣ,
Чун гули хандон туӣ,
Рашки баҳорон туӣ,
Менигарам сӯи ту.

Чашми сиёҳат хуш аст,
Тарзи нигоҳат хуш аст,
Рӯи чу моҳат хуш аст,
Менигарам сӯи ту.

Ошиқӣ мушкил буда,
Кашмакаши дил буда,
Шаҳду ҳалоил буда,
Менигарам сӯи ту.

Боз ба пеши назар
Ҷилва намо аз дигар,
Эй гули садбарги тар,
Менигарам сӯи ту.

## МАНУ МУҲАББАТ

Дилбеқарориамро,
Шабзиндадориамро,
Хоби фирориамро
Ман донаму муҳаббат.

Дар дил агар ғаме аст,
Дар дидае наме аст.
Гар беш ё каме аст,
Ман донаму муҳаббат.

Қадри дили ҳазинро,
Байти хати ҷабинро,
Гулнози нозанинро
Ман донаму муҳаббат.

## ГУЛҒУНЧАИ ТАГНОБӢ

Ҳар гаҳ ки хиромида фуроӣ зи Сароб,
Сӯзонда марову мебарӣ кӯзаи об.
Ҳарчанд зи ишқи ту дилам гашта кабоб,
Ҳайфо, ки надорӣ хабар аз қалби хароб.

Гулғунчаи тагнобӣ,
Ту гавҳари ноёбӣ.
Дилро бубарад ҳуснат
Ҳамчун шаби маҳтобӣ.

Гулҳои чаман ба ранги гулбасти ту нест,
Наргис ба мисоли дидаи масти ту нест.
Гӯянд сухан агар зи софии булӯр,
Соф аст, вале чу панҷаву дасти ту нест.

Гулғунчаи тагнобӣ,
Ту гавҳари ноёбӣ.
Дилро бубарад ҳуснат
Ҳамчун шаби маҳтобӣ.

Ҳар гаҳ ки нишаставу чакан медӯзӣ,
Гӯё ки дар он ҳусни Ватан медӯзӣ.
Шодам, ки зи риштаи вафову ҳавасат
Гулҳои умеди ишқи ман медӯзӣ.

Гулғунчаи тагнобӣ,
Ту гавҳари ноёбӣ.
Дилро бубарад ҳуснат
Ҳамчун шаби маҳтобӣ.

## НИМАРОҲИ УМР

Сӣ фасли наврӯзам гузашт,
Сӣ бахти фирӯзам гузашт.
Шӯридасар, шӯридадил,
Сӣ ёри дилсӯзам гузашт.

Монанди оби чашмасор,
Ҷорӣ зи қалби кӯҳсор,
Пурҷӯшу масту беқарор
Сӣ байти ҷонсӯзам гузашт.

Чун мурғи оташ паркашон,
То ахтарону каҳкашон,
Оташсару оташфишон
Сӣ ахтари рӯзам гузашт.

Айбу гуноҳи умри ман,
Фарёду оҳи умри ман,
Аз шоҳроҳи умри ман
Сӣ номаи сӯзам гузашт.

Сӣ ёри ман бегона шуд:
Сӣ мурғ дур аз лона шуд,
Сӣ қиссаам афсона шуд,
Сӣ машъалафрӯзам гузашт.

## ДИЛ НАКАН

Абри парешон ҳам шавӣ,
Ранҷуру гирён ҳам шавӣ,
Барфи Бадахшон ҳам шавӣ,
Аз зиндагонӣ дил макан.

Фасли хазон ояд агар,
Захме ба ҷон ояд агар,
Дил бар фиғон ояд агар,
Аз зиндагонӣ дил макан.

Сӯзе расад бар синаат
Аз дилбари деринаат,
Аз каф диҳӣ ганҷинаат,
Аз зиндагонӣ дил макан.

Ашки қаторат бигзарад,
Гарду ғуборат бигзарад,
Сад неши хорат бигзарад,
Аз зиндагонӣ дил макан.

Нахли ҳавасҳо бар диҳад,
Рӯзардии ту зар диҳад.
Ишқат дами дигар диҳад,
Аз зиндагонӣ дил макан.

# ГУЛАФШОН

* * *

Ман ишқи туро шиор кардам охир,
Дилро ба раҳат фигор кардам охир.

Оҳуи рамидаи дилатро ба умед
Бо тири нигаҳ шикор кардам охир.

Аз фасли зимистони ғамолуди фироқ
Рӯ ҷониби навбаҳор кардам охир.

Дастону кафи пайи ҳавасҳои туро
Бо хуни дилам нигор кардам охир.

Зебоии кокулони афшонатро
Рашки чамани диёр кардам охир.

Он бӯсагаҳи чеҳраи ширу чу маҳат
Бо бӯса чу лолазор кардам охир.

Эй олиҳаи шеъру ғазалҳои Сафар,
Ҷон дар қадамат нисор кардам охир.

* * *

Зиндагӣ афсонабозор асту бас,
Як нигоҳи чашми бедор асту бас.

Роҳати дунё чӣ меҷӯӣ абас,
Гул миёни наштари хор асту бас.

Кай намакро пос дорад носипос,
Бадгуҳар дар фикри озор асту бас.

Сурма бар чашмони нобино чӣ суд?
Рӯзу шаб чун дидааш тор асту бас.

Рӯди умри мо равад шӯридасар,
Ҳосилаш ин ҷони афгор асту бас.

Нестам ман бе хаёлат як нафас,
Чашми ошиқ доимо чор асту бас.

Мондаам пеши ту ганҷи дил гарав,
Дилшинос онро харидор асту бас.

Ҷуз ғами ишқат надорам сарвате,
Давлати ман файзи ашъор асту бас.

Беғамӣ бодо насиби дигарон,
Ҷони ман дар ғам гирифтор асту бас.

Зиндагониро муқаддам дон, Сафар,
Ҷилваи он баски як бор асту бас.

* * *

Аҳли дилро сӯҳбати зоғу заған бегона аст,
Ҳамчунон ки чуғз бар боғу чаман бегона аст.

Он ки андар гӯшае хилватнишинӣ мекунад,
Аз сафои гулшану кӯҳу даман бегона аст.

Одамӣ гоҳо ҷафоҳо аз бародар мекашад,
Беғамӣ бар Юсуфи гулпираҳан бегона аст.

Ман саги кӯи туро умре парастиш мекунам,
Бевафоӣ Қайсро дар ҷону тан бегона аст.

Ҳамчунон парвона сӯзам пеши шамъи оразат,
Хастаҷони ишқро гӯру кафан бегона аст.

Дар хаёлам то кунун ояд садо аз Бесутун,
Лаҳзаи осудагӣ бар Кӯҳкан бегона аст.

Шукри обу сабзаву хоки Ватан гӯяд Сафар,
Бандаи ношукр бар хоки Ватан бегона аст.

* * *

Садранг бувад умр ба пеши назари мо,
Гаҳ неку гаҳе рӯзи бад ояд ба сари мо.

Имрӯз, ки дар боғи ҷаҳон тозаниҳолем,
Эй кош пур аз бор шавад шохи тари мо.

Бо некдилон ҳамнафасу ёри қаринем,
Ҷӯед аз ин ҷумла нишону асари мо.

Чун хандаи субҳонаи хуршед бубинӣ,
Ёде бикун аз хандаи айни саҳари мо.

Дилдодаи хору хасу гулҳои диёрем,
Пурсед аз ин пуштаву саҳро хабари мо.

Эй бедили ман, шеъри маро хонда бигӯӣ:
«Дилдодаю ошиқ будааст ин Сафари мо».

* * *

Дар дилам ишқи ту, эй болонишин, афтодааст,
Партави хуршед бар рӯи замин афтодааст.

Бо хаёли дидани рухсораи зебои ту
Гарди роҳи умр бар мӯю ҷабин афтодааст.

Хок дар он сар, ки қурбони ҳабиби дил нашуд,
Эй шигифто, ҳолати моро чунин афтодааст.

Кай дигар ояд ба сар андешаи дурӣ маро,
Дил чу сайде рӯ ба даргоҳи камин афтодааст.

Гарчи овозам расад ин дам ба авҷи Каҳкашон.
Пеши сарви қоматат мавҷи танин афтодааст.

Давлату ганҷи худодод аст дидори падар,
Бе дуояш дил ба аҳволи ҳазин афтодааст.

Эй ки имрӯзӣ, Сафар, андар саманди орзу,
Дон, ки садҳо чун ту аз болои зин афтодааст.

* * *

Хаданги чашми ҷодуи ту бар ҷонам асар дорад,
Дили санги сари раҳ дар ниҳоди худ шарар дорад.

Чароғи лолаҳоро боди саҳрой ба бозӣ кушт,
Сияҳшоле намози шом ин саҳро ба сар дорад.

Дами навмедии дунё машав озурдадил ҳаргиз,
Ки шоми тира дар домони худ тифли саҳар дорад.

Арӯси нозанини даҳр бо пероҳани нақшин
Хиромон омаду наншаста оҳанги гузар дорад.

Ба зери гунбади афлок умре бесаранҷомам,
Хушо, истораи иқбол сӯи ман назар дорад.

Сари тарсе надорам гар ба сӯям санг андозанд,
Ба боғе сангборон аст нахли босамар дорад.

Шитоби корвони умри моро бин, Сафар, охир,
Ки он чун тир аз ин олами ҳастӣ сафар дорад.

* * *

Дар замини синаи худ дони армон киштаам,
Тору пуди орзу аз пунбаи ҷон риштаам.

Кай пушаймон мешавам аз ҷодаи армони хеш,
Роҳи умед аст ҳар як мисраи бинвиштаам.

Пухта гардидам чу хиште дар танӯри зиндагӣ,
То шавад пайдо ба чашме хонаи якхиштаам.

Сарпаноҳе ҷуз Ватан асло нахоҳам дар ҷаҳон,
Обу хоки меҳр дорад каҳгили бисриштаам.

Дур созам хобро аз хонаи чашмони худ,
То биёрам рӯи коғаз шеъри нобинвиштаам.

Хандаҳои тифлакон ояд ба гӯшам чун, Сафар,
Шукр гӯям ҳар нафас бо даври осоиштаам.

* * *

Ҳусни дилҷӯи ту, эй покназар, моро кушт,
Теғи абрӯи ту, эй рашки қамар, моро кушт.

То занад бӯсаи ман хайма ба гулзори рухат,
Атри гесӯи ту, эй лолаи тар, моро кушт.

Гаштаам обу адои ҳаваси дидорат,
Гулшани рӯи ту, эй файзи саҳар, моро кушт.

Чашми обии ту сарчашмаи иқболам буд,
Рафтану н-омаданат бори дигар моро кушт.

Давлати ҳусни биҳиштии ту бодо афзун,
Ки ба як ҷилвафурӯшии назар моро кушт.

Аз гули боғи вафо дастагуле ночида,
Оқибат ишқи худодода, Сафар, моро кушт.

* * *

Баъди ман хоҳам дар ин дунё нишон монад зи ман,
Чашмаосо ҷӯшаму баҳри дамон монад зи ман.

Гарчи рӯзе меравам аз ин сарои бебақо,
Меҳри бепоёну ишқи ҷовидон монад зи ман.

Ҳеҷ гаҳе дар зиндагӣ бар каф набигрифтам камон,
Қомати хамгаштае мисли камон монад зи ман.

Авф кардам сад гуноҳи душмани бадкинаро,
Лек умре кинадору бадгумон монад зи ман.

Гарчи он болонишин бар мо намесозад нигаҳ,
Дидаи муштоқ бар он остон монад зи ман.

Ҳар чи корӣ дар баҳорон, тирамаҳ он бидравӣ,
Нек кардам, ё ки бад, охир ҳамон монад зи ман.

* * *

Мани дар ишқ гирифтор туро мечӯям,
Эй давои дили бемор, туро мечӯям.

Меравӣ ҳамчу сабо бехабар аз рози дилам,
Бо ғаму ҳасрати бисёр туро мечӯям.

Навҷавонӣ гули хандони ҷаҳони ишқ аст,
Мани дилдодаи гулзор туро мечӯям.

Шоирӣ ганҷи худодода чу бошад, алҳақ,
Дар лабам мисраъу ашъор туро мечӯям.

Набувад як гули бехор ба гулбоғу чаман,
Ҳама дам, эй гули бехор, туро мечӯям.

Ҳамчунон Қайси ҷигарсӯхтаам дар раҳи ишқ,
Партави давлати бедор, туро мечӯям.

Эй Сафар, ахтари иқбол дурахшад рӯзе,
Бо ду чашми ба раҳат чор туро мечӯям.

* * *

Хандаи хуршед марги шабнам аст,
Зиндагӣ маҷмӯи шодиву ғам аст.

Ҳамқаду ҳамсол меёбӣ, вале
Ҳамдилу ҳамсӯз дар дунё кам аст.

Саҷда орам пеши пои хокие,
Хоксору ҳусни рӯи олам аст.

Сӯҳбати ёрон барад ғамҳои дил,
Зиндагонӣ бе ҳабибон мотам аст.

Аз хамупечи ҷаҳон дарёфтам,
Умр чун пайроҳаи хам дар хам аст.

Ҳар касе ки ганҷи дил бикшодааст,
Дар саховат ҳамқирони Ҳотам аст.

Зодгоҳам – Каъбаи армони дил,
Чашмаи Толеъ бароям Замзам аст.

Ҷон фидои Тоҷикистон кун, Сафар,
Сад дилу ҷонро фидо созӣ, кам аст.

* * *

Чашм бикшову бубин, файзи саҳар мегузарад,
Ин гулафшонию айёми самар мегузарад.

Ҳар киро ёри вафодору накӯдил бошад,
Зиндагияш ҳама чун ширу шакар мегузарад.

Ғофил аз рафтани ин умри гаронмоя машав,
З-он ки бо ҷилваи Хуршеду Қамар мегузарад.

Гашта, сад вою дареғ, зи пайи моли ҷаҳон,
Писари нохалаф аз баҳри падар мегузарад.

Пеш аз ҳар сухан андеша ҳамебояд кард,
Ҳарфи ноҷо зи дилу ҷону чигар мегузарад.

Чашми дил во куну бар гардиши дунё бинигар.
Умр чун рӯди равоне зи назар мегузарад.

* * *

Ҳар киро, ки давлати бахтат муяссар мешавад,
Чашмаи иқболи ӯ монанди Кавсар мешавад.

Пардаи шарму ҳаё бошад матои бебадал,
Барги гул аз шабнами дидорҳо тар мешавад.

Одамиро меҳр парвардан нишони давлат аст,
Ҳамнишини хуб монанди бародар мешавад.

Чашма бошад ҳар куҷо, пайроҳа сӯяш меравад.
Оқилонро хешу бегона баробар мешавад.

Чеҳраи бикшода касро мекунад болонишин,
Гулшан аз лабхандаи гулҳо муаттар мешавад.

Тирамоҳи умр чун ояд ба боғи рӯзгор,
Баччагӣ ёди ҳуши афсонапарвар мешавад.

Бо ҳама ошуфтаҳолӣ шукр мегӯяд Сафар,
Субҳи иқбол аз дуои модарон сар мешавад.

* * *

Зиндагии ман, ҷаҳони ман туӣ,
Бахти неку ҷовидони ман туӣ.

Шеъри ман афсонаи ишқи ту аст,
Матлаи шеъри равони ман туӣ.

Ин замин бо осмон зебанда аст,
Ман заминам, осмони ман туӣ.

Бе ту хушкад чашмаи илҳоми ман,
Баҳри пуршӯру дамони ман туӣ.

Кай шавад аз ҷони ман ишқат бурун,
Ҷо ба мағзи устухони ман туӣ.

Гар ҷаҳон равшан бувад аз офтоб,
Офтоби хонадони ман туӣ.

* * *

Чун дуд аз дили ман ишқи ту сар гирифта,
Ин оташи муҳаббат моро ба бар гирифта.

Ҳамчун гули баҳорӣ бо нозу ханда рафтӣ,
Лабхандаи ту моро пеши назар гирифта.

Чун боми намкашида ашкам фурӯ бирезад,
Селобаи ғами ту ин бому дар гирифта.

Рафтам, ба кӯҳ гуфтам: – «Омӯз дарси тамкин»,
Дидам, ки ашки лола кӯҳу камар гирифта.

Дастам чу шохи хушке имдодҷӯ ба сӯят,
Бар қасди ман валекин, дидам, табар гирифта.

Бо ёди мӯи шабгун шабҳо гузаштам аз хоб,
Хуршед ҳам ба ёдат роҳи саҳар гирифта.

Дарёи зиндагонӣ ҷорист аз бари мо,
Ҳар чини рӯи дарё роҳи Сафар гирифта.

* * *

Фасли гул мегузарад, лек шаҷар мемонад,
Ҳусни зебои туам пеши назар мемонад.

Нағмаи мурғи чаман тори диламро бизанад,
Акси он дар дилу дар мағзи ҷигар мемонад.

Гаҳи тӯфон бишавад баҳр аҷаб нооpом,
Лек андар дили ӯ дурру гуҳар мемонад.

Гузарӣ ҳамчу насими саҳарӣ аз бари ман,
Ёди он чеҳраи чун файзи саҳар мемонад.

Ҳусни рӯят наравад ҳамчу ҳино аз кафи даст,
Васфи он баски ба ашъори Сафар мемонад.

* * *

Хоҳам, ки шавам ғарқаи дарёи муҳаббат,
Бошад, ки расам то дили саҳрои муҳаббат.

Раҳгумзадаи олами андешаву розам,
Ҳарчанд гузаштам зи хами роҳи муҳаббат.

Хокистари ғамҳои ҷигархораи ишқам,
Чун шӯъла шавам кошки пайдои муҳаббат.

Чун ишқ бувад олами садрангу фиребо,
Ман дилшудаву волаву шайдои муҳаббат.

Ҳар ҷо нигарӣ, ёр, бубинӣ асарашро,
Бошад ҳамаи рӯи замин ҷои муҳаббат.

«Арзандатар аз ишқ ба олам гуҳаре нест»,[1]
Дар саҷда ниҳам сар ба кафи пои муҳаббат.

Бишнав зи Сафар ин ғазали меҳру вафоро,
Бошад, ки бубинӣ сару савдои муҳаббат.

* * *

Ман зи ҳусни туву афсонаи худ метарсам,
Аз дили саркашу девонаи худ метарсам.

Гар ду рӯзем дар ин базми ҷаҳон бодагусор,
Аз хумори маю паймонаи худ метарсам.

Ҷоннисорӣ ба раҳи меҳру вафояш кардам,
Лек аз ҳасрати ҷононаи худ метарсам.

Зиндагӣ гоҳ диҳад қанду гаҳе фанд маро,
Аз парешонии ҳар донаи худ метарсам.

Гарчи бо рӯи ҷаҳонест сару савдоям,
Лек аз бесарии хонаи худ метарсам.

Ғӯлачӯби ҳавас аз дасти ман осон нашикаст,
Ман зи гурзу табару фонаи худ метарсам.

Дар сари шохи умед аст кунун лонаи ман,
Аз парӯ гаштани ин лонаи худ метарсам.

Дасти меҳре нанавозад сари сахти ту агар,
Сафар, аз хам-хами ҳар шонаи худ метарсам.

[1] Аз устод Лоҳутӣ.

* * *

Ишқат, эй сабзина, обам кардааст,
Доғи ғамҳоят кабобам кардааст.

Оташи меҳру вафоят, эй хушо,
Ҳамнишини офтобам кардааст.

Ҷилваҳои чеҳраи ҷонпарварат
Пойбанди изтиробам кардааст.

Дар тариқи худфурӯзӣ меҳри ту
Дар набарду инқилобам кардааст.

Қиссаи меҳрат навиштам солҳо,
Ишқи ту соҳибкитобам кардааст.

Панҷаам буд шона баҳри кокулат,
Кокулат дар печутобам кардааст.

Шукри ишқат мекунад умре Сафар,
Шоири бедорхобам кардааст.

* * *

Қаламқошо, қади раънота садқа,
Нигоҳи наргиси шаҳлота садқа.

Ту мерақсиву дил дар сина рақсад,
Адову нозу истиғнота садқа.

Шукуфон бигзарӣ мисли баҳорон,
Сари сабзу рухи зебота садқа.

Чаканпӯши базебу анбаринмӯ,
Гулафшон ҳусни меҳрафзота садқа.

Зи ишқат гаштаам монанди Маҷнун,
Муҳаббатҳои чун Лайлота садқа.

Сафар бо сӯзу ғам васфи ту созад,
Биё, бишнав, ки сар то пота садқа.

* * *

Кардаам дар ҳарами сина ниҳон ёдатро,
Тарҳи он чеҳраву он ҳусни худододатро.

Сӯзи ишқи ту бурун аз дили зорам наравад,
Охир афсона кунам қомати шамшодатро.

То кай аз пушти ҳавову ҳавасат менозӣ,
Як дам андеша намо хонаи ободатро.

Накушӣ аждари ин нафси балохор агар,
Мехӯрад оқибат ӯ решаву бунёдатро.

Пой аз роҳи хато каш, ки яқинан рӯзе
Ба алам ёд кунӣ ҳар нафаси шодатро.

Зиндагӣ шӯру шару ҷӯшу талотум хоҳад,
Бахш оҳанги наве нолаву фарёдатро.

Хок бар дидаи ғамбори ту, эй шоми фироқ,
Муддате шуд, ки кашидам аламу додатро.

Бофта бар рухи ту тӯри ҷабин чевари вақт,
Хонам аз ҳар хати рӯ зораву имдодатро.

* * *

Аз фаросат тифл комил мешавад,
Аз муҳаббат бахт ҳосил мешавад.

Дар хаму печи ҷаҳони даргузар
Дил ба ҳусни ёр моил мешавад.

Ҳар куҷо дониста рози дил бигӯ,
Ҳарфи ноҷо заҳри қотил мешавад.

Ҳар кӣ берун рафт аз панди падар,
Худсару худхоҳу ғофил мешавад.

Он ки ҷӯяд дурӣ аз бунёди худ,
Ҳамчу селоварди соҳил мешавад.

Ҳар ки рӯ гардонад аз устоди хеш,
Бемуҳобо, кӯру ҷоҳил мешавад.

Чеҳрахандон бош ҳамчун офтоб,
Чеҳра худ оинаи дил мешавад.

Дар тариқи ошноӣ, эй Сафар,
Бевафо охир ки қоил мешавад.

* * *

Соли наву иқболи нав, эй ёр, муборак,
Бахту фараҳу шодии дидор муборак.

Мастона бирақсему бихандему бихонем,
Иқболи ба ҳар хона падидор муборак.

Бо соли куҳан рафт ғаму кулфату андӯҳ,
Ҳангомаи ин давлати бедор муборак.

Шуд ҷилвагаҳи аҳли назар қомати зебо,
Бо сози найу замзамаи тор муборак.

Рақсидани гулдухтари зебои чаканпӯш
Чун Зӯҳраи рахшони шаби тор муборак.

Бар дафтари эҷоди Сафар як назаре кун,
Байту ғазалу ҷилваи ашъор муборак!

* * *

Тахту бахту шаъну шони ман туӣ,
Ному нангу ҷисму ҷони ман туӣ.

Шаҳри Кӯлоби азизу нозанин,
Шаҳкитоби бостони ман туӣ.

Шукри обу боду хокат мекунам,
Осмону остони ман туӣ.

Меҳри ту аз дил намегардад бурун,
Сархати шеъри равони ман туӣ.

Чун Эмоми Аскарӣ пирӣ, вале
Маскани ишқи ҷавони ман туӣ.

Ҷовидонӣ ҳамчунон Кӯҳи намак,
Файзи хону таъми нони ман туӣ.

Бе хасу хори ту хорӣ мекашам,
Худ биҳишти ҷовидони ман туӣ.

Васфи хокат мекунам то зиндаам,
Баски рӯзе хокдони ман туӣ.

* * *

«Сина моломоли дард аст», эй Худо,
Дил ҳазину зору сард аст, эй Худо.

Гулфишони умр бигзашт, эй дареғ,
Тирамоҳу ранги зард аст, эй Худо.

Нобарориҳо бароре дошта,
Ин замин майдони нард аст, эй Худо.

Оламеро сайр месозад нигаҳ,
Чашм оҷиз пеши гард аст, эй Худо.

Мераванд осон сабукборони даҳр,
Борашон сарбори мард аст, эй Худо.

Ризқ осон кай ба каф ояд, Сафар,
Зиндагонӣ худ набард аст, эй Худо.

* * *

Бо маҳалбозии худ омада бар ҳоли низор,
Бас дигар шӯру мағал, ки шуда дил решу фигор.

Тири андӯҳу алам аз ҷигари хора гузашт,
Тоҷик аз бехирадӣ тоҷики худ кард шикор.

Бас ҷавонон шуда қурбони сиёсатбозон,
Бахтбаргашта арӯсон бари рӯ ашки қатор.

Он қадар аз ғами бемеҳрии худ сӯхтаем,
Гарди роҳем чу хокистари сӯзони сигор.

Дар замини дили мо тухми адоват киштанд,
Эй Худо, бош нигаҳдор аз ин ҷуфт сипор.

Чашмтангон ҳама ҷо дар пайи бадбахтии мо,
Тӯри сад макр бибофанд пайи қасду ниқор.

Шояд, эй тоҷики ҳайратзада, бар худ ойӣ,
В-арна фардои ту торик шавад чун шаби тор.

Ин қадар сӯзу аламҳои ту аз чист, Сафар,
Ҷаҳд бинмо пайи сарсабзии ин куҳнадиёр.

* * *

Гулфишони зиндагию навбаҳоронро чӣ шуд?
Олами шодиву айши рӯзгоронро чӣ шуд?

Нағмаи булбул чаманҳоро ба шӯр оварда буд,
Булбулони нағмасанҷи шохсоронро чӣ шуд?

Рехтӣ борони раҳмат як замоне бедареғ,
Нарм-нармак нағмаҳои резаборонро чӣ шуд?

Бар камондорон рамузи зиндагӣ осон шудаст,
Байни бефазлон қаламкашҳои ҳайронро чӣ шуд?

Як замоне меҳрубонӣ буду қадри дӯстӣ,
Меҳрубониҳо куҷо рафтанд, ёронро чӣ шуд?

Мехӯрад заҳробаи ғам ҳар куҷо аҳли сухан,
Кас намепурсад ғамину дилфигоронро чӣ шуд?

Ҳамраҳон рафтанд охир сабр то кай, эй Сафар,
Бош дар роҳи сафар, чашминтизоронро чӣ шуд?

* * *

Ёр омад, беқарорам карду рафт,
Мушти гил будам, шарорам карду рафт.

Аз ғамаш ранги хазоне доштам,
Сабзаи фасли баҳорам карду рафт.

Хостам, ки бевафо хонам варо,
Нози ширине нисорам карду рафт.

Бо сари зулфони мушкосои худ
Моили шабҳои торам карду рафт.

Мисли моҳе дар хаёлам шом хӯрд,
Бин чӣ сон шабзиндадорам карду рафт.

Баски дар каф дошт гулҳои чаман,
Ошиқи ҳусни диёрам карду рафт.

* * *

Осудадилам умре ман дар бари Сарчашма,
Дилро бибарад ҳар дам гулдухтари Сарчашма.

Дар панҷаи кӯҳистон тобад чу гули хандон,
Наззора кунам умре бому дари Сарчашма

Ҳар чашмаи ҷӯшонаш дилро ба хурӯш орад,
Сармасти тараб гардам аз соғари Сарчашма.

Чун кокули анбарбӯ ҷорӣ шуда оби ҷӯ,
Афсонаи нав дорад афсунгари Сарчашма.

Ҳар деҳа пайи деҳа, ҳар пушта пайи пушта,
Меҳре ба дил ангезад шӯру шари Сарчашма.

Деҳқони баораш хуш, саргармии кораш хуш,
Сар мефиганам умре андар бари Сарчашма.

* * *

Алами мардуми Кӯлоб маро об кунад,
Ҳавзи чашмони пур аз об маро об кунад.

Он қадар хуни ҷигар аз ғами мардум шудаам,
Дидани санги ҷигартоб маро об кунад.

Пуштаҳо пур шуда аз гӯри ҷавонмардонаш,
Ғурамаргони дар он хоб маро об кунад.

Рӯди ғам аз дили ошуфтаи мардум бигузашт,
Соҳили гашта зи селоб маро об кунад.

Он қадар санги ҷафо бар сари сахташ омад,
Рӯди хушкидаи сангоб маро об кунад.

Бармаҳал бар тани худ куртаи ғам поракунон,
Навҳаи дилбари бетоб маро об кунад.

Гашта аз дидаи ман хоб фирорӣ кайҳо,
Ҳасрати дидаи бехоб маро об кунад.

Аз чӣ рӯ, эй Сафар, осуда нахобӣ шабҳо?
Қисмати кирмаки шабтоб маро об кунад.

* * *

Дар ҷабину чеҳраам ожангу чин афтодааст,
Сураи ошуфтаҳолӣ бар ҷабин афтодааст.

Рӯзи худро мебарад ҳар кӣ зи пушти пешае,
Зиндагонӣ бо маоши тоқа қин афтодааст.

Меҳрубониҳои қисмат шуд насиби дигарон,
Аз Сулаймони замон нақши нигин афтодааст.

Умри худро сарфи некӣ мекунам дар зиндагӣ,
Бадхисолонро умеди охирин афтодааст.

Бо дуои неки устодон агар комил шудем,
Худфурӯзонро кунун ҳоли ғамин афтодааст.

Эй Худоё, дастгирам шав, ки дар роҳи ҳавас
Шаҳсавори орзу аз рӯи зин афтодааст.

* * *

Кинаҳо аз синаҳо берун кунед,
Дӯстиро парчами гардун кунед.

Зиндагӣ то поку зеботар шавад,
Хешро чун мисраи мавзун кунед.

Сӯхтан дар ошиқӣ бошад савоб,
Андар ин раҳ кори сад Маҷнун кунед.

Мебарад чашми вафо аз дил ғубор,
Чашмаи меҳру вафо Ҷайҳун кунед.

Дар тариқи илму донишпарварӣ
Азми кохи илми Афлотун кунед.

Шоирӣ хун хӯрдани дил гар бувад,
Эй паривашҳо, диламро хун кунед.

Бе Ватан ранге надорад зиндагӣ,
Обрӯи ин Ватан афзун кунед.

* * *

Ранҷу озори зиндагӣ гузарад,
Ин шаби тори зиндагӣ гузарад.

Дидаи эътибори худ бикушо,
Чашми бедори зиндагӣ гузарад.

Хуни дил барабас махӯр охир
Лолаву хори зиндагӣ гузарад.

Ҳар ки омад, яқин, равад рӯзе,
Шохаву бори зиндагӣ гузарад.

Накунад он ки шукри неъмати умр,
Оқибат зори зиндагӣ гузарад.

Бо матои ҷаҳон чӣ менозӣ,
Рӯди саршори зиндагӣ гузарад.

Тахти Ковусу ҷоми Ҷам чу бирафт,
Пас ҳама кори зиндагӣ гузарад.

Ташнаи зиндагӣ, яқин, рӯзе
Сафар аз дори зиндагӣ гузарад.

* * *

Ин ҷаҳон косаи давреву ҳама даргузарем,
Зери ин куҳнасаро ташнаи хунинҷигарем.

Кай бувад як дами осудагӣ охир моро,
Ҳама бо валвалаву шӯру шарар мегузарем.

Ҳиммати мӯр баланд аст гаҳ аз Ҳотами Тай,
Мисли Қорун зи чӣ бар моли ҷаҳон менигарем!?

Офтоби карами мо паси абр аст ниҳон,
Худ ба оташкадаи кинаву шӯру шарарем.

Мисли дарёи равон мегузарад умри азиз,
Ташнакомему чу як шӯълаи субҳи саҳарем.

Сафар, аз рафтани ин умри ду-серӯза манол,
Ки дар ин бодияи умр ҳама дар сафарем.

* * *

Чашми дил бикшо, ки чашми сар фиребат медиҳад,
Ҷилваи дунёи дунпарвар фиребат медиҳад.

Ҳеҷ медонӣ, ки чархи даҳр бо Қорун чӣ кард?
Дилкашолиҳо ба молу зар фиребат медиҳад.

Мурғи қисматро агар фарзанд бошад болу пар,
Лаҳзаи парвоз болу пар фиребат медиҳад.

Сад ҳазорон Юсуфи худро ба гургон додаем,
Мушкил ояд зиндагӣ, додар фиребат медиҳад.

Ҳеҷ гоҳе ғарра бо қасру ҷалоли худ машав,
З-он ки қасру сақфу бому дар фиребат медиҳад.

Зиндагӣ бошад мисоли гардиши паймонае,
Оқибат ин бодаву соғар фиребат медиҳад.

Эй Сафар, умре накӯхоҳу накӯандеш бош,
Дар набарди зиндагӣ довар фиребат медиҳад.

* * *

Саҷдаи гул дидаам дар пеши хор,
Сардрӯиҳо ба гармои баҳор.

Доғҳо рӯида дар саҳрои дил,
Синаам сурхида мисли лолазор.

Мекушад моро агар, дил мекушад,
Ҳамчу барқе бо дурахши шӯълабор.

Ку дигар ҳамдарду ҳампаймонае,
То барад аз синаам гарду ғубор?!

Рӯзи шодӣ ҳар кӣ ёрат мешавад,
Ғамшарикат рӯзи ғам хешу табор.

Нахли боровар диҳад охир самар,
Кай бигирӣ мева аз шохи чанор?

Одамӣ чун даргузашт аз ин ҷаҳон,
Токосо кай бисабзад навбаҳор?

Чун ду-се рӯзӣ дар ин дунё, Сафар,
Шукр кун бо додаи Парвардгор.

* * *

Аз бахти шӯр мӯи сарам шӯразор шуд,
З-уммедҳои мурда дилам чун мазор шуд.

Гуфтам, ки бахт медиҳадам чеҳраи гулаш,
Дар навбаҳори умри ҷавонам чу хор шуд.

Сад нола аз ҳарими дилам мешавад бадар,
Вақте ки ҳарду наргиси масташ хумор шуд.

Онро, ки бахти нек нагардад насиб агар,
Ғам аз чӣ мехӯрад, ки хазон ё баҳор шуд.

Нашнохт қадри пир ҷавоне агар ба фаҳм,
Чун пир шуд, яқин, ки худаш хору зор шуд.

Рӯзе агар зи гунбади даввор бигзарам,
Шодам, ки шеър бар ту зи ман ёдгор шуд.

* * *

Кай ту донӣ аламу сӯзи дили шайдоям,
Ба гумонат, ки ҳамон беғаму бепарвоям.

Тору пуди ғаму шодӣ бувад ин ҳастии мо,
Андар ин бодия чандест, ки раҳпаймоям.

Ҷои ту хонаи дил, хонаи чашмони ман аст,
Ҳайф дар водии меҳри ту набошад ҷоям.

Окибат мешиканад ҳалқаи занҷири ситам,
Лек занчири ҷафои ту бувад дар поям.

Пеши чашмам ҳама дам чун маҳи рахшон тобӣ,
Дар нигоҳи ту вале ахтари нопайдоям.

Туӣ сармасти ҳамин соати умри гузарон,
Мани дилдода ба ёди ҳаваси фардоям.

Захмаи тори диламро бувад оҳанги вафо,
Бо ту, эй ишқу вафо, тоҷи сари дунёям.

* * *

Гар надорӣ ҳиммати мардона, номардӣ макун,
Оташе дар дил надорӣ, майли дилсардӣ макун.

Бо ғаме рӯзе биёбӣ ҳамдилу ҳамрози хеш,
Дар раҳи мақсуд асло азми бедардӣ макун.

Печутоби зиндагӣ сад печутобат гар диҳад,
То наояд тирамоҳат, ҳеҷ рӯзардӣ макун.

Мушт мегарданд дар ҳамбастагӣ ангуштҳо,
Бо сари танҳот ҳаргиз даъвии фардӣ макун.

Тундбоде бар сарат ояд агар, ғамгин машав,
Кӯҳ бошу пеши боди зиндагӣ гардӣ макун.

Бошад ин гулхандаи дунё зи нури офтоб,
Нурпарвардӣ бикуну сояпарвардӣ макун.

* * *

Дар ҷаҳони орзу афсонаҳо дорам ҳанӯз,
Бас хуморе дар лаби паймонаҳо дорам ҳанӯз.

Гарчи паймудам раҳи умри ҷавонӣ бо ҳавас,
Зулфи мушкини суханро шонаҳо дорам ҳанӯз.

Чидаам гул аз лаби нӯшини нозукталъатон,
Бӯсаҳое дар лаби ҷононаҳо дорам ҳанӯз.

Солҳо шуд мекашам бар дӯши худ бори сухан,
Дар сухановоди дил вайронаҳо дорам ҳанӯз.

Мазраи деҳқон баҳорон киштгардон мешавад,
Дар замири киштаи дил донаҳо дорам ҳанӯз.

Дӯшборам гарчи шуд ранҷу азоби зиндагӣ,
Бо дили ғамхорае шукронаҳо дорам ҳанӯз.

Мӯи сар аз гарди роҳи зиндагонӣ шуд сафед,
Дар сари шохи ҳавасҳо лонаҳо дорам ҳанӯз.

Гарчи дар роҳи сафар шуд умри ту охир, Сафар,
Шукр, аз хишти муҳаббат хонаҳо дорам ҳанӯз.

* * *

Бахти хандону шукуфонӣ маро,
Худ ҷаҳони ишқу армонӣ маро.

Хӯрда будам як замон заҳри ғамат,
Ин замон позаҳру дармонӣ маро.

Дар дилам захми ҷафоҳои ту буд,
Лек ҳоло роҳати ҷонӣ маро.

Шамъосо дар ғамат месӯхтам,
Эй хушо, хуршеди тобонӣ маро.

Дӯш ҳарфам бар ту буд бегонае,
Ин замон ту хуб медонӣ маро.

Хори озорат ба ҷонам мехалид,
Чун гули иқболи хандонӣ маро.

Ман наҷӯям ахтаристони баланд,
Ахтари иқболи рахшонӣ маро.

* * *

Он парирӯ гоҳ-гоҳе ки суроғам мекунад,
Бо садои дилнавози хеш доғам мекунад.

Чун гули Наврӯз пайки навбаҳорон дар бағал,
Накҳати гулҳои хушбӯ бар димоғам мекунад.

Бурда бо дилбозияш дилрову нозад бо фараҳ,
Заҳр дар коми ҳама айшу фароғам мекунад.

Нахли меҳраш дар замини синаам парвардаам,
Ӯ ҳазар аз чидани гулҳои боғам мекунад.

Шаҳди дунё бод бар комаш, ки он номеҳрубон
Шарбати доғу аламҳо бар аёғам мекунад.

Сӯхтам дар роҳи васлу дидани рухсорааш,
Оқибат хомӯш монанди чароғам мекунад.

* * *

Зиндагӣ бо ғаму бо шодии худ хуш бошад,
Гулшани даҳр ба ободии худ хуш бошад.

Ман зи ҳар пар-пари мурғи қафасӣ бишнидам:
Боли парвоз ба озодии худ хуш бошад.

Сайри гулшан чу равӣ, хор бувад дар бари гул,
Ғунча бо хандаву бедодии худ хуш бошад.

Ҳаваси рӯи ту аз гулшани ёдам наравад,
Ҳар кӣ бо маснади эҷодии худ хуш бошад.

Сӯхтан дар раҳи дидор набошад осон,
Ошиқ аз заҳмати Фарҳодии худ хуш бошад.

Гар фалак бо маҳу бо ахтари худ менозад,
Тоҷикистон ба талу водии худ хуш бошад.

* * *

Гӯшаи чашме, ки ба мо мекунӣ,
Дарди дусадсола даво мекунӣ.

Мамлакати ишқи худододаро
Пур зи шару шӯру наво мекунӣ.

Сад гирахи мушкили дил во шавад,
Во дамаке банди қабо мекунӣ.

Эй, ки зи ғамҳои туам дилҳазин,
То ба куҷо чуну чаро мекунӣ?

Шоми ғамолуди сияҳрӯ гузашт,
Ханда аҷаб субҳнамо мекунӣ.

Доғи дили хастаи моро мапурс,
Шӯр чу дар сина бапо мекунӣ.

Нест вафодортаре аз Сафар,
Ёр, чаро нозу адо мекунӣ?

* * *

Манзари дидаи ман сӯи ту боз аст ҳанӯз
Бо ту моро ҳаваси розу ниёз аст ҳанӯз.
Пеши ту сад вараќи дафтари дил бикшодам,
Дар ниҳонхона вале олами роз аст ҳанӯз.
Духтари бахт нашуд ҳеҷ насибам нафасе,
Ин паричеҳра саропо ҳама ноз аст ҳанӯз.
Ба сари зулфи каҷаш дил ба гарав бинҳодам,
Дасти Маҳмуд сари зулфи Аёз аст ҳанӯз.
Гарчи дар ишқ гузашт аз сари мо ношукрӣ,
Шукр, он дилбари мо банданавоз аст ҳанӯз.
Гарди пирӣ ба сару рӯву ба мижгон бинишаст,
Мутриби шавқ вале панҷа ба соз аст ҳанӯз.
Аз хаму печи раҳи умр бияндеш, Сафар,
Ки раҳи манзили уммед дароз аст ҳанӯз.

* * *

Сармасти дунёи ҳавас он ҷо туву ин ҷо манам,
Дар гулхане монанди хас он ҷо туву ин ҷо манам.

Монанди мурғони чаман дил мезанад фарёдҳо,
Як ошиқи фарёдрас он ҷо туву ин ҷо манам.

Камҷуръатию шарми мо бошад фақат озарми мо,
Гӯё ки дар кунҷи қафас он ҷо туву ин ҷо манам.

Он сон ки мехоҳам туро, шояд ки мехоҳӣ маро
Ҳамсозу сӯзу ҳамнафас, он ҷо туву ин ҷо манам.

Шармида мегӯӣ сухан, шармида гӯям рози дил,
Гӯё дар ин дунё ду кас – он ҷо туву ин ҷо манам.

* * *

Аз рӯи ҳамчу моҳе шукрона мекунам ман,
Аз оташи нигоҳе шукрона мекунам ман.

Хандида мезанад ҳарф бар ҳоли зори ошиқ,
Дар ҳолати табоҳе шукрона мекунам ман.

Ӯ кисту куҷоист, гарчи надонамаш, лек
Дар дил гирифта ҷое, шукрона мекунам ман.

Аз боғи қомати ӯ нахле ба ҷон бихоҳам,
Аз ишқи бепаноҳе шукрона мекунам ман.

Ӯ саркаш асту мағрур, аз кори хеш масрур,
Пурсад маро чу гоҳе, шукрона мекунам ман.

Бигрифтаам раҳи дил, то дил ба каф биёрам,
Бошад ба ҳар кӣ роҳе, шукрона мекунам ман.

Гарчи маро азизӣ чун ҷону дил ба сина,
Пеши туам чу коҳе, шукрона мекунам ман.

* * *

Эй сабукборон, кучо донед ҳоли зори мо,
Мекашад бори аламҳо қомати афгори мо.

Худфурӯзӣ карда шабҳои дарозе ҳамчу шамъ,
То писанди аҳли дил гардад гули ашъори мо.

Ҳар қадар, ки гирд мегардем даври хештан,
Дуртар дар дида метобад хати паргори мо.

Эй ки ҷӯёи зару молӣ, бирав бо роҳи худ,
Ҷуз матои меҳр набвад андар ин бозори мо.

Азми мо бошад накӯкорию меҳри ҷовидон,
Хуш наёяд хуфтагонро дидаи бедори мо.

Эй ки мехоҳӣ ту озори дили мо, бегумон,
Мешавӣ андар талоши зиндагонӣ зори мо.

* * *

Магар аз ҳоли дили зор хабар дорӣ? Не.
Ё ба сӯям зи сари меҳр назар дорӣ? Не.

Шаби зулмонии ҳиҷрони ту бо ғам бигузашт,
Зи пайи шом магар субҳи саҳар дорӣ? Не.

Гули кӯҳӣ ту зи ман металабӣ, ёр, вале
Худ бигӯ майл бад-ин кӯҳу камар дорӣ? Не.

Хонаат то ба саҳаргоҳ бувад нурфишон,
Сӯзиши ҷони маро пеши назар дорӣ? Не.

Навҷавонӣ чу баҳоре гузарад аз сари мо,
Майли нодидани ин фасли гузар дорӣ? Не.

* * *

Фасли ҳусни рӯи зебоят гузашт,
Гардиши чашмони шаҳлоят гузашт.
Оламе шайдои рухсори ту буд,
Хандаи гул дар қадамҳоят гузашт.
Эй ки як олам таманно мешудӣ,
Ҷони ман масти таманноят гузашт.
Ранҷу озорат ҷигархунам намуд,
Лолазори мавҷи ғамҳоят гузашт.
Мешавӣ шояд ба ёдам дилҳазин,
З-он, ки як дилдори шайдоят гузашт.

* * *

Имрӯз дар ин гулшани ҳастӣ самарам нест,
Ғамхору мададгору дуогӯи сарам нест.
Хуршеди дурахшону сафобахши раҳам буд,
Дардо, ки дигар нуру сафои саҳарам нест.
Будам чу уқобе ба сари кӯҳи ҳавасҳо,
Бечораам имрӯзу дигар болу парам нест.
Чун панҷаи пурқудрати ӯ аз сари ман рафт,
Баъди сари ӯ нусрату фатҳу зафарам нест.
Кошонаи меҳрам, ки пур аз шӯру шарар буд
Эй вой, дигар он ҳама шӯру шарарам нест.
Бар хоки Ватан саҷда ҳамебурд ба ихлос,
Имрӯз дигар саҷдагоҳу саҷдабарам нест.
Афғони маро мешунавӣ кӯҳи Балансар?![1]
Доғам, ки дар ин домани саҳро падарам нест.

[1] Балан (д) сар-баландиест дар Мӯъминобод

# РУБОИҲО

Эй дилбари нозанину озодаи ман,
Сарчӯи муҳаббати ту буд ҷодаи ман.
Ҳайфо, чӣ кунам ба ишва гуфтӣ, ки: «Бирав,
Шоирбачаи хаёлии содаи ман».

Ҳайфо, ки ҷавонӣ чу баҳоре гузарад,
Наврӯзи дилам ба гулшуморӣ гузарад.
Монанди дурахши барқи айёми баҳор
Ин умр ба сурати шароре гузарад.

Шояд хабарат ҳаст зи муштоқии ман,
Эй дилбари нозанини қишлоқии ман?!
Номи ту ба сафҳаи дилам сабт шуда,
Нақши пайи сӯзани ту дар тоқии ман.

Даври фараҳу шабоби умрам бигузашт,
Аввалсухани китоби умрам бигузашт.
Бо ҳамҳамаву қаҳқаҳаю валвалаҳо
Паймонакаши шароби умрам бигузашт.

Як рӯз дилам барои ту сӯхта буд,
Оташ ба танӯри сина афрӯхта буд.
Дар бӯсагаҳи рӯи ту бо шӯру ҳавас
Ҳарфу сабақи ошиқӣ омӯхта буд.

Ҳоло, ки ману ту навҷавонем, биё,
Чун шохаи нахли ормонем, биё.
Як рӯз аҷал зи мо шавад домангир,
То қасди аҷалро биситонем, биё.

Бо ёди ту мурғи хоб аз дида бирафт,
Оҳуи дили хароб нолида бирафт.
Зебосанами умр ба бозӣ-бозӣ
Аз шохи гули ҷавониям чида бирафт.

Дасти аламi ту бар дилам панҷа занад,
Рӯди ғами ту ба соҳилам панҷа занад.
Боди ҳавасу фироқу навмедии ту
Ҳар ҷо ки равам, ба манзилам панҷа занад.

Бас тирашаби фасли тамуз охир шуд,
Бас олами дарду доғу сӯз охир шуд.
Як умри дароз интизорат будам,
Навбат ки ба мо расид, рӯз охир шуд.

Дар дафтари ту номаи ман мемонад,
Ашки аламi хомаи ман мемонад.
Ҳайфо, ки ту қадри дил нахоҳӣ донист,
Доғи ту ба дилномаи ман мемонад.

Рафтию хаёли ту нарафт аз дили ман,
Хуршеди ҷамоли ту нарафт аз дили ман.
Дар мӯи сарам сафедӣ афтод, вале
Армони висоли ту нарафт аз дили ман.

Дарё ба шитоб аз дарам мегузарад,
Акси ту бувад, к-аз назарам мегузарад.
Ҳар гаҳ, ки зи мавҷи кокулат ёд орам,
Сад мавҷи хаёл аз сарам мегузарад.

Сад қисса кунам ҳасрати ғамҳои туро,
Бар дида ниҳам хоки қадамҳои туро.
Дар ишқи ту мурда-мурда, охир бубарам
То хоки лаҳад доғу аламҳои туро.

Чашмам, ки ба чоки синаи гул афтод,
Сад рахна ба девори таҳаммул афтод.
Гуфтам, ки лабам ниҳам ба гулбарги тараш,
Оташ ба дили ҳазини булбул афтод.

Як рӯз ту аз пои равон мемонӣ,
Аз файзи баҳори комрон мемонӣ.
Ин нукта шунидаам замоне зи падар:
«Аз хеш чу монӣ, аз ҷаҳон мемонӣ».

Дар боми фалак ғунчаи ахтар нашукуфт,
Як ҷуръаи май ба даври соғар нашукуфт.
Аз ҳаҷри ту бедор нишастам то рӯз,
Доғи дили ман ба рӯи дафтар нашукуфт.

Лабханди ту хандаи баҳорам бодо,
Рӯи ту гуле зи лолазорам бодо.
Санге, ки будӣ шоҳиди рози дили мо,
Баъди сари ман лавҳи мазорам бодо.

Андӯҳу аламрасидаам дар ишқат,
Заҳробаи ғам чашидаам дар ишқат.
То зулфи сухан ба ёди ту шона занам,
Сад бори қалам кашидаам дар ишқат.

Дарёи равон ғазалсаро мегузарад,
Огаҳ зи ҷунуни дили мо мегузарад.
Ҳарчанд хамӯшем чу санги соҳил,
Сад рӯди дамон аз дили мо мегузарад.

Аз роҳату хоби худ гузаштам бахшат,
Аз ҷому шароби худ гузаштам бахшат.
Сад доғу алам кашидаам боиси ту,
Аз ҷони хароби худ гузаштам бахшат.

Рухсори ту чун лолаи айни саҳар аст,
Ёди рухи ту ҳамеша пеши назар аст.
Аз бодаи васли хеш сармастам соз,
Зеро ки баҳори ошиқӣ даргузар аст.

Аз ишқи ту мисли лола доғам, эй гул,
Оташбасаре мисли чароғам, эй гул.
Чун боди баҳор меравӣ кӯи ба кӯ,
Аммо накунӣ гузар зи боғам, эй гул.

Ҳиҷрони ту сад ғуссаву оҳам дода,
Ду чашми ҳамеша сӯи роҳам дода.
Бо ин ҳама пиронасариҳо ишқат
Дар хонаи хеш сарпаноҳам дода.

Дар сар ҳаваси рӯи ту дорам имшаб,
Майли хами абрӯи ту дорам имшаб.
Як умр тавофи Каъба созад мардум,
Ман саҷда зи дил сӯи ту дорам имшаб.

Дардо, ки гули баҳори мо зард шуда,
Пажмурда зи гарди ҳасрату дард шуда.
Кошонаи дил кӯи фараҳмандон буд,
Ин лаҳза зи ҳаҷри дӯстон сард шуда.

Дар чашми замона чун ҳубобем, дареғ,
Бишкаста чу нақши рӯи обем, дареғ.
Ин қадр саманди зиндагӣ тез равад,
К-айёми гузаштаро наёбем, дареғ.

Бе ёвару ғамхор ба ҷое нарасем,
Бе заҳмати бисёр ба ҷое нарасем.
Эй он, ки равонаем бар кӯи мурод,
Бе пиру мададгор ба ҷое нарасем.

Ҳангомаи накҳати баҳор аст имшаб,
Дил масти висолу ҳусни ёр аст имшаб.
Аз шарму ҳаёву бӯсаи лабсӯзам
Рухсораи ёр лолазор аст имшаб.

Сӯзи ғами ишқи ту зи ҷонам наравад,
Маҳтоби умед аз осмонам наравад.
Имрӯз ҳама фасл зимистон бошад,
Гармии лабонат аз лабонам наравад.

Дар оташи ғам дили фигорам сӯзад,
Дар роҳи ту чашми интизорам сӯзад.
Бе чеҳраи ҳамчу лолаи наврӯзат
Гулҳои умеди навбаҳорам сӯзад.

Бе ту алами маро набошад охир,
Фарёди ғами маро набошад охир.
Он қадр ба ишқи хеш кардӣ обам,
Ашки қалами маро набошад охир.

Имрӯз, ки абри даргузар гирён аст,
Ҳар шохаву нахли гулбасар гирён аст.
Шуд ваъдаи дидору наёмад ёрам,
Аз ғусса дилу ҷону ҷигар гирён аст.

Як рӯз ятиму бенаво мард шавад,
Як рӯз даво маро ҳама дард шавад.
Сад шӯълаи Офтоб дар ҷунбиши дил,
Андӯҳу ғамо, ки оқибат сард шавад.

Дардову ғамо, кабоб гаштам бе ту,
Побастаи сад азоб гаштам бе ту.
Дар дору мадори зиндагонӣ охир
Гумкарда сари ҳисоб гаштам бе ту.

Эй моҳ, туӣ боиси худсӯзии ман,
Эй оҳ, туӣ насибаву рӯзии ман.
Дар тирараҳи замони ноосуда,
Эй шеър, туӣ шамъи худафрӯзии ман.

Бас тоҷварони даҳр бетоҷ шуданд,
Ҳотамсифатон ҳақиру мӯҳтоҷ шуданд.
Бас сафшиканони хӯрда зарби жола
Чун шохаи сархамидаи коҷ шуданд.

Аз дарду ғами замона доғам имрӯз,
Чун лавҳи хазондидаи боғам имрӯз.
Шуд зиндагӣ аз кӯрдилон тиракабо,
Оташбаҷигар мисли чароғам имрӯз.

Дар мулки вафо тухми ҷафо афтода,
Оташ ба қаламрави ризо афтода.
Овораи сад мулки ҷаҳон гардиданд,
Гӯё, ки ба сар санги қазо афтода.

Дар кишвари хештан ҳама ғамзадаем,
Афсурдадилу ҳақиру мотамзадаем.
Аз дасти бародарони худ доғ шуда,
Бо қалби ҳазину дидаи намзадаем.

Аз ҷаҳли худ овораву музтар гаштем,
Эй додари ҷон, ба хуни ҳам тар гаштем.
Рӯ ҷониби ҳамдигар гирифта сангар,
Саргаштатаре зи рӯзи маҳшар гаштем.

Пироҳани заъфарон ба бар боғ гирифт,
Шодӣ бигузашту ҷои он доғ гирифт.
Булбул ба ҳазор нағма мезад чаҳ-чаҳ,
Бинмуд фирору ҷои он зоғ гирифт.

Ҳаргиз талаби давлату сармоя макун,
Дил шефтаи даҳри фурӯмоя макун.
Сарсабзии нахли умр дурӯза бувад,
То битвонӣ, такя ба ҳар соя макун.

Ин кӯҳнасаро зи хуни мо тар гашта,
Сад санги ҷафо ба пои мо ҷар гашта.
Аз хасм бақои дӯстӣ чашм мадор,
Ҳарчанд ки хасми мо бародар гашта.

Имрӯз ба дил ҳавои рухсори ту аст,
Майли чамани шукуфтарухсори ту аст.
Рӯ тофта буд агарчи дӯш аз бари ту,
Имрӯз биё, бубин, ки дил зори ту аст.

Ин абри баҳор як аламбор гузашт,
Озурдадилу ҳазину ғамдор гузашт.
Бар ёд баҳори рафтаи умр омад,
Аз ҷону дилам неши қаламхор гузашт.

Рӯзи сафари ту рӯзи боронӣ буд,
Сӯзи дилу ашки дида арзонӣ буд.
Бо рафтани ту ҷону дил аз тан мерафт,
Рухсори туро дами гулафшонӣ буд.

Чашмони ту обию нигоҳи ту хуш аст,
Дуздида нигоҳи гоҳ-гоҳи ту хуш аст.
Ҳар гаҳ ки зи пеши дидаам мегузарӣ,
Оҳанги хиромидани роҳи ту хуш аст.

Баъди ману ту ҷаҳон дигар хоҳад шуд,
Шабҳои сияҳ боз саҳар хоҳад шуд.
Нахли ғами ишқи ту ба ногаҳ рӯзе
Аз хоки мазори ман бадар хоҳад шуд.

Аз пардакашиҳои қамар метарсам,
Аз тирасариҳои саҳар метарсам.
Сарсабзии киштаҳо дилам бурда, вале
Аз абри сиёҳи даргузар метарсам.

Ҷонона биё, файзи саҳар мегузарад,
Айёми шубоб бехабар мегузарад.
Сармасти карашмаи ту бозӣ-бозӣ
Рӯзе зи ҷаҳони дил Сафар мегузарад.

Умре зи пайи вафо давидем, аҷаб,
Аз умр вале вафо надидем, аҷаб.
Бигзашт баҳори зиндагонӣ, аммо
Аз боғи умед гул начидем, аҷаб.

Эй олами бахту лолаи наврӯзам,
Ду чашми ҳавас ба сӯи ту медӯзам.
Ҳарчанд надорӣ заррае меҳру вафо,
Як умри дароз баҳри ту месӯзам.

Бар ҷону дилам шӯру шарор афтода,
Дил дар пайи ёри гулъузор афтода.
Оҳуи ду чашму хандаатро дида,
Сайёди дилам пайи шикор афтода.

Эй шеър, давоми умри кӯтоҳи манӣ,
Дар ҳар қадаме анису ҳамроҳи манӣ.
Аввалсуханӣ ба базми шодию тараб,
Дар лаҳзаи ғам ту сӯзи ман, оҳи манӣ.

То дил надиҳӣ, ба қадри дилбар нарасӣ,
То раҳ набарӣ, ба қадри раҳбар нарасӣ.
Дар шоми фироқ то насӯзӣ чун шамъ,
Бар қадри нигоҳи нозпарвар нарасӣ.

Дар рӯи ту субҳи навбаҳорон бинам,
Дар мӯи ту мавҷи обшорон бинам.
Дар хандаи ту нишони иқболу умед,
Шодию нишоти рӯзгорон бинам.

Дунёи пур аз умеду армон, хоҳар,
Гулғунчаи тарфи боғу бустон, хоҳар.
Сарманзили обод насибат гардад,
Умри ту бувад ҳамеша хандон, хоҳар.

Садбаргию сад барги умедат хоҳам,
Покию сафои моҳу шедат хоҳам.
Имрӯз, ки меравӣ ба даргоҳи мурод,
Эй хоҳари ҷон, бахти сафедат хоҳам.

Мо мардумаки дидаи айёми худем,
Равшангари роҳи тираи шоми худем.
Бунёд намуда хаймаи меҳру вафо,
Дар роҳи ҳаёти хеш хайёми худем.

Бас тоҷварони даҳр бетоҷ шуданд,
Ҳотамсифатон ҳақиру мӯҳтоҷ шуданд.
Охир, ки ба саф намонда худ сафшиканон,
Пажмурда ба мисли гули вартоҷ шуданд.

Эй дил, ба ҳавои хандааш ҳайронӣ,
Эй дида, ба роҳи омадаш пазмонӣ.
Эй оҳ, туро фурӯ нишонам то кай?
Эй сабр, бигӯ, куҷо ту саргардонӣ?

Эй дӯст, насиб хотири шодат бод,
Сарпанҷаи иқболи худододат бод.
Ҳар ҷо, ки равам, дилам бувад пазмонат,
Ай кош зи ман ҳам нафасе ёдат бод.

Эй ҳамдами деринаи ман, боз биё,
Хушлаҳчаву бекинаи ман, боз биё.
Рафтию кабоби роҳи ишқат гаштам,
Чун меҳр ту бар синаи ман боз биё.

Дар шоми умеди худ шабаҳро монам,
Дар ғамкадаҳо мавҷи фараҳро монам.
Дар печухами замони каҷдорумарез
Барсангхӯриҳои қадаҳро монам.

Дар гулшани умр гаҳ гулу гаҳ хорем,
Гаҳ масти нишотему гаҳе ғамдорем.
То номи накӯ зи мо бимонад боқӣ,
Дар мазраи дил дони вафо мекорем.

Ҳар лаҳза ба чашми ман дигар метобӣ,
Покиза чу лолаи саҳар метобӣ.
Гоҳе ки хиромон биравӣ аз пешам,
Монандаи кабки  даргузар метобӣ.

Чун обаки чашма умри мо даргузар аст,
Чун хандаи барқ як дами пуршарар аст.
Эй кош, ки дарди ишқ ёрат гардад,
Он гуна, ки дар ниҳоди поки Сафар аст.

Наврӯзи ҳаёту гулфишонат гузарад,
Бахту тарабу умри ҷавонат гузарад.
Коҳидаву дилхуншудаву зору ҳазин
Аз гулшани умр мурғи ҷонат гузарад.

Дилхуншудаву ҳазину ошуфта манам,
Сад санги ҷафо дидаву носуфта манам.
Монанди қалам хамӯшиям фарёд аст,
Шеъру ғазалу мисраи ногуфта манам.

Сабзинанигори ман, чаро дур шудӣ,
Бар тори муҳаббатам ту ноҷӯр шудӣ?
Дилро ба ҳавас нисори роҳат кардам,
Ҳайфо, ки ба ҳусни хеш мағрур шудӣ.

Аз беҳунарӣ айбу гунаҳ меҷӯӣ,
Доғ аз рухи офтобу маҳ меҷӯӣ.
Боре нагузаштаӣ зи даргоҳи ҳунар,
Дар ҷодаи зиндагӣ ту раҳ меҷӯӣ.

Рӯзе, ки дилам барои ту шайдо шуд,
Сад шӯру шаре ба синаам пайдо шуд.
Аз дур ниҳоли қомататро дида,
Маҷнуни нигоҳ ошиқи Лайло шуд.

Рафтию ба сӯзу соз ёдат кардам,
Эй ғунчаи тарфи боғ, ёдат кардам.
Бе шамъи рухи ту тирарӯзе гаштам,
Эй шӯълаи шабчароғ, ёдат кардам.

Акси рухи ту куҷо равад аз ёдам,
Дар шоми ғамат хастадилу ношодам.
Чун рӯд равӣ зи соҳилам бепарво,
Аз доғи ҷудоият ба сад фарёдам.

Эй моҳ марав, ки тира гардад чашмам,
Камбину ғамину хира гардад чашмам.
Дар баҳри сиришки талху шӯрам охир,
Монандаи як ҷазира гардад чашмам.

Пеши назарам ба ноз меоӣ боз,
Бо хандаи дилнавоз меоӣ боз.
Сархам сари турбати туам зору ҳазин,
Дар ёд чӣ дилнавоз меоӣ боз.

Шоми аламам саҳар надорад, чӣ кунам?
Сӯзи қаламам шарар надорад, чӣ кунам?
Ҳарчанд кабоби роҳи ишқат гаштам,
Ҳайфо, ба дилат асар надорад, чӣ кунам?

Рафтию зи дида хоби нозам бурдӣ,
Аз мулки фараҳ навою созам бурдӣ.
Пеши ту дари даргаҳи дил во кардам,
Эй беғами ман, олами розам бурдӣ.

Даргоҳи падар пур аз гули зард шудаст,
Ҷону ҷигараш нишемани дард шудаст.
Ҳарчанд ки бо меҳр сухан мегӯяд,
Дардо, ки дилаш аз ин ҷаҳон сард шудаст.

Дар субҳи нахусти рамазон рафт падар,
Бишнида даме бонги азон рафт падар.
Дар дида сиришки ҳасрату доғ ба дил,
Рӯ ҷониби мулки ҷовидон рафт падар.

Ӯ рафту дилам нарафт аз пеши дараш,
Пеши назарам хезу хами пеши бараш.
Ҳамсӯҳбату ҳамнишини шабҳоям шуд,
Ёди хушу афсонаи лабҳои тараш.

Дар косаи шири зиндагӣ доғ афтод,
Дар пардаи сирри бандагӣ роғ афтод.
Булбул зи чаман кушод боли парвоз
Дар боғ даме, ки қар-қари зоғ афтод.

Мерафту дилам қатори ӯ раҳ мерафт,
Дар сина зи меҳрубонияш таҳ мерафт.
Сар бар дари остони меҳраш мемонд,
Вақте ки чу маҳ даруни хиргаҳ мерафт.

Лабханди сапеда бар шумо хуш бодо,
Хуршеди дамида бар шумо хуш бодо.
Бо нағмаи булбулону бо накҳати гул
Ин субҳи расида бар шумо хуш бодо.

Дарёи муҳаббатам талотум дорад,
Сад шӯр чу май дар шиками хум дорад.
Бо чашми ҳавас ба осмонам бинигар,
Дар пардагаҳаш ҳазор анҷум дорад.

Пеши ту дилам арзи садоқат кардаст,
Чашмам ба тамошои ту одат кардаст.
Ду дидаи ман ҷои қадамҳои туро
Чун Каъбаи ошиқӣ зиёрат кардаст.

Ҷону тани ту дард набинад, эй дӯст,
Чашми ҳавасат гард набинад, эй дӯст.
Дасти ту, ки дасти мардумон мегирад,
Худ миннати номард набинад, эй дӯст.

Бе рӯи ту рӯзи равшанам тор шавад,
Бе рӯи гулат умеди ман хор шавад.
Ин тифлаки нозпарвари армонам
Бе дасти муҳаббати ту бемор шавад.

То накҳати гул зи кӯчабоғам бигузашт,
Хокистари оҳ аз димоғам бигузашт.
То қатраи об бар лабам боз расад,
Сад шӯъла зи оташи чароғам бигузашт.

Ғамкушта кунам ёди туро, модари ҷон,
Як тика ғамат ҳамеша андар бари ҷон.
Баъди сари ту дигар сарам савдоист,
Бо ин сари савдоӣ ятимам ба ҷаҳон.

Аз ҳаҷри ту дилкабобам, эй модари ҷон.
Дар панҷаи сад азобам, эй модари ҷон.
Эй кош бубинамат ба серӣ боре,
Як бор биё ба хобам, эй модари ҷон.

Чашмам ба хаси лолаи девори падар,
Доғам зи тани хаставу афгори падар.
Чун хоб равам, сиёҳиам панҷа занад.
Шабҳои дарозу чашми бедори падар.

Эй деҳаи ман, аҷаб ту дилкаш шудаӣ,
Аз сабзаю себарга мунаққаш шудаӣ.
Айёми ҷавонию гулафшонии умр
Дар мавҷаи лола мурғи оташ шудаӣ.

Монандаи панҷаҳои як даст будем,
Аз файзи баҳору ҳамдилӣ маст будем.
Будем ҷудо агар чу чил кокули ёр,
Бо риштаи ҷон валек пайваст будем.

Аз рӯи падар деҳанишин гашта будам,
Побастаи киштаву замин гашта будам.
То сер шавам зи дони ҳарфу суханаш,
Дар хирмани меҳр доначин гашта будам.

Дар деҳа гули умеду армонам буд,
Сад мулки фараҳ ба зери фармонам буд.
Гоҳе ки ҳазину хастадил мегаштам,
Панди падарам давою дармонам буд.

Ошуфтаи чашму гули андоми туам,
Дилсӯхта чун чароғ дар шоми туам.
Асло накунам ҷудоӣ аз даргоҳат.
Монанди кабӯтари лаби боми туам.

Аз омадани баҳор дил вола шуда,
Саршор зи шабнам қадаҳи лола шуда.
Бо куртаи сабзу хандаи гулҳояш
Саҳро чу рухи духтари қинғола шуда.

Рафтию дилам зи рафтанат хун гашта,
Селоби сиришки ман чу Ҷайҳун гашта.
Бо ёди ту шаҳболи умеду ҳавасам
Сад пуштаву кӯҳу дашту ҳамун гашта.

Дар базми дилам бодаи гулгун дорам,
Тӯфони балохез чу Ҷайҳун дорам.
Афсонаи мову дил надорад охир,
Сад қисса зи достони Маҷнун дорам.

Мерафту маро ду чашми масташ мехонд,
Дастони сафеди гулпарасташ мехонд.
Ҳар байту ҳиҷову ҳарфи асрори дилам
Монанди китоби рӯи дасташ мехонд.

Аз рафтани навбаҳори худ менолам,
Аз доғи дили фигори худ менолам.
Буд қомати ман мадори дунё вақте,
Аз қомати бемадори худ менолам.

Булбул ба чаман тарона оғоз кунад,
Ифшо бари ғунча пардаи роз кунад.
Шаҳболи ду абрӯи хаматро дида,
Мурғи дили ман ҳавои парвоз кунад.

Фарёд, ки дил намерасад бар додам,
Ҳарчанд, яқин, мешунавад фарёдам.
Маъзури манат, эй дили ғампарварда,
Ҳар лаҳза туро сад ғами дигар додам.

Дар ҷодаи ишқ нақши поят боқист,
Дар гӯши дилам авҷи садоят боқист.
Ҳарчанд ҷаҳон пур шуда аз васфи рухат,
Дар қалбу ҳарими дида ҷоят боқист.

Сарманшаи нуру рӯшноӣ чашмат,
Сарчашмаи меҳру ошноӣ чашмат.
Ин дам, ки фалак ситорарезӣ дорад,
Олудаи хоби субҳгоҳӣ чашмат.

Тасбеҳи муҳаббатат шумурдам чанде,
Ғамбодаи ҳиҷрони ту хӯрдам чанде.
Бо ёди баҳори сабзи армонҳоят
Бори ҳаваси рӯи ту бурдам чанде.

Бому дари ишқу рӯзгорам Ватан аст,
Сарманшаи меҳру ҳусни ёрам Ватан аст.
Ҳар сангу хазафпораи он ганҷи ниҳон,
Лабханди шукуфаю баҳорам Ватан аст.

Дороии ман давлати Дороям буд,
Болоии ман тахти Бухороям буд.
Сарқанди Самарқанду зару тиллояш
Шеъру сухану ҳикмати волоям буд.

Сарсахтии ман зи сангу хори Ватан аст,
Сарсабзиам аз шукуфазори Ватан аст.
Сармояи ман муҳаббати хору хасаш,
Сармастиям аз ҳусни баҳори Ватан аст.

Дар авҷи само ба Каҳкашон сарбасарам,
Бо қавзи кузаҳ дар осмон сарбасарам,
Асло ту магӯ, ки Тоҷикистон хурд аст,
Дар нанги Ватан ба сад ҷаҳон сарбасарам.

Санге зи раҳи Кӯҳи Фурӯшам надиҳам,
Асрори ту, эй Шаҳи Хамӯшам надиҳам,
То ҳаст сутунам қалами шеъру сухан,
Гарде зи қаламрави Курушам надиҳам.

Хӯрдам ғами ту, нахӯрдӣ асло ғами ман,
Ҳайфо, нашудӣ ту ҳамдилу ҳамдами ман,
Дастам зи даруни гӯр монад берун
Бо ёди ту, эй фариштаи олами ман.

Эй беғами ман, ғами туро парвардам,
Бо сӯзи гарон ками туро парвардам.
Мерехт ба дашти шона борони ҳавас,
Ман қатраи шабнами туро парвардам.

Бе тори вафо сози фараҳ ҷӯр нашуд,
Бе чашми ту дил салтанати нур нашуд.
Азбаски вафосириштаи ишқ манам,
Аз даргаҳи ту мурғи дилам дур нашуд.

Бе замзамаи рӯди равон маҳзунам,
Бе хандаи хуршеди ҷаҳон маҳзунам.
Аз боҳамии пиру ҷавон сармастам,
Аз беғамии пиру ҷавон маҳзунам.

Эй мому падар, ки аз барам дур шудед,
Дар хотири ман чу шохаи нур шудед.
Будед чу ҳаммарому ҳамдил умре,
Дар хоки мазори деҳа ҳамгӯр шудед.

Дар ишқи ту ғамкашидае нест чу ман,
Андӯҳу аламкашидае нест чу ман.
Дар роҳи муҳаббату вафодории ту
Заҳробаи ғам чашидае нест чу ман.

Дар панҷаи умр оқибат чанг задам,[1]
Чун оҳани афтода ба раҳ занг задам.
Мурғони сари шохи дарахтон бахшед,
Ман боре агар ба сӯятон санг задам.

Бикшодадилӣ матои қимат бошад,
Хуррам дили мардони баҳиммат бошад.
Ҳар лаҳзаи умри мо шитобон гузарад,
Чун хандаи гул ҷаҳон ғанимат бошад.

Хуршеди дами саҳар будӣ, ҷӯраи ҷон[1],
Устоди раҳи ҳунар будӣ, ҷӯраи ҷон.
Дар олами бевафо вафодор будӣ,
Ҳарчанд ки раҳгузар будӣ, ҷӯраи ҷон.

То давлати васли ту насибам гардид,
Андӯҳу ғаму бало қарибам гардид.
Сад шукри дурахши наҷми ишқат гӯям,
Як раҳбаладӣ раҳи наҷибам гардид.

Кӯки нигаҳам ба роҳи ту канда шавад,
Як мушт дилам ба доғ афканда шавад.
Атри нафасат гар гузарад аз сари дил,
«Ин мурдаи садсола зи нав зинда шавад».

Бодоми лаби ҳотаи ту гулбез аст,
Аз мавҷи гули нигоҳ рангомез аст.
Дарёфтам аз хандаи хуршеди ҷаҳон,
Гаҳ ханда мисоли ханҷари хунрез аст.

---

[1] Чанг задан – хамидақомат, бемадору хастаҷон гардидан.
[1] Ёде аз ғижжакнавози мумтоз, шодравон Ҳасан Собир.

Ҷантоқи сари раҳаш бароям тоқ аст,
Пӯшу бияҳаш раҳи маро муштоқ аст.
Ҷамбилаку пӯдинаву кокутии тар
Атри чамани биҳиштии қишлоқ аст.

Эй олами ноз, интизори ту будам,
Бо сӯзу гудоз интизори ту будам.
Сад шебу фароз дорад ин гардиши умр,
Як умри дароз интизори ту будам.

Доғам зи ғамат, ҳамеша доғам зи ғамат,
Дилсӯхтае мисли чароғам зи ғамат.
Чун сарви равон чӣ нозанин мегузарӣ,
Ман синаи хушкидаи боғам зи ғамат.

Гулбазми баҳори ишқи мо ҳам бигузашт,
Афсонаи рӯзгори мо ҳам бигузашт.
Чун хандаи гул ба панҷаи боди сабо
Айни фараҳу хумори мо ҳам бигузашт.

То дидаи боз бар дарат ҳаст маро,
Сад олами роз дар барат ҳаст маро.
Ояд ба сарам тирашаби сарду сиёҳ,
Уммеди рухи чун қамарат ҳаст маро.

Эй шоҳи қаламрави хаёлам, ту биё,
Эй моҳи самои безаволам, ту биё.
Ҳар шаб ба хаёли ту равам кӯи ба кӯ,
Аз роҳи қаламрави хаёлам, ту биё.

Ин партави маҳ сӯфи сафеди тани ту,
Сад хирмани гулшукуфта дар домани ту.
Монанди сабо масти шамими ҳавасат,
Ҳар дам гузарам зи кӯчаву барзани ту.

Аз гӯшаи дури ёдҳо меоӣ,
Печида ба тори бодҳо меоӣ.
Чун ишқаки бебарори дар нимараҳам
Бо оҳу ғам аз ниҳодҳо меоӣ.

Имрӯз, ки хастаҳолу озурдатанам,
Чун тортане ба даври худ тор танам.
Рӯзе, ки зи дори зиндагӣ даргузарам,
Дӯзед аз он сӯфи сафедаш кафанам.

Дар хотираҳои ман лаби ҷар боқист,
Фарёду даводаву паропар боқист.
Аз элчаи кафтарони рамхӯрда ҳанӯз
Пар-пар задани боли кабӯтар боқист.

Дар боғи дилам баҳор доман мезад,
Гулҷӯши рухи нигор доман мезад.
Дар хирмани маҳтоби гули рухсораш
Ҳусни чамани диёр доман мезад.

Дил оташи ғамсӯз бароят кардам,
Сад шоми сияҳ рӯз бароят кардам.
Дар тирамаҳи умр ба андӯҳу алам
Ёди гули наврӯз бароят кардам.

Қишлоқаки ман баҳор дар бар дорад,
Гултоқии лолазор бар сар дорад.
Дар базми ситоразори шабҳангомаш
Аз сӯфи сафеди моҳ чодар дорад.

Аз накҳати пӯшу бияҳаш маст шавам,
Аз атри бушолу гияҳаш маст шавам.
Аз ҷунбиши майсаҳои наврустаи деҳ,
Аз тути сафеду сияҳаш маст шавам.

Бӯи суману мушку раёҳин дорад,
Сад ёду хаёли гарму ширин дорад.
Дар навдаи токи шохи ар-арҳояш
Қишлоқаки ман хӯшаи Парвин дорад.

Дар хотири ман хате зи роҳат монда,
Хандон гули хайрии нигоҳат монда.
Толеи[1] азизи ман, ба хилватгаҳи ёд
Савти хуши чашмаи шифоят монда.

Ҳар сабзаи он бӯи муаттар дорад,
Хори сари роҳияш гули тар дорад.
Чун элаки занбӯри тани гулхораш
Дар синаи кӯҳу ҷар кабӯтар дорад.

Саҳрову талаш саҳар, ки шабнам дорад,
Ҳар зарра дурахши меҳри олам дорад.
Аз файзи муҳаббаташ ба ин обу замин
Олучаи пурмева сари хам дорад.

Ҳоҷат набувад ба мушку анбар ин ҷо,
Форам бивазад насими сар-сар ин ҷо.
Гӯё ки сутуни барқади гардун аст
Ҳар нахли сафедору санавбар ин ҷо.

Як деҳаи хурди рӯи раҳ деҳаи ман,
Ҳамсӯҳбати ахтарону маҳ деҳам ман.
Аз пайраҳаи Сардараҳо меояд,
Бӯи гулу сабзаю гияҳ, деҳаи ман.

---

[1] Толеъ – зодгоҳи шоир.

Ин пушта, ки сад намуди ғармаш дорад,
Ҳар шоха намои мавҷи оташ дорад.
Ишқи гули рухсораи хайринигаҳе
Бо ин дили хастаам кашокаш дорад.

Санҷид ба канори раҳ, ки ҳамсоли ман аст,
Ҳамқисмати бовафою ҳамболи ман аст.
Хушкида зи сарду гармиҳои ҳастӣ,
Афтода канори раҳ ба аҳволи ман аст.

Қишлоқаки дар пуштаи бармолии ман,
Ҷои ҷаву гандуму пали шолии ман.
Баъди падарам хати сипораш гум шуд,
Шуд пушта мисоли дафтари холии ман.

Даврони ҷавониам аҷаб рангин буд,
Дар деҳа агарчи зиндагонӣ қин буд.
Бо решаи заргиёҳу гулхору бияҳ
Ширчои саҳаргоҳии мо ширин буд.

Як умри дароз дил бувад шайдоят,
Як ошиқи дилнавози кампайдоят.
Бо риштаи нури худ навозад хотир
Қандили ситоракӯб дар шабҳоят.

Бо решаи заргиёҳу гулхору бияҳ,
Бо барги бушолу фарку пӯдинаи раҳ
Меёфт шифо агарчи сад дарду бало,
Бар дарди дилам будӣ даво ними нигаҳ.

Ишқи ману ту фасона шуд байни ҳама,
Сад қиссаи бекарона шуд байни ҳама.
Ҳар оҳи кашида, лаҳзаи танҳоӣ,
Оҳанги хуши тарона шуд байни ҳама.

Дастони ту рангбаста аз хуни ман аст,
Гесӯи шикаста баҳри афсуни ман аст.
Зулфони хами шикан-шикан дар шиканат
Ҳамқисмати қалби зору маҳзуни ман аст.

Бар дидаи офтоб гардем ҳама,
Аз обу гили шодию дардем ҳама.
Бо ин ҳама дарду доғу камзарфии худ
Умре ба талошу дар набардем ҳама.

Дар ишқ агар гуноҳ кардем, гузашт,
Фарёду фиғону оҳ кардем, гузашт.
Дар печухами ҳаёт аз нодонӣ
Ҳар лаҳза гар иштибоҳ кардем, гузашт.

Ин шӯру шару шитоби мо мегузарад,
Ҳангомаю инқилоби мо мегузарад.
Аз рафтани зиндагӣ чӣ нолам, охир
Афсонаи шаҳкитоби мо мегузарад.

Эй шоҳи қаламрави хаёлам, ту биё,
Эй моҳи қаламрави хаёлам, ту биё.
Биншаста ба шабдези нафасҳо нафасе,
Аз роҳи қаламрави хаёлам ту биё!

Имрӯз биё, навис як мисраи тар,
Дар шоми сиёҳҷома ё сӯфи саҳар.
Ин лаҳза, ки меравад, куҷо боз ояд,
Магзор ту кори хеш бар вақти дигар.

Дар сина ҳазор шавқу шӯрат бодо,
Афрошта парчами ғурурат бодо.
Як бор чароғи умри мо механдад,
Садрангии ишқи пурсурурат бодо.

Ҳар омадане ҳавои рафтан дорад,
Ҳар мурғи чаман навои гуфтан дорад.
Дар гулшани ҳастии назар боз бубин,
Ҳар ғунча таманнои шукуфтан дорад.

Дар мамлакати ишқ баҳор аст имшаб,
Авҷи фараҳу айшу хумор аст имшаб.
Оҳанги салою ояти меҳру вафо
Дар ҷону дили ду беқарор аст имшаб.

Эй ҳамдаму ғамгусори дил, боз биё,
Эй хандаи навбаҳори дил, боз биё!
Пазмони ту ин дили хуморӣ шабу рӯз,
То бишканадам хумори дил, боз биё!

Покиза чу навбаҳор будӣ вақте,
Ошуфтаю беқарор будӣ вақте.
Дар гармии оташи танӯри дили ман
Сурхида чу лолазор будӣ вақте.

Гармии лабонат аз лабонам наравад,
Шаҳди суханат зи ҷисму ҷонам наравад.
Аз марҳамати ишқи ту соҳибзафарам,
Хуршеди муҳаббати ҷавонам наравад.

Шаб дар бағалаш тифли саҳар парварда,
Ҳар нахли ҳавас ба худ самар парварда.
Шоир, ки ғазалсарои ишқи Ватан аст,
Меҳраш ба дилу ҷону ҷигар парварда.

Ҷону дилу дидаам ба ту пайванд аст,
Мурғи ҳавасам ба тори зулфат банд аст.
Дар оинаи хаёл сӯят нигарам,
Оинаи ёди ман зи ту хурсанд аст.

Сатри хати роҳи пуштаҳо кӯр шудаст,
Зеро зи қалампои раҳам дур шудаст.
Он хирману «Майдаё»-ву маҳтобшабон
Ёди хушу хотироти машҳур шудаст.

Ҷӯши дили чашмасор дар синаи ман,
Ҳусни чамани диёр дар синаи ман.
Аз қомати болои сафедоронаш
Сарви қади он нигор дар синаи ман.

Меши ҳавасам адири ишқат хоҳад,
Кӯҳу тали дилпазири ишқат хоҳад.
То шабнами сабзаҳои меҳрат чинам,
Ҳамранги само ҳарири ишқат хоҳад.

Гул аз бағали диёр овардам ман,
Ҷону дили беқарор овардам ман.
Аз қомати сабзи навниҳоли лаби ҷӯ
Ёди хуши он нигор овардам ман.

Хуршеди дами саҳар будӣ, модари ман,
Пурнур ту дар назар будӣ, модари ман.
Бо докаи сап-сафеди каҷбастаи худ
Олучаи гулбасар будӣ, модари ман.

Оҳангу тарона савти дилҷӯи ту буд,
Сад шеъру тарона байти абрӯи ту буд.
Дар манзараи баҳори ҳуснат ҳама маст,
Дунёи фасона ҳусни хушрӯи ту буд.

Сад шукр, Худо сари баландам додаст,
Ёрони азизу арҷмандам додаст.
То меҳру муҳаббати худ изҳор кунам,
Завқи сухану китоби пандам додаст.

Оғӯши Ватан тарабфизо ҳаст маро,
Сарманшаи сад нуру зиё ҳаст маро.
Бо хоку ҳавояш гули шодӣ хандад,
То салтанати мулки ризо ҳаст маро.

Истора ба боми каҳкашонам набувад,
Осудадилӣ ба мулки ҷонам бувад.
Он қадр ба роҳи ишқ афсурда шудам,
Дар рӯи замин дигар нишонам набувад.

Дар сурхии нохуни ту хуни дили ман,
Дар ҳалқаи зулфи ту ҷунуни дили ман.
Аз дайри муғони синаат оташи ишқ
Бинӣ, ки аланга зад даруни дили ман.

Вақте ки баҳор гулфишонӣ мекард,
Гардун сару савдои ҷавонӣ мекард,
Биншаста ба сояи гули олуча,
Модар ба дуо шукри амонӣ мекард.

Маҳвораи дидаам ба моҳат нарасид,
Бар гардиши чашмони сиёҳат нарасид.
Дар ишқи ту ғамкашидае нест чу дил,
Ҳарчанд ба гарди рӯи роҳат нарасид.

Камҷуръату пуртаҳаммуле нест чу ман,
Савдозадаи ҳусни гуле нест чу ман.
Дилро зи ғамаш дар қафасе ҷо кардам,
Байти қаламии сунбуле нест чу ман.

Бахши ту бикардаам қаламфарсоӣ,
Кардам ба раҳи ишқ қадамфарсоӣ.
Дардо, ки ба гӯши дилат оҳам нарасид,
Ин лаҳза ману доғи аламфарсоӣ.

Эй рӯди равон, қарори худ гум кардӣ,
Осудагию барори худ гум кардӣ.
Дорӣ ҳама дам байти ҷудоӣ бар лаб,
Ё ҳамдами беқарори худ гум кардӣ?!

Лабханди ту ҳусни навбаҳор овардаст,
Гул аз бағали кӯҳи диёр овардаст.
Дар ишқ дигар ҳазину музтар нашавам,
Мижгони хамидаи ту бор овардаст.

Ин накҳати гул, ки аз чаман меояд,
Бо атри шукуфаю суман меояд.
Дар куртаи сабзи навбаҳору гули тар
Хандида чу ёри гулбадан меояд.

Розат шараре зи лолазори дили ман,
Нозат самаре зи навбаҳори дили ман.
Аз кӯҳи фироқи ишқ монӣ охир
Санги сияҳе рӯи мазори дили ман.

Бо ҷабру ҷафоҳои ту одат карда,
Рӯ ҷониби кишвари саодат карда.
То ошиқи поку бовафоям хонӣ,
Дил Каъбаи ишқро ибодат карда.

Чун хирмани хотироти худ бод кунам,
Эй даргаҳи меҳр, ман туро ёд кунам.
Як умри дароз меҳрам ғамхоят
Бошад, ки ба ногаҳе туро шод кунам.

Дар ҷодаи ишқ нақши поят боқист,
Дар гӯши дилам бонги садоят боқист.
Ҳарчанд ҷаҳон ҷо шуда андар дили ман,
Дар хонаи дил валек ҷоят боқист.

Нақши кафи пои ман ба роҳи Газа[1] шуд,
Бас ёди хушеву дилкаши бомаза шуд.
Дар кӯҳу талаш ҳазору як хотираҳо
Ширин ба мисоли кулчаи боҷаза шуд.

Дар хам-хами зулфи ту нигоҳам пар зад,
Як ҷуфти кабутари сиёҳам пар зад.
Саргарми ҷавонӣ аз барам бигзаштӣ,
Аз пушти ту тифли оҳу воҳам пар зад.

Эй очаи ҷон, биё, ки дилгир шудам,
Аз дору мадори зиндагӣ сер шудам.
Бо ту ҳама шодии ҷаҳон буд маро,
Бе ту зи алам нишонаи тир шудам.

Бар ҳусни баҳори дилкашат вола шудам,
Ҳамнолаи най ба пуштаву ёла шудам.
Бигзашт баҳори ошиқии ману ту,
Монандаи доғи соғари лола шудам.

Ҳамвора дили фигор моро дар ишқ,
Ду дидаи интизор моро дар ишқ.
Бо ёди ту чун ошиқи печон печам,
Армони дами висол моро дар ишқ.

Як олами пурфасона дорам бахшат,
Шеъру ғазалу тарона дорам бахшат.
То роҳи муроди ту бигардад равшан,
Оташ ба танӯри сина дорам бахшат.

---

[1] Газа- мавзеъ, роҳест дар деҳаи Толеи Нави н. Мӯъминобод.

Ҳайфо, ба раҳи вафо ту ёрам нашудӣ,
Истора ба осмони торам нашудӣ.
Бар кӯи ғами ишқи ту рӯ овардам,
Эй беғами ман, ту ғамгусорам нашудӣ.

Гул хандазанон ба кӯҳу дашт омадааст,
Гулчӯши баҳору ҳусни Рашт омадааст.
Хайрӣ ба ҳавас аҷаб қад афрохтааст.
Бархез, ки айни сайругашт омадааст.

Дар сояи «Чатри гул»[1] баҳори дили ман,
Фасли чаману нишони хори дили ман,
Бедарду алам наяст ҳарфу суханам,
Ҳар байту ҳиҷо бувад мазори дили ман.

Монанди пари фаришта меборад барф,
Пар-пар зада, ришта-ришта меборад барф.
Чун барги ситораи хами кокулҳот
Дар куҳу адиру пушта меборад барф.

Он ҳамдилу ғамгусори ман мемонад,
Дар кишвари эътибори ман мемонад.
Ҳарчанд ки мерасад хазонрези ҳаёт,
Фасли гули рӯзгори ман мемонад.

[1] «Чатри гул»-унвони китоби шоир

# ДУБАЙТИҲО

Ду абрӯи ту мастам мекунад боз,
Ду чашмат майпарастам мекунад боз.
Бароят ҳар шабе сад раҳ бимирам,
Вале ишқи ту ҳастам мекунад боз.

Гули нашкуфтаармонам ту будӣ,
Бинои шӯҳрату шонам ту будӣ.
Дилу ҷонам дигар бо ҳам наёяд,
Ки пайванди дилу ҷонам ту будӣ.

Биё, ҳамболу ҳампарвози ман бош,
Дилогоҳу аниси рози ман бош.
Чу аз торе намеояд садо хуш,
Биё, ҳамҷӯру ҳамоовози ман бош.

Ту будию будам бо ту сарафроз,
Бароят мекашидам бори сад ноз.
Ту рафтию ҳама шодии ман рафт
Мисоли мурғи оташ рӯ ба парвоз.

Ду чашми ман ба роҳат буд вақте,
Ду дастам такягоҳат буд вақте.
Агар бе ҳамсафар монӣ, ба ёд ор,
Сафар пушту паноҳат буд вақте.

Чу шабнам майли боғам карду бигзашт,
Чу бӯи гул суроғам карду бигзашт.
Ба нозу ишваю ширинадоӣ
Зи дурӣ доғ-доғам карду бигзашт.

Зи ҷурми мо савоби мо зиёд аст,
Зи сабри мо шитоби мо зиёд аст.
Дар ин печидароҳи зиндагонӣ
Зи тоби мо итоби мо зиёд аст.

Ҳама аз дарду ғам нолем гоҳе,
Ҳама аз бешу кам нолем гоҳе.
Зи рӯзи рафта парвое надорем,
Зи ёре бо алам нолем гоҳе.

Яке аз бахти худ болида бигзашт,
Яке аз қисматаш нолида бигзашт.
Ба пои зиндагӣ ҳар кас ба навъе,
Дилу чашму сараш молида бигзашт.

Шабу рӯзам ба ёди ту гузашта,
Ба ёди хам-хами абрӯ гузашта.
Ба қадри ишқи ҳам рӯзе расидем,
Ки умри мо чу оби ҷӯ гузашта.

Само истораборон аст имшаб,
Дами шодии ёрон аст имшаб.
Ҳама хонед шеъри ошиқона,
Шаби шабзиндадорон аст имшаб.

Зи оғӯшам ҷавонӣ рафт охир,
Замони гулфишонӣ рафт охир.
Шудам то шаҳсавори орзуҳо,
Саманди зиндагонӣ рафт охир.

Дилам майли сари кӯи ту дорад,
Хаёли ҳусни дилҷӯи ту дорад.
Ман аз он ошиқи фасли баҳорам,
Ки бо худ нусхаи рӯи ту дорад.

Замин пӯшида бар тан ҷомаи нав,
Ҷаҳон дорад аҷаб ҳангомаи нав.
Дареғо, баъд аз ин ҳаргиз наёяд
Ҳакими Тӯсию «Шаҳнома»-и нав.

Аҷаб шӯре ба сар дорӣ, ту, дарё,
Маро шӯридасар дорӣ, ту, дарё.
Аз он гум кардаӣ сабру қарорат,
Ки чун умрам гузар дорӣ, ту, дарё.

Куҷо рафтӣ, биё ки бе ту доғам,
Намонда нахли хушҳолӣ ба боғам.
Дар ин дашти ҷудоӣ ҳамчу лола,
Саропо оташам, нури чароғам.

Ватан – кошонаи ишқу умедам,
Ватан – сарманшаи бахти сафедам.
Ватан бошад маро бо бекаронӣ
Замину осмону моҳу шедам.

Ба ишқи ту диламро вола кардам,
Замини орзуро мола кардам.
Дами пирӣ ба ёди ишқи аввал,
Ҷавонӣ гуфтаму сад нола кардам.

Саропо олами нозӣ ту, эй гул,
Зи ҳусни худ сарафрозӣ ту, эй гул.
Бинозам кокулони майдабофат,
Ба тори қалби ман созӣ ту, эй гул.

Нигоҳе ҷониби мо карду бигзашт,
Чу оҳу майли саҳро карду бигзашт.
Камонабрӯ ба нози ошиқона
Шикори ҷони шайдо карду бигзашт.

Илоҳо, ҳусни рӯят кам нагардад,
Сари мӯе зи мӯят кам нагардад.
Дар ин печидароҳи зиндагонӣ
Умеду орзуят кам нагардад.

Туро мехоҳам, эй бекинаи ман,
Нигори хушқаду сабзинаи ман.
Ғубори пириям дар мӯ фитода,
Ҷавону дилкашӣ дар синаи ман.

Ғами ту аз дилам кай мешавад дур,
Аё эй бевафои шӯху масрур?
Замоне мебарам сӯзи ғаматро
Даруни синаи худ бар дили гӯр.

Чаро умре ту сармасти шаробӣ?
Чаро бедарду ғам осуда хобӣ?
Ҷавониро зи каф додӣ ту арзон,
Шигифто, ки варо дигар наёбӣ.

Чӣ озармеву озори ту дидам,
Ба дил сад наштари хори ту дидам,
Миёни талху шӯриҳои қисмат
Дили худро гирифтори ту дидам.

Биё, пазмони рухсори ту гаштам,
Ба ҷону дил харидори ту гаштам.
Дареғо, ки туро озурда будам,
Биё, ин лаҳза, ки зори ту гаштам.

Замоне рӯи ту наврӯзи ман буд,
Нигоҳи гарми ту ғамсӯзи ман буд.
Дар ин як умри кӯтоҳе, ки дидам,
Дами ҷонбахш бо ту рӯзи ман буд.

Ту будӣ олами афсонаи ман,
Сафои бахту ганҷи хонаи ман.
Даме чун офтоб аз ман гузаштӣ,
Надорад гармие кошонаи ман.

Дили абри баҳорӣ нам гирифта,
Самои хотирамро ғам гирифта.
Хурад бахше ғами худро ба олам,
Маро дарду ғами олам гирифта.

Чу ман дилдодае дигар наёбӣ,
Ҷавони содае дигар наёбӣ.
Ту ҷӯёи зару симӣ ба олам,
Маро ҳаргиз ба симу зар наёбӣ.

Баҳоре буду ёреву хуморе,
Дили шайдову чашми интизоре.
Ба ҳасрат мову ту гум карда будем
Дар ин хилватсаро сабру қароре.

Дилат умре ҷавон бодо, илоҳо,
Баҳорат бехазон бодо, илоҳо.
Нагардад тори мӯе аз сарат кам,
Сари ту дар амон бодо, илоҳо.

Саманди зиндагӣ умре равона
Зи саҳрои вуҷуди бекарона.
Бидидам андар ин гардуни гардон
Ҷаҳонгире намонда ҷовидона.

Лаби рӯди равон биншастаам ман,
Ҳазину дилгарону хастаам ман,
Басе рӯде гузашта аз сари мо,
Хумори ошиқӣ нашкастаам ман.

Паноҳат бар Худо, эй ёри ҷонӣ,
Ки бо ман ҳамнасибу роздонӣ,
Надорад зиндагӣ паймони комил,
Ту дар андешаҳои ҷовидонӣ.

Нигоҳи чашми обият маро кушт,
Ҷамоли офтобият маро кушт.
Худо садсола гардӣ, эй суханбоз,
Ки ин ҳозирҷавобият маро кушт.

Баҳори гулфишони мо ғанимат,
Висоли дилситони мо ғанимат.
Аё сабзинаи ҳаждаҳбаҳора,
Баҳори бехазони мо ғанимат.

Шабу рӯзам ба ёди ту гузашта,
Ғаму сӯзам ба ёди ту гузашта.
Чӣ асроре гули рӯи туро буд,
Ки наврӯзам ба ёди ту гузашта?!

Ту аз дил шиква дорӣ, ман зи дилбар,
Ту масти сарватӣ, ман масти соғар.
Дар ин даҳри дудар гардид равшан –
Набошад одамӣ бо ҳам баробар.

Замоне шӯру мастӣ доштам ман,
Ҳавои гулпарастӣ доштам ман.
Гули истора мечидам зи гардун,
Диле моил ба ҳастӣ доштам ман.

Рухи сабзинаатро нозам, эй гул,
Дили бекинаатро нозам, эй гул.
Парешон мӯйҳои анбарафшон
Ба дӯшу шонаатро нозам, эй гул.

Ба болинат даме биншинам имшаб,
Зи лабҳои тарат гул чинам имшаб.
Намедонам, пагаҳ ҳастем, ё на?
Бимон, то бахти худро бинам имшаб.

Сабо бӯи гули тар карду бигзашт,
Димоғамро муаттар карду бигзашт.
Баҳори нозанини сабздоман
Ҳавои кӯи дилбар карду бигзашт.

Ту армону ту дармони дили ман,
Ту шӯру шавқу паймони дили ман.
Ба ҳар ҷоеву ҳар гоҳе ки бошам,
Бувад ишқи ту имони дили ман.

Биё, нуру сафои хонаам шав,
Шукӯҳи олами афсонаам шав.
Дилам девонаи ишқи ту гашта,
Табиби ин дили девонаам шав.

Муҳаббат сафҳаи рангини мо буд,
Муҳаббат худ ғами ширини мо буд.
Ба нархи ҷон ғаму дардаш харидем,
Муҳаббат чашми оламбини мо буд.

Замоне нозбардорам ту будӣ,
Сафои бахти бедорам ту будӣ.
Шукуфо гашта ҳамчун ғунчаи гул,
Умеди дидаи чорам ту будӣ.

Баҳорон бо гули рӯи ту дилкаш,
Чаман бо атри гесӯи ту дилкаш.
Парафшон дар назаргоҳи хаёлам
Парастуи ду абрӯи ту дилкаш.

Баҳори нозбӯ хуш омадӣ, хуш.
Баҳори рангу бӯ хуш омадӣ, хуш.
Ба дил сад орзуе мекунад гул,
Баҳори орзу хуш омадӣ, хуш.

Замоне масти дидори ту будам,
Ба ҷону дил харидори ту будам,
Ба ҳусни хеш нозидӣ, гузаштӣ,
Замоне нозбардори ту будам.

Биё, ки бе ту осоиш надорам,
Сари осуда дар болиш надорам.
Ба мисли шамъ месӯзам, валекин
Ба худ печидаву нолиш надорам.

Фурӯғи лолаи саҳронишин хуш,
Тамошои нигори маҳҷабин хуш.
Агарчанде раҳи кайҳон кушодем,
Барои мо вале рӯи замин хуш.

Ба рухсори ту холе чун адас буд,
Ду чашмат масту саршори ҳавас буд.
Ба нархи ҷон туро будам харидор,
Дареғо, гул миёни хору хас буд.

Рухат чун лолаи субҳи баҳорӣ,
Ду чашми раҳзанат масту хуморӣ.
Диламро бурдаӣ бозӣ ба бозӣ,
Дигар имрӯз парвояш надорӣ.

Аё дарё, шитобонӣ шабу рӯз,
Ба лаб сад шӯру исёнӣ шабу рӯз.
Зи пуштат байти сарсабзӣ бирӯяд,
Суруди зиндагӣ хонӣ шабу рӯз.

Туро, эй моҳу парвин, ёд кардам,
Туро, эй ёри дерин, ёд кардам.
Ба ёди байти абрӯи ту, эй гул,
Ҷавонӣ гуфтаму фарёд кардам.

Дилат сарманзили шӯру шарар бод,
Раҳи фардои умрат бехатар бод.
Равонӣ сӯи фардо бо дили пур,
Муҳаббат бо ту умре ҳамсафар бод.

Баҳор омад, фаровон шуд сияҳгӯш,
Сафои кӯҳсорон шуд сияҳгӯш.
Шукуфта боғи дилҳо чун гулистон,
Арӯси рӯзгорон шуд сияҳгӯш.

Ду рухсори аноратро бинозам,
Ду чашми пурхуморатро бинозам.
Баҳорон хуфта будӣ дар канорам,
Канори чун баҳоратро бинозам.

Ду ошиқ мешавад ҳамхона имшаб,
Чу ҷуфти кафтари ҳамлона имшаб.
Ба бахти наварӯсу шоҳи хушбахт
Садо бидҳад лаби паймона имшаб.

Гаҳе аз дил, гаҳ аз дилбар бинолем,
Гаҳе аз сар, гаҳ аз сарвар бинолем.
Ба гирди хеш мегардем умре,
Вале аз гардиши меҳвар бинолем.

Китоби умри мо афсурда гардад,
Анори дил зи ғам афшурда гардад.
Дар ин пайроҳаи душвори ҳастӣ
Ҳазорон пои рав озурда гардад.

Туро шавқу ҷунуну шӯру шар чист?
Шикасти мавҷ бо акси қамар чист?
Раҳорах кам шавӣ чун умри инсон,
Аё дарё, ғурури бесамар чист?

Муроди ҷустуҷӯҳоям ту будӣ,
Нишони гуфтугӯҳоям ту будӣ.
Ба ёдат мешудам гӯё паровар,
Худои орзуҳоям ту будӣ.

Ҷавонӣ ҷовидон ҳаргиз набошад,
Баҳоре бехазон ҳаргиз набошад.
Ба ҳусни худ маноз охир ту, эй гул,
Ки умре кас ҷавон ҳаргиз набошад.

Сару савдои дунё бекарон аст,
Баҳори ошиқиҳо бехазон аст,
Кашад як зумра бори хеш танҳо,
Ба дӯши ман вале бори ҷаҳон аст.

Биё, бе ту дили ошуфта дорам,
Ба кунҷи сина рози хуфта дорам.
Биё, боре шунав афсонаи дил,
Ҳазорон қиссаи ногуфта дорам.

Дилам побанди гесӯи ту бошад,
Нигоҳам ташнаи рӯи ту бошад,
Парастуи хаёлу ормонам
Парафшон доимо сӯи ту бошад.

Нигоҳи чашми хуммори ту хуш буд,
Гули хандони рухсори ту хуш буд.
Агарчи сад ҷафоятро кашидам,
Ҳама озарму озори ту хуш буд.

Шитобон меравӣ аз соҳили ман,
Аё гулғунчаи номоили ман.
Ба ҳасрат аз ғамат гӯям шабу рӯз:
«Дили ман, эй дили ман, эй дили ман».

Замони баргу бори ту гузашта,
Дами фасли баҳори ту гузашта.
Бирафтӣ аз каноре бар каноре,
«Ҷавонӣ аз канори ту гузашта».

Дами фасли ҷавонӣ ҳам ғанимат,
Гузашти зиндагонӣ ҳам ғанимат.
Дамодам хурдани тири ҷафое
Зи абрӯи камонӣ ҳам ғанимат.

Маро сӯзу табу шӯру шарар беҳ,
Сафои бахту хуршеди саҳар беҳ.
Бигир он чӣ ту мехоҳӣ зи дунё,
Маро аз зиндагӣ панди падар беҳ.

Куҷо рӯде варо соҳил набошад?
Куҷо сӯзе варо ҳосил набошад?
Чаро беҳуда менолӣ ту аз ғам?
Ғаме аз беғамӣ мушкил набошад.

Баҳори оламафрӯзат муборак,
Сафои бахти фирӯзат муборак.
Аё, эй лолаи саҳрои умрам,
Шукуфон бош, наврӯзат муборак.

Ту оғозу туӣ анҷомам, эй ишқ,
Туӣ шӯру табу исёнам, эй ишқ.
Ҷаҳони дил мунаввар аз ту бошад,
Туӣ хуршеди нурафшонам, эй ишқ.

Сухан аз меҳри ёрон гуфтаам ман,
Зи ишқи гулъузорон гуфтаам ман.
Нахушкад то зи беобӣ ду соҳил,
Сухан аз обшорон гуфтаам ман.

Туӣ дунёи сад афсонаи ман,
Умеди ин дили девонаи ман.
Зи бемеҳрии ту рӯзе баногаҳ
«Зи ҳасрат пур шавад паймонаи ман».

Вафо дорӣ, биё ёрӣ намоем,
Русуми ишқро ҷорӣ намоем.
Агар дар сина дорӣ порае дил,
Биё, то ҳар ду дилдорӣ намоем.

Замину осмонат дар амон бод,
Дили дардошноят шодмон бод.
Камондоро, камон аз даст бигзор,
Давоми умри ту рангинкамон бод.

Туӣ дунёи рози синаи ман,
Аё эй дилбари сабзинаи ман.
Ҳама дар зиндагӣ ҷӯёи ганҷ аст,
Дар ин дунё туӣ ганҷинаи ман.

Ману парвона бедорем имшаб,
Ба дил шӯру шаре дорем имшаб.
Ба даври шамъи рухсоре парафшон
Зи ҳоли ҳам хабардорем имшаб.

Ту меоиву ҳар дам меравӣ боз,
Зи барги гул чу шабнам меравӣ боз.
Маро побастаи ғамҳо намуда,
Чаро бедарду беғам меравӣ боз.

Чароғи хонаам то рӯз месӯхт,
Пари парвонаам то рӯз месӯхт.
Зи гармии нигоҳи оташинат
Дили девонам то рӯз месӯхт.

Чу оташ олами нуру сафо шав,
Раҳоварде зи дунёи вафо шав.
Агар некӣ намеояд зи дастат,
Бурун аз макру найрангу ҷафо шав!

Гули нашкуфтаармонам ту будӣ,
Фари ман, шӯҳрату шонам ту будӣ.
Дилу ҷонам дигар бо ҳам наояд,
Ки пайванди дилу ҷонам ту будӣ.

Куҷоӣ, эй ҳабибу ҳамдами дил,
Биё, як лаҳзае бар олами дил.
Дареғо, мерасӣ рӯзе ба ҳасрат,
Сияҳшоле ба сар, дар мотами дил.

Ҳама афсонаю афсуни дил рафт,
Шукӯҳу шавқи рӯзафзуни дил рафт.
Надидам ғамгусореро ба мислаш,
Шикан андар шикан Ҷайҳуни дил рафт.

Бубин чашми ба раҳ вомондаи ман,
Каҳу дони ба саҳро мондаи ман.
Замоне ҳамчу шамъи хира сӯзӣ,
Аё, эй ёри танҳомондаи ман.

Ҷаҳони дил надорад нур бе ту,
Надорад рӯди ҳастӣ шӯр бе ту.
Дар ин дунёи бепаймону ғамбор
Куҷо гардам даме масрур бе ту?!

Гули рӯи ту бе ман хор гардад,
Саҳаргоҳат чу шоми тор гардад.
Замоне, ки шавӣ бечораи умр,
Ду чашми ту ба роҳам чор гардад.

Рухи чун арғувонат мебарад дил,
Парешон кокулонат мебарад дил.
Дубайтӣ гуфтанам беҳуда набвад,
Ду байти абрувонат мебарад дил.

Ба мижгону ба рӯям гарди роҳ аст,
Ба дил фарёду шавқи сад гуноҳ аст.
Чу лабханди чаман бигзашт умрам,
Рухи зардам нишони тирамоҳ аст.

Биё, ки бенасиб аз ишқ монем,
Наой, мо ғариб аз ишқ монем.
Диёри ишқро мерос васл аст,
Набояд бетабиб аз ишқ монем.

Хаму печу хатар дорад раҳи ишқ,
Шаби тору саҳар дорад раҳи ишқ.
Ба гӯши чашма боди раҳгузар гуфт,
Хатар дорад, хатар дорад раҳи ишқ.

Ғами ишқат барад моро ба гардун,
Ба оҳу нолаву бо шӯру афсун.
Дар ин печидараҳ печидаҳолист,
Зи шодияш бувад андуҳаш афзун.

Шунав оҳанги мурғи нағмапардоз,
Саҳаргаҳ чун кушояд боли парвоз,
Нигаҳ бинмо, бигӯяд хандаи гул,
Ки фасли гул бувад чун аспи дартоз.

Ба дил сад шӯру исён дорӣ, эй рӯд,
Дами бетоби нисён дорӣ, эй рӯд.
Агарчи дар назар ором тобӣ,
Сари ҳар мавҷ тӯфон дорӣ, эй рӯд.

Сафо мехезад аз хоки муҳаббат,
Вафо резад зи афлоки муҳаббат.
Ҷаҳон як зарра гарди роҳи ишқ аст,
Ману ин олами поки муҳаббат.

Қалам донад сару савдои моро,
Ғами пайдову нопайдои моро.
Набошад роздоне хуштар аз ӯ
Дили ғамкуштаву шайдои моро.

Сару савдои дунё беасар нест,
Дарахти ошноӣ бесамар нест.
Шаби ҳиҷрон расад рӯзе ба поён,
Вале шоми ғарибонро саҳар нест.

Намонад раҳнаварде нимаи раҳ,
Намонад ғамшарике бе панаҳгаҳ.
Худовандо, ба даргоҳи азизе
Намонад ҳамдиле дар пушти погаҳ.

Ҷавонӣ ҳадяе аз Кирдугор аст,
Дилам бо ёди ту зору низор аст.
Гаҳе бо худ, гаҳе аз худ гурезон,
Ҷаҳони орзу афсонабор аст.

Сарахбори суруди ман ту будӣ,
Сафои оби рӯди ман ту будӣ.
Ту будиву ҷавонӣ буду шодӣ,
Ҳама буду набуди ман ту будӣ.

Зи оби чашма гирам шӯру мастӣ,
Зи гулхори сари раҳ гулпарастӣ.
Занам сар бар фалак чун боду борон,
Бишӯям то ғубори кӯйи ҳастӣ.

Ҷаҳон дилбар бувад чун моҳрӯён,
Сафопарвар бувад чун моҳрӯён.
Ба ҳар як ҷилвааш сад олами роз,
Накӯахтар бувад чун моҳрӯён.

Самои хотирам намреза дорад,
Ҳавои синаам ғамреза дорад.
Чаро беҳуда бигрезӣ зи ҳастӣ,
Ки мавҷи зиндагӣ сад хеза дорад.

Замони интизориҳо сар омад,
Дами дилбеқарориҳо сар омад.
Ба пеши қомати сабзи ту охир
Сарафшониву зориҳо сар омад.

Баҳори орзуи дил гузашта.
Хумори рангу бӯи дил гузашта.
Шудам саргарми бозиҳои қисмат,
Ҷавонӣ аз барам ғофил гузашта.

Сухан, дору мадори ман туӣ, ту,
Анису ғамбарори ман туӣ, ту.
Набигзорӣ маро танҳо замоне,
Сухан, шамъи мазори ман туӣ, ту.

Аниси ҳамдигар будем вақте,
Чушамсеву қамар будем вақте.
Ба ҳам печида дар шохи ҳавасҳо,
Гули шомусаҳар будем вақте.

Баҳоре бо ту ҳулбӯ чида будам,
Зи кӯҳу аз лаби ҷӯ чида будам.
Гули лабсӯзи ишқи оташинат
Зи лабҳои ту хушрӯ чида будам.

Шаби меъроҷу розам бо малак буд,
Нигоҳам аз фалак то бар самак буд.
Ба ёди гардиши чашми сиёҳат
Ба гардуни дилам чархофалак буд.

Бинои ишқи мо нимкола монда,
Таги борону барфу жола монда.
Яке гардад сарафрози раҳи ишқ,
Ба мо андӯҳу оҳу нола монда.

# ЧАҲОРПОРАҲО

Зиндагӣ дорад ҳисоби хешро,
Хомаву дарсу китоби хешро.
Лаҳзаҳои обхези рӯзгор
Ҳар ки во созад ниқоби хешро.

Аз дилам чашмаи ғам сар задааст,
Балки дарёи алам сар задааст.
Сарсафедии мани хуничигар
Аз сиёҳии қалам сар задааст.

Гул ханда ба лаб, расид, бархез,
Айёми тараб расид, бархез.
Бо панҷаи сабзи хеш Наврӯз
Аз домани шаб кашид, бархез!

Бо падар хуш рӯзгоре доштам,
Қудрату зӯру мадоре доштам.
Ҷоми ҷамшедии саршори фараҳ
Аз ҷаҳони хушгуворе доштам.

Ғамкашу меҳрубони ман, рафтӣ,
Қуввати ҷисму ҷони ман, рафтӣ.
Офтоби ҷаҳони ман – Модар,
Ҳасрато, аз ҷаҳони ман рафтӣ.

Ҳасрато, навбаҳор мегузарад,
Умр чун шаҳсавор мегузарад.
Хандаи лола доғҳо бар дил,
Бо дили беқарор мегузарад.

Мӯи ман гардид ҳамранги кафан,
Дар вафодориву дар ишқи Ватан.
Тору пудам риштаи меҳру вафост,
Ку вафодоре дар ин дунё чу ман?!

Сӯзи ишқат аз дили зорам нарафт,
Ашки ғам аз чашми намдорам нарафт.
Сад баҳор охир шуду омад хазон,
Гул бирафту наштари хорам нарафт.

Лолаи саҳронишин оҳи ман аст,
Ҳамдилу ҳамқисмати роҳи ман аст.
Ҳарду рӯзе ханда бар лаб меравем,
Ғамшарики ман, дилогоҳи ман аст.

Дар миёни шоҳпули зиндагӣ
Бишнавам савти дуҳули зиндагӣ.
Лаҳзаҳои нобарорӣ, ногаҳон
Бар сар ояд зоғнӯли зиндагӣ.

# СУХАНРЕЗА

Аз ҷони ба лабрасида навмед наям,
Аз лаъли лаби ту ноумедам, ҳайфо.

* * *

Чароғи лоларо боди саҳаргоҳӣ ба бозӣ кушт,
Ба ёди хандаи гулҳо ба ҳасрат мегазам ангушт.

* * *

Ҷуз мурдарег нест ҳама молу сарватат,
Мекӯш то ки ганҷи муҳаббат фузун шавад.

* * *

То дами даргаҳи хуршед гузаргоҳи ман аст,
Чӣ маҳӣ, ки наравӣ аз дари хуршед гаҳе.

* * *

Оқибат монад аз ин даҳри дурушт
Рӯи гӯри мо фақат хоке ду мушт.

* * *

Аз теғи нигоҳи беғамон метарсам,
Аз тири адӯи бекамон метарсам.

* * *

Ба ҷуз гиёҳи алам аз дилам намерӯяд,
Чӣ метавон, ки ҳама хоки ин замин хун аст.

* * *

Эй ёри хушдимоғ, маранҷонаму маранҷ,
Ин зиндагӣ кирои ҷудоӣ намекунад.

* * *

Биё, ҷонам фидои пар-пари зулфи парешонат,
Сияҳрӯзам макун чун сурмаҳои нӯги мижгонат.

* * *

Ҳеҷ медонӣ, ки Маҷнун бо саги Лайло чӣ гуфт?
– Хоки пои бовафоён сурмаи чашми ман аст.

* * *

То назаргоҳи дилам он наргиси масташ бувад,
Моҳии иқболи ман як умр дар шасташ бувад.

* * *

То барги гулу сабзаи боғистон аст,
Як нахли умеди ман ба Доғистон аст.

* * *

Дар замини сина нахли орзу парвардаам,
Сад чаман боғи ҳавас аз рангу бӯ парвардаам.

* * *

То ҳиноосо шабе андар кафи ёре шавам,
Зарбаҳое хӯрдаам аз санги ҷабри зиндагӣ.

* * *

Аз файзи навбаҳорон атри суман бихезад,
Аз пушти хомаи мо гарди сухан бирезад.

* * *

Кинаҳо аз синаҳо берун кунед,
Меҳри худро парчами гардун кунед.

# МУНДАРИЧА

## ҚИБЛАИ АРМОН

Ватан....3
Тоҷикистон....4
Қиблаи армон....5
Каъбаи меҳр....6
Ғам мехӯрам....7
Сарманшаи эҷод....8
Хатлон....9
Меҳробод....10
Ҷаҳони ман....11
Меҳр....12
Чашмаи Толеъ....13
Буд аҷаб дунёи афсона....14
Ҳасрати Фирдавсӣ....15
Худфиребӣ....16
Имтиҳон....17
Ҳамрангӣ....18
Оҳномаи харобаҳои Ҳулбук....19
Ҷафодида....21
Ҳамдард....22
Ғамгусор....23
Ёди деҳа....24
Даъват....25
Некномӣ....25
Таманно....26
Бебақо....27
Пардагаҳи роз....28
Падруди тирамоҳ....29
Айёми дигар нест....29
Тавалло....30
Подош....31
Самар....32
То сухан бошад чу авзои замон....33

Фитрати шоирӣ ........................................ 34
Инсон ........................................ 35
Ситораи бекас ........................................ 35
Беватан ........................................ 36
Даргоҳи бахт ........................................ 37
Ханда ........................................ 38
Ҳамсояҳо ........................................ 39
Дасткӯтоҳ ........................................ 40
Ғурурпеша ........................................ 41
Гӯри танҳо ........................................ 42
Девона ........................................ 43
Сабақи зиндагӣ ........................................ 44

НАКҲАТИ НАВРӮЗ

Баҳори кӯҳистон ........................................ 45
Хуш омадӣ ........................................ 46
Марҳабо ........................................ 47
Табли шодӣ ........................................ 48
Сабзмоҳ ........................................ 48
Навбаҳорон ман ба дунё омадам ........................................ 49
Шукрона ........................................ 50
Ғазали наврӯзӣ ........................................ 51
Наврӯз омад ........................................ 52

СУФРАИ МЕҲР

Раҳовард ........................................ 53
Шаҳриёр ........................................ 54
Чароғи меҳр ........................................ 55
Ворис ........................................ 56
Оина ........................................ 57
Ҳампои кӯҳистон ........................................ 58
Роҳи сафедат хоҳам ........................................ 59
Ғамкушта ........................................ 60
Худафрӯз ........................................ 61
Ту шоирӣ ........................................ 62
Як ишора ........................................ 63

Сабзаи меҳр.......................................................64
Пазмони дидор.......................................................65
Ба раққоса.......................................................66
Садои ошно.......................................................67
Зиндаёд.......................................................68
Доғи лолазор.......................................................69

## ДАВЛАТИ САР

Доро̄й.......................................................70
Оинаи дунё.......................................................71
Падар.......................................................72
Модарон.......................................................72
Модар.......................................................73
Меҳри модар.......................................................74
Тӯшароҳ.......................................................74
Сипоснома.......................................................75
Момои Садаф.......................................................76
Симои модар.......................................................76
Қадамҷои модар.......................................................77
Меҳри модар.......................................................78
Орубон.......................................................79
Деҳқон.......................................................80
Поси намак.......................................................80
Умед.......................................................81
Тифли ман.......................................................82
Фарзанд.......................................................82

## КОХИ БЕГАЗАНД (силсила)

Мири Ҳамадон.......................................................83
Кохи бегазанд.......................................................84
Зиёратгоҳ.......................................................85
Ишора.......................................................86

## ШАМЪИ ГИРЁН

Ҳасрат.......................................................88

Ғамнома ........ 89
Суроғ ........ 91
Навҳаи модар ........ 92
Дилсӯхта ........ 93
Ханда ба лаб мешуда бошад ........ 94
Навҳа ........ 95
Муаллим ........ 96
Резад аз чашми интизорам об ........ 97
Уқоб ........ 97
Дилфигор ........ 98
Нахли шикаста ........ 99
Аламдор ........ 100
Ғамбода ........ 101

## ГУЛБОНГИ ИШҚ

Ҷавонӣ ........ 102
Гузашти умр ........ 103
Афсонаи чашм ........ 103
Ду ҳарф ........ 104
Дилбаста ........ 105
Дар раҳи деҳа гаҳ қадам монӣ ........ 105
Ёди ту ........ 106
Ин шеърро барои ту мегӯям ........ 107
Азбаски дар муҳаббат ........ 108
Аҷаб не гоҳ-гоҳе оварӣ бар гӯшаи хотир ........ 109
Гуфтам аз ишқ дигарбора нагӯям ҳарфе ........ 110
Аз нигоҳи пургуноҳи ман ........ 111
Лаҳзае бо дигаре дидам туро ........ 112
Миёни кӯчаи шаҳр аз бари ман ........ 112
Эй ошно… ........ 113
Ҷовидонӣ ........ 114
Сафедор ........ 114
Манзара ........ 115
Абр ........ 115
Камолот ........ 116
Ҳамсафар ........ 116
Деҳа ........ 117

Ба дарахти муҳаббатат печад ........ 117
Шояд, ки хобӣ ин замон........ 118
Ҳамчунон маҳпорае имрӯз ........ 118
Даъват........ 119
Шоҳтут ........ 120
Баргҳои хазон........ 120
Хобро бурд аз ман имшаб........ 120
Тирамоҳ асту баргрезон аст........ 121
Зимистон асту ҷут оҳиста ояд ........ 122
Ниҳоли ишқ........ 122
Шаби тӯйи арӯсӣ ........ 123
Бахт ёрат бод........ 124
Дили озурда........ 125
Хонаи меҳр........ 126
Илтиҷо ........ 127
Ганҷи нуҳуфта ........ 128
Баҳори рафта........ 129
Фолбин ........ 129
Нигоҳи саргардон........ 131
Дилам хоҳад........ 132
Нақши ёдҳо ........ 133
Ёди хуш ........ 134
Хоҳиш........ 135
Дилрабо ........ 136
Фасли сармо........ 137
Мурғе зи шохсор ........ 138
Сарпаноҳ ........ 139
Дуршуда ........ 139
Эй ишқ........ 140
Ношинос........ 140
Боз овози занги тилфон аст ........ 141
Арзи дил ........ 142
Дарди ишқ........ 143
Ҳуснгумкарда ........ 144
Хирмани ишқ ........ 145
Ёд ........ 146
Гуфта будам ........ 146
Озурдадил........ 147

Афсонавор ........ 148
Боздид ........ 149
Фарёдрас ........ 150
Пирӣ ........ 150
Таровиш ........ 151
Гулхандаи ишқ ........ 152
Умри нотакрор ........ 153
Сурати девор ........ 154

## ЗАМЗАМАИ ВАСЛ

Тӯйи навхонадорон ........ 155
Тӯёна ........ 156
Дилдода ........ 156
Дигар кӣ шавад ёрам ........ 157
Харидорӣ ........ 158
Дилбари хатлонӣ ........ 159
Айёми гул ........ 159
Бахти дурахшон ........ 160
Олами зебоӣ ........ 161
Меҳр ........ 162
Чаканпӯш ........ 163
Абри гузар ........ 163
Савти хуши Озода ........ 164
Соҳили бахт ........ 165
Менигарам сӯи ту ........ 166
Ману муҳаббат ........ 166
Гулғунчаи тагнобӣ ........ 167
Нимароҳи умр ........ 168
Дил накан ........ 169

## ГУЛАФШОН

Ман ишқи туро шиор кардам охир ........ 170
Зиндагӣ афсонабозор асту бас ........ 170
Аҳли дилро сӯҳбати зоғу заған бегона аст ........ 171
Садранг бувад умр ба пеши назари мо ........ 172
Дар дилам ишқи ту, эй болонишин, афтодааст ........ 172

Хаданги чашми ҷодуи ту бар ҷонам асар дорад ..................... 173
Дар замини синаи худ дони армон киштаам ........................... 173
Ҳусни дилҷӯи ту, эй покназар, моро кушт ............................ 174
Баъди ман хоҳам дар ин дунё нишон монад зи ман ..................... 174
Мани дар ишқ гирифтор туро меҷӯям .................................. 175
Хандаи хуршед марги шабнам аст ..................................... 175
Чашм бикшову бубин, файзи саҳар мегузарад .......................... 176
Ҳар киро, ки давлати бахтат муяссар мешавад ........................ 176
Зиндагии ман, ҷаҳони ман туӣ ....................................... 177
Чун дуд аз дили ман ишқи ту сар гирифта ............................ 177
Фасли гул мегузарад, лек шаҷар мемонад ............................. 178
Хоҳам, ки шавам ғарқаи дарёи муҳаббат .............................. 178
Ман зи ҳусни туву афсонаи худ метарсам ............................. 179
Ишқат, эй сабзина, обам кардааст ................................... 180
Қаламқошо, қади раънота садқа ...................................... 180
Кардаам дар ҳарами сина ниҳон ёдатро ............................... 181
Аз фаросат тифл комил мешавад ...................................... 181
Соли наву иқболи нав, эй ёр, муборак ............................... 182
Тахту бахту шаъну шони ман туӣ ..................................... 182
«Сина моломоли дард аст», эй Худо .................................. 183
Бо маҳалбозии худ омада бар ҳоли низор ............................. 183
Гулфишони зиндагию навбаҳоронро чӣ шуд .............................. 184
Ёр омад, беқарорам карду рафт ...................................... 185
Осудадилам умре ман дар бари Сарчашма ............................... 185
Алами мардуми Кӯлоб маро об кунад ................................... 186
Дар ҷабину чеҳраам ожангу чин афтодааст ............................ 186
Кинаҳо аз синаҳо берун кунед ....................................... 187
Ранҷу озори зиндагӣ гузарад ........................................ 187
Ин ҷаҳон косаи давреву ҳама даргузарем .............................. 188
Чашми дил бикшо, ки чашми сар фиребат медиҳад ........................ 188
Саҷдаи гул дидаам дар пеши хор ...................................... 189
Аз бахти шӯр мӯи сарам шӯразор шуд .................................. 190
Кай ту донӣ аламу сӯзи дили шайдоям ................................. 190
Гар надорӣ ҳиммати мардона, номардӣ макун ............................ 191
Дар ҷаҳони орзу афсонаҳо дорам ҳанӯз ................................ 191
Бахти хандону шукуфонӣ маро ......................................... 192
Он парирӯ гоҳ-гоҳе ки суроғам мекунад ............................... 193
Зиндагӣ бо ғаму бо шодии худ хуш бошад ............................... 193

Гӯшаи чашме, ки ба мо мекунӣ....194
Манзари дидаи ман сӯи ту боз аст ҳанӯз....194
Сармасти дунёи ҳавас он ҷо туву ин ҷо манам....195
Аз рӯи ҳамчу моҳе шукрона мекунам ман....195
Эй сабукборон, куҷо донед ҳоли зори мо....196
Магар аз ҳоли дили зор хабар дорӣ? Не!....196
Фасли ҳусни рӯи зебоят гузашт....197
Имрӯз дар ин гулшани ҳастӣ самарам нест....197

РУБОИҲО....198
ДУБАЙТИҲО....227
ЧАҲОРПОРАҲО....244
СУХАНРЕЗА....246

**Сафар Амирхон**

**ЧАРОҒИ МЕҲР**
*(мунтахаби ашъор)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 17.04.2014 супорида шуд.
Чопаш 20.04.2014 ба имзо расид. Андоза 60х84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16,0. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17 а

Дар матбааи ЧДММ «Нашри мубориз»» чоп шудааст.